

# ДАРЁИ МЕҲР

# ДАРЁИ МЕҲР

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2009

ББК 72,3+83,3(2 тоҷик)
Д-24

Мураттиб ва масъули чоп
**Пайванди Гулмурод**

Д-24 **Дарёи меҳр.** — Душанбе: «Адиб», 2009. - 136 саҳ.

Аз шодравон Баҳром Фирӯз (1939-1994)-и шоир, нависанда, публисист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии устод Айнӣ, ки 1-уми ноябри соли равон синни 70-ро пур мекард, шеъру ҳикоя, қиссаву роман, мақолаву нигошта ва хотираи неке монда. Дарёи меҳру муҳаббати ӯ, ки ба сӯйи дӯстон ҳамеша ҷорӣ буд, дар маҷмӯа қатрае аз меҳрномаи устодону ҳамкорон, дӯстону шогирдон гирдоварӣ шуда ва онҳо аз зиндагии пурсаодату эҷоди пурбаракат ва мактаби одамияти адиби накӯпиндору накӯрафтор ва накӯгуфтор ҳикоят мекунанд.

© Пайванди Гулмурод, 2009.

*МЕҲМОН БАХТӢ*
*раиси Иттифоқи*
*нависандагони Тоҷикистон*

## АДИБИ ХУШНОМУ ХУШКАЛОМ

Дар адабиёти ҷаҳон монанди Баҳром Фирӯз адибони зиёде дар овони ҷӯшу хурӯши эҷодӣ ин ҷаҳони орзую омолро падруд гуфтаанд. Яъне онҳо метавонистанд бештар аз пештар осори рагину пурғановатро ба ҳаводорони адабиёт пешниҳод намоянд. Дӯсти шодравони ман, адиби хушсалиқа ва соҳибистеъдод Баҳром Фирӯз аз зумраи ҳамин адибон буд. Ӯ уқоберо мемонд, ки дар авҷи парвоз сайёди бераҳм- аҷал болу парашро бишкаст.

Баҳром Фирӯз фаъолияти эҷодии худро аз шеър оғоз намуд. Пасон самара ва лаззати заҳмати эҷодашро дар наср чашид. Дар ин бахши офарандагӣ ба комёбиҳои намоён ноил гардид.

Баҳром баъди хатми Донишгоҳи омӯзгории Хуҷанд миёни шоирони ҷавони вилоят ва ҳам ҷумҳурӣ ном баровварда буд. Ҳар бор, ки аз роҳи телевизон барои сабти ин ё он муносибати хуш ба Хуҷанд сафар мекардам, ҳатман ба Баҳром вомехӯрдам. Вақти зиёде нагузашта Баҳроми ҷавон ҳамроҳи арӯси нозанинаш ба Душанбе кӯчиданд ва дар домани шаҳр ҳавличаеро соҳиб шуданд. Нахустмеҳмони ин Лайлию Маҷнун, яъне Саиднисо ва Баҳром шодравон Лоиқ ва ман будам. Лайливу Маҷнун ишора кардани ман сабаби воқеӣ дорад, зеро хонадоршавии онҳо низ қиссаи аҷоибе дорад ва шояд дар ин китобе ёддошт аз ҷониби шоҳидони дигар ин ҳангомаи шавқангез ишора ёфта бошад.

Бо Баҳром Фирӯз миёнаи солҳои ҳафтодуми асри пешин ҳамроҳ дар телевизион кор кардем. Ман ба ҳайси

сармуҳаррири бахши адабию драма ва Баҳром муовини сармуҳаррир. Пасон барои мо шодмонии дигаре созгор омад ва мо дар бинои нав ҳамсоя шудем ва то имрӯз ба аҳли хонаводаи азизу мӯҳтарами шодравон ифтихори ҳамсоягӣ дорем.

Ба хушномии адабиёти тоҷик Баҳром Фирӯз аз хеш асарҳои шоёну намоёне, амсоли «Пайи ситора», «Рухсора», «Ту танҳо не», «Тору пуд», «Агар вай мард мебуд», китобҳои ашъор «Розҳои моҳтобшаб», «Тафти дил» ва ғайраро ба ёдгор гузошт ва бовар дорам ин осори ба хидмати адабиёт бигзошта номи ӯро дар радифи адибони хушному хушкалом ҷовидон нигаҳ хоҳад дошт.

Маҷмӯае, ки пешкаши хонандагону мухлисони сершумори осори адиб мегардад, аз хотироту ёддошт ва меҳрномаи устодону адибони маъруф, дӯстону ҳамкорон ва шогирдони бародари азизам мураттаб шудааст ва баёнгари меҳру муҳаббат, самимияту садоқати дӯстону ҳамкорон нисбати адиби хушному хушкаломамон мебошад.

***МУҲАММАДҶОНИ ШАКУРИИ БУХОРОӢ***
***академики АУ Тоҷикистон,***
***узви Фарҳангистони адаби форсии***
***Ҷумҳурии Исломии Эрон,***
***барандаи ҷоизаҳои давлатии ба номи***
***Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва***
***Абӯалӣ ибни Сино***

# ЗАРРАҲОИ ОДАМИЯТ

Адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои шасти қарни бист масъалаи одамият, масъалаи инро, ки инсон чӣ гуна бояд бошад ва муомилаи байни мардум бояд ба чӣ усуле асос ёбад, мавриди баррасӣ қарор дод.

Баҳром Фирӯз (1939-1994) яке аз ҳамон нависандагоне буд, ки дар сари ин масъала бисёр фикр мекунанд. Асарҳои Баҳром Фирӯз пур аз фикру мулоҳизаҳост ва мо, хонандагонро низ водор месозад, ки баробари ӯ фикр кунем, масъалаҳои муҳимеро, аз қабили ин, ки одам кист ва одамгарӣ чист, ҳаматарафа ба мулоҳиза гирем.

Лекин Баҳром Фирӯз мулоҳизаҳои худро ба тафсил баён намекунад. Дар асарҳои ӯ андешаву мулоҳизаҳои дуру дароз ба назар намерасанд. Вай ба мақсади худ бо қувваи тасвир мерасад: дидаву шунидаҳояшро як-як нишон медиҳад ва мо аз ин тасвирҳои ӯ ба фикр меравем, хулосаҳо мебарорем.

Ҳар як асари бадеӣ, хусусан асарҳоеро аз қабили ҳикояҳо (повестҳои кӯчак)-и Баҳром Фирӯз хеле бо диққат хондан лозим меояд. Назари ӯ дар мушоҳидакорӣ баъзан нозук меравад ва хислатҳои инсонии қаҳрамон ё ноодамии ӯро нозук ба мушоҳида гирифта, ба назари мо намоён мекунад.

Инак, ҳикояи «Омаду рафт» (1979). Дар ин ҳикоя, чунонки ҳоло дар бисёр асарҳои нависандагони тоҷик мебинем, қаҳрамон дар дами марг нишон дода шудааст. Усто Равшан дар бистари марг баъзе лаҳзаҳои зиндагии худро аз назар мегузаронад, феълу атвори баъзе касонро фикр мекунад. Аз ин мулоҳизаҳо мебинем, ки тамоми зиндагии ӯ бо заҳмати ҳалол, бо некӯкорӣ гузаштааст. Лекин барои фаҳмидани ин, ки усто Равшан чӣ касест, чанд гуфтаи вай, хусусан охирин сухани ӯ муҳим аст. Охирин сухани ӯ ин буд, ки канда-канда гуфт: «Хоб ди-

дам... асп маро гирифта... андохт... аз қисмат ҷойи гурез нест... Афсӯс, ҳаво носоз омад»... Чунонки мебинем, қаҳрамони нависанда дар дами вопасин афсӯс мехӯрад, ки «ҳаво носоз омад». Вай аз поён ёфтани умри худ афсӯс намехӯрад, аз ин ки умраш бо заҳмат гузашт ва чунонки занаш гуфт, ҳанӯз аз фарзандон роҳат надидааст - аз ин дар ҳасрат нест, балки дар ташвиш аст, ки «ҳаво носоз омад» ва мардум барои гӯронидани ӯ азоб хоҳанд кашид. Усто Равшан дар дами марг ҳам ғами дигаронро мехӯрад.

Чунин аст услуби Баҳром Фирӯз. Вай ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни фикру ҳисси қаҳрамон чашми диққат медӯзад, гоҳ нозуктарин нишонаҳои феълу атвори инсонро аз назар мегузаронад, аз ҳар кадоми онҳо як маънӣ мекашад. Мо ҳам аз асарҳои ӯ беҳтар фаҳмидани маънои рафтору гуфтори одамонро ёд мегирем. Ба рӯйдодҳои одӣ, ба ҷузъиёти хурд, ба падидаҳои ноаёни феълу атвори инсон бодиққат нигоҳ кардани нависанда боис мегардад, ки мо, хонандагон низ ба муҳит, ба мардумони атрофи худ бодиққат нигоҳ кунем, дар фаҳмидани маънои зиндагӣ ва одамию ноодамӣ чашми мо бинотар, ақли мо гиротар шавад.

Баҳром Фирӯз аввалҳо шеър мегуфт ва фақат аз оғози солҳои ҳафтод ба наср гузашт. Ман ӯро ба сифати насрнавис аз ҳикояи «Бобо», ки соли 1970 навишта ва соли 1972 чоп карда буд, мешиносам. Ин ҳикоя зуд диққати хонандагон ва нависандагону мунаққидонро ба худ кашид. Мушоҳидакорӣ ва нозукбинии ӯ аз ҳамин ҳикоя маълум буд.

Нависанда дар ин ҷо як кӯдак ва падарбузурги пирсоли ӯро тасвир кардааст, ки ҳар ду ба деҳа равонанд. Сӯҳбати бобову набера дар роҳ, манзараҳои кӯҳсор ва ғайра, ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, бештар гӯё чизи одист: гуфтугузори одатӣ мебошад. Лекин дар ҳақиқат як порча аз зиндагии бисёр аҷиби мардуми мо дар ин ҳикоят тасвир шудааст. Кӯдак дар ҳар қадам чизе аз аҷоиботи зиндагии одамон ва ҳайвонотро мебинад ё мешунавад. Гоҳ медид, ки «қуллахо чун сутун ба китфи худ осмонро бардошта истодаанд» ва «дилашро ваҳм зер мекард», гоҳ аз бобо ҳикоятҳои аҷибе дар бораи гургон мешунавид. Кӯдак бо ҳайрату тааҷҷуб барои худ аҷоиботи табиатро кашф мекунад ва мо ба кунҷковӣ, ҳайрату тааҷҷуб ва ҳиссиёти баланди ин кӯдаки хурдсол мафтун мешавем. Нависанда ҷараёни мураккабе

- раванди аз тарафи як кӯдаки зираку ҳассос кам-кам кашф шудани асрори зиндагиро ба тадқиқ гирифтааст ва бо ҷузъиёти аҷиби руҳиву равониаш ба мо нишон додааст. Бобо - пиракии пурдидаву пурдон ва коркӯфта низ ҳар лаҳза дар пеши чашми мо намоён мегардад.

Баҳром Фирӯзро навсандаи маишатнигор ва услуби ӯро услуби маишатнигории иҷтимоӣ гӯем, шояд саҳв нашавад. Диққати ӯ ба зисту маишати мардум равона гардидааст ва гоҳ онро бо кӯчактарин падидаҳояш мебинад, бо дақиқназарӣ ба мулоҳиза мегирад. Аз хондани ҳикояҳои ӯ чашми мо ҳам ба хурдабинӣ одат мекунад, фикри мо ҳам дар сари моҳияти он ҷузъиёти ночизи маишат ба ҷавлон меояд ва дар роҳи дарки маънои ҳодисаҳои зиндагӣ фаъол мешавад. Хурдатасвирӣ дар аксари ҳикояҳои маҷмӯаи «Ҳақиқати талх» (1981) шакли асосии ифодаи нозукбинии ҳассосонаи Баҳром Фирӯз буда, барои инкишофи қобилияти мӯшикофии хонанда, барои такони фаъолиятмандии иҷтимоии вай иқтидор дорад.

Тасвирҳои Баҳром Фирӯз дар ҳикоя аксаран вусъат надоранд. Вай бештар воқеаҳои хурдеро мегирад, ки аз талотум маҳрум буда, як гӯшаи зиндагиро андак равшан мекунанду бас. Вале ин гап чунин маънӣ надорад, ки ҳикояҳои ӯ каммазмун мебошанд. Қалами ӯ чунин иқтидор пайдо кардааст, ки аз резапораҳои зиндагӣ маънои муҳимме бароварда, пеш аз ҳама, одамиятро устувор мекунад. Ҳам пирамарди нотавони ҳикояи «Бобо» ва Усто Равшане, ки дар бистари марг аст, ҳам Комилполвони ҳикояи «Гӯштигирӣ» (1974), ки номардии шогирдаш Сангин-полвонро боиси сархамии худ донист, ҳам сарнавишти Сабои ҳикояи «Оғоз» (1979), ки бо вуҷуди номуродиҳо ҳиссиёти олии инсониро аз даст надодааст ва дигарҳо аз худ сифатҳои баланди инсонӣ зоҳир намуда, моро водор месозанд, ки дар сари баъзе масъалаҳои зиндагӣ, дар хусуси одаму одамият ба андеша равем. Қаҳрамони хурдсоли ҳикояи «Ҳақиқати талх» (1976) сагчаи дӯстдори худро ба чӯпоне фурӯхт, то ки саги калони чӯпонӣ шавад, аммо чун падар ӯро сахт коҳиш кард, ки фақат «нокас дӯсташро мефурӯшад», ин ҳасрат якумр дар дилаш монд ва ин сухан дар гӯши хонанда ҳам садо дода сахт менишинад.

Ҳамин тариқ, нависанда одамияти баланди қаҳрамонон, адлу инсоф ва виҷдони поки онҳоро на бо тасвирҳои пурвусъат

ва лавҳаҳои бузург, балки гӯё ҷузъиёти алоҳидаи зисту маишатро реза-реза гирд оварда, як манзараи мукаммалро пеши чашм ҷилва медиҳад. Ҳар қадар ки нависанда воқеаҳои зиндагиро нозуктар ба мушоҳида гирифта, моро бештар ба андеша мебарад, ба ҳамон дараҷа хислатҳои неки инсониро устувор менамояд.

Оре, одамият зарра-зарра гирд меояд. Ҳар инсони асил бо ягон хислати мардумии худ, ҳатто бо хислатҳои хурду ноаён сифатҳои одамии дигаронро заррае зиёд мекунад. Ҳар кадоми мо бояд қобилияте дошта бошем, ки ин зарраҳои инсониятро дида тавонем, ҳарисона аз худ намоем, аз онҳо дар зиндагӣ дастури амал ҷӯем. Нависандагон бо нигоҳи заррабини худ ин қобилияти моро равнақ медиҳанд. Нигоҳи нависандагон ҳар чӣ нозукбинтар бошад, биноии мо ҳам тезтар хоҳад буд.

Ин ҷо муҳимтар аз ҳама он мебошад, ки ба сифатҳои хурду ноаён нишон додани бузургии халқ аст. Ба назари мо, Баҳром Фирӯз ҳамин равияро пеш гирифтааст. Ин ҳам барои худшиносии маънавию ахлоқии шахс ва ҷомиа дорои аҳамияти бузургест. Дар ин сурат шахс вазифаи инсонии худро боз ҳам нозуктар дарк месозад, зеро рӯҳи поки инсонӣ, хулқи неки мардумӣ, дили софи беолоиш ва монанди инҳо зарра-зарра дар назари ӯ намоён шуда, бо падидаҳои хурде аҳамияти калони худро намудор меоранд.

Дар баъзе ҳикояҳои Баҳром Фирӯз инсон дар оғӯши табиат нишон дода шудааст, инсон ва ҳайвоноти гуногуни дастию ёбоӣ як ҷо амал кардаанд («Бобо», «Бузғола ва писарак», «Омаду рафт» ва ғайра). Чунин ҳикояҳо монанди бисёр ҳикояҳои дигари ӯ асосан барои кӯдакон ва ҷавонон навишта шудаанд, вале муаллиф дар ин асарҳояш хонандаи калонсолро низ дар назар дорад. ҳар кадоми ин ҳикояҳо як ҳикмати ҳаётро ифода менамоянд ва ин ҳикмат чунон ифода шудааст, ки барои хурду калон баробар аҳамият доранд.

Пайванди ногусистании инсон ва табиат, бо чашми ҳайрат ва мафтунӣ ба сирру асрори табиат, аҷоибот ва ҳусни беолоиши он нигаристани инсон, хусусан хурдсолон дар ин ҳикояҳо на бо калимаҳои зебо ва суханороии зоҳирӣ, балки бо сухани одӣ, бо қувваи тасвири мушаххас нишон дода шудааст. Б. Фирӯз аз рангу равғани романтикӣ худдорӣ мекунад. Шавқи пурзӯри инсон, ки аз мушоҳидаи манзараҳои табиат ва ё рафтори ҳайвоно-

ти гуногун бедор шудааст, дилбастагӣ ва меҳри самимии одам нисбат ба боғу роғ, кӯҳу дара, чашмасорону обшорон ё ки нисбат ба ҷонварони дӯстрӯи содиқ ва монанди инҳо дар асарҳои Б.Фирӯз бо падидаҳои мушаххасашон намудор мегарданд.

Чашми хонанда, хусусан хонандаи ҷавонро ба зебоиҳои зиндагӣ, ба ҳусни табиат ва дунё кушодан, диққати хонандаро ба дидани наҷобати дили инсон ва хулки неки ӯ равона кардан, ба ин восита барои устувории пояҳои инсоният дар ҷомиа кӯшидан як шакли ифодаи башардӯстӣ дар асарҳои Б. Фирӯз аст. Ин башардӯстии олӣ масъулиятшиносии шахсро низ дар бар дорад. Нависанда на фақат меҳри зиндагӣ ва инсонро дар дили шахс мустаҳкам мекунад, балки зимнан чунин фикреро ҳам талқин менамояд, ки шахс дар назди чунин инсони асил, дар назди зиндагӣ ва сарзамин ҷавобгар буда, хулқашро ба онҳо мувофиқ гардонад, барои муҳофизати онҳо тайёр бошад, нагузорад, ки ба ин ҳама ҳусну зебоӣ ва назокату наҷобат осебе расад. Б. Фирӯз ба таври хосе ҳисси масъулияти шахсро дар назди ҷомиа қувват медиҳад.

Ғояи масъулиятшиносӣ аксаран аз маънои таҳтуллафзи матн ҳосил шуда, гоҳ дар мулоҳизарониҳо андаке бевосита ифода меёбад. Чунончӣ, Комил-полвон (ҳикояи «Гӯштигирӣ») рафтори норавои шогирдаш Сангинро дида буд, ки аз дилаш чунин фикр гузашт: «Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одамию одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор...»

Дар айбҳову гуноҳҳои каси дигаре худро низ айбдор донистан, аз ин бобат виҷдонан азоб кашидан, дар роҳи тақвияти одамият ва пешгирии ноодамӣ ҷидду ҷаҳд кардан, ки дар зиндагии баъзе қаҳрамонони Баҳром Фирӯз мебинем, падидаҳои гуногуни масъулиятшиносии шахс дар назди ҷомиа аст.

Хислатҳои бади инсон ҳам дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз бо диққаткорию резабинӣ нишон дода шудаанд. Вай ба ҳар яке аз падидаҳои ноодамию ноинсофӣ, беақлию бетамизӣ, ки муносиби шаъни инсон нест, низ бодиққат нигариста, сабабҳои онро меҷӯяд ва мардумро аз сабуксарию беандешагӣ бар ҳазар медорад. Ҳикояҳои «Чинор-кампир» (1977), «Товуси маст» (1977), «Камгап» (1979) ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд.

Агарчи дар ҳикояҳои Баҳром Фирӯз тасвири мушаххас, мӯҷаз ва оромона мавқеи асосӣ дошта, мулоҳизарониҳои дома-

надору пурҳиссиёти муаллиф ё персонажҳо ба назар намерасад, дар баъзе мавридҳо, хусусан он гоҳ ки аз хулқи нораво ва гумроҳии инсон сухан меравад, фикру ҳисси таҳиягар ногоҳ ба ҷӯш омада, овози ӯ баланд шунида мешавад. Аз ҷумла дар ҳикояи «Муаллими сахтгир» (1981) аз сабаби раҳмдилии модар ва саҳлгириҳои ӯ аз кӯдакӣ кам-кам аз роҳи дуруст баромадани ҷавоне тасвир ёфта, яке аз персонажҳо сабаби ин ҳодисаро чунин эзоҳ додааст, ки «агар худи кас одам шудан нахоҳад, ҳеч кас ӯро одам карда наметвонад». ҳикояпардоз ба ҳаққонияти ин сухан шубҳа надорад. Бо вуҷуди ин аз забони ӯ чунин андешаҳо ҳам омадааст: «Ҳар ду дақиқае чанд хомӯш мондем. Ман ботинан ин гуфтугӯро давом медодам: Ба фикри ман, дар ин бадбахтӣ танҳо худи Шодӣ гунаҳкор не, - мегуфтам худ ба худ. - Фақат як худи модараш гунаҳкор не, ҳамаи аҳли деҳа гунаҳкорем. Бале, хурду калон - ҳама. Дар пеши назарамон дузду авбош, коҳилу кӯрнамак ба воя расид, ҳеч кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд».

Ин ҷо, чунонки дар эҷодиёти бисёр нависандагон мебинем, ба як ҷиҳати дигари масъалаи «шахс ва ҷомиа» дахл шудааст: нависанда андаке ба масъалаи масъулияти ҷомиа дар назди шахс наздик омадааст.

Чунонки шахс дар назди ҷомиа ҷавобгар аст, ҷомиа ҳам барои ҳар як фард ва сарнавишти ӯ масъулият дорад. Чигунагии ташаккули шахсияти инсон, чӣ хусусиятҳо пайдо кардани роҳи ҳаётии одам на фақат ба худи ӯ, балки ба муҳити иҷтимоӣ ҳам вобаста аст ва агар инсон ба роҳи бад дарояд, як қисми гунох ба гардани ҷомиа ҳам мефарояд, ҳатто гоҳ мумкин аст, ки гуноҳ тамоман ба гардани ҷомиа бошад. Ин масъалаи бузурги мураккаб паҳлӯҳои бисёре дошта, Баҳром Фирӯз дар ҳикояи «Муаллими сахтгир» фақат як ҷиҳати онро аз назар гузаронидааст, ки муносибати мардуми атроф ба неку бади зиндагӣ мебошад. Мардум ба рӯйдодҳои атрофи худ бояд муносибати фаъолона дошта бошанд. Муносибати бетарафона ва ғайрифаъолона, бепарвоӣ, бедахолатӣ, оромонаю хунсардона нигоҳ кардани баъзеҳо ба рӯйдодҳои нохуш, ба ғами дигарон, ба нокасӣ ё каҷрафтории атрофиён боиси вусъат ёфтани бадиҳо мешавад. Як кас аз роҳи рост барояд, чанд кас гунаҳкор аст. Нависанда ҳамин ҳақиқатро хотиррасон намудааст.

Духтури ҷавон Даврон - қаҳрамони асосии повести Баҳром Фирӯз «Тору пуд» (1983) ба ҳиллаву найранги бадкирдорон гирифтор шуда ва рафтори онҳоро хеле аз назар гузаронида охир чанд хулосаи муҳим баровард, ки яке аз онҳо ин аст: «Ба ҳамаи ин пасту баландиҳо худамон гунаҳкор... Нуқсонро, ҷиноятро мебинему «ба ман чӣ» гуфта чашм пӯшида мегузарем».

Ин ҷо қаҳрамон «худамон» гуфта худро ва касонеро, ки монанди ӯ ҳалолкору ростқавл мебошанд, дар назар дорад. Яъне ҳам шахси алоҳида ва ҳам мардуми бисёреро баробар ба назар гирифтааст. Маълум нест, ки сухан аз масъулиятшиносии шахсони алоҳида меравад ё тамоми ҷомиа. Ин номуайянӣ чунин маънӣ дорад, ки нависанда барои ҳодисаҳои манфие, ки дар зиндагии мо ҳастанд, барои амали бемамониати «мардуми ба ҳарому ҳалол бефарқ» ҳам шахсҳои алоҳида ва ҳам тамоми ҷомиаро баробар ҷавобгар медонад. Ҷавобгарии шаҳрвандии шахс ва вазифашиносии башардӯстонаи ҷомиа сахт ба ҳам марбутанд. На фақат шахс дар назди ҷомиа ва ҷомиа нисбат ба шахс ҷавобгар аст, балки ҳам шахси ҷудогона, ҳам гурӯҳҳои хурду калон ва ҳам тамоми ҷомиа вазифадоранд, ки ба муқобили бадиҳои иҷтимоӣ муттаҳид бошанд, аз як гиребон сар бароранд. Модом ки зиштиҳои иҷтимоӣ қувват гирифтаанд, бояд ҳамаи қувваҳои зидди онҳо ба дараҷаи баробар фаъолияти қатъии якҷоя дошта бошанд.

Чунин ҷамъбастҳои вусъатноки бадеӣ дар ҳикояҳои Б. Фирӯз каманд. Вай дар ҳикояҳо хислатҳои қаҳрамон ва симои инсонии ӯро бо нишонаҳои хурд ва падидаҳои мушаххас ба тасвир гирифта, аз ҷамъбастҳои вусъатнок худдорӣ мекунад. Инро норасоии биниши бадеии ӯ донистан лозим нест. Он ҳама резатасвириҳои мушаххаси ӯ барои дунёфаҳмию зиндагидонии васеи мо хидмат карда, бо таъсири отифии худ водор месозад, ки хулосаҳои муҳим барорем.

Фақат баъзан худи нависанда аз тасвирҳои на чандон калон, аз ҳодисаҳои маҳдуд, ки зоҳиран ночиз менамоянд, баъзе хулосаҳои муҳими умумӣ мебарорад. Дар як маврид чунин хулосаи ӯ хеле вусъат ёфта, ба ҳодисаҳои умумии ҷаҳон дахл намудааст. Дар охири ҳикояи «Кабкҷанг» (1976) таассуроти таҳиягар чунин баён шудааст:

«Агар аз кабкҷанги аввал дилтанг будам, аз ин ҷанги нобаробар нафратам ва ғазабам ҷӯшид. Умуман, ду ҷонвари бегу-

ноҳро ба ин тариқ ҷанг андохта, парканию чашмкании онҳоро тамошо кардан ва гарав бастан берaҳмӣ, беақлӣ. Аз дилам гузашт, ки башариятро ҳам ана ҳамин хелҳо ба ҷанги бародаркушӣ меандохтагистанд».

Ин тарз аз тасвири як воқеаи хурди маъмулӣ ба ҳодисаҳои калони ҷаҳонӣ гузаштани нависанда ғайри чашмдошт аст. Вале шояд маҳз ҳамин гардиши ғайричашмдошт бо таъсири пурзӯре моҳияти даҳшатангези ҷангҳоеро, ки сангдилони одамбезор ва дунёхур сар мекунанд, равшан менамояд.

Ҷамъбастҳои калонтари бадеӣ дар повести Баҳром Фирӯз «Ту танҳо не», хусусан дар «Тору пуд» бештаранд.

Повести «Ту танҳо не» бо баррасии масъалаҳои муҳими ахлоқу одоб ва ташаккули шахсияти қаҳрамони ҷавон ҷолиб аст. Дар повести «Тору пуд» масъалаи одамият ва муҳофизати он аз тааррузи ноодамон хеле тезу тунд мавриди тадқиқи бадеӣ қарор ёфтааст. Нависандае, ки то ҳол ҳатталимкон аз ифшои ҳиссиёти худ худдорӣ мекард, дар повести «Тору пуд» гоҳ ӯро ончунон ҳаяҷон фаро гирифтааст, ки суханаш ба фарёд монанд аст. Инак, порае аз монологи ботинии қаҳрамони асар, ки садои муаллифро ҳам аз он мешунавем:

«Духтур бисёр шуду бемориӣ ҳам афзуд мегӯянд, гӯё сабабгори бемориӣ духтурҳо бошанд. Ана, ин хел маразҳо бисёранд, инҳо одамонро касал мекунанд. Стресси рӯҳу эҳсос... Ғалатӣ, чаро барои дурӯягӣ, турачигӣ ҳеҷ касро ҷазо намедиҳанд?... Аслан ин мараз ҳам, торафт меафзояд. Яъне марази ҳамагир аст. Кай пеши роҳашро мегирем, ҳой мардум?! Ин ҳам грипп барин, дарди зарпарвин барин, балки аз ин маразҳо бадтар аст...»

Нависанда дар повести «Тору пуд» ноодамии ҳаромхурону пулмастони бетамиз ва ҳомиёни маснаднишини онҳоро бо хашми тамом тасвир кардааст. Баъзан сухани ӯ тири заҳролудест, ки бехато ба ҳадаф, ба ҷигаргоҳи кӯрдилони ваҳшисимо мерасад. Сӯзи дили нависанда бисёр баланд буда, виҷдони хонандаро ба ҷӯш меорад, ҳиссиёти масъулиятшиносӣ ва фаъолиятгарии иҷтимоии ӯро сахт такон медиҳад. Бар хилофи бештари ҳикояҳои Б. Фирӯз дар ин повест оҳанги ҳиссиётомези рӯзноманигорӣ қувват гирифта, боиси ин шуд, ки мавқеи ҷомиаии фаъолонаи ӯ буррову гӯё ифода гардид. Сухани бадеии Баҳром Фирӯз дар «Тору пуд» сухани асили гуманистӣ мебошад ва бо

ҷидду ҷаҳди бештаре пояҳои одамиятро устувор ва ноодамиро маҳкум менамояд.

Масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷомиа дар «Тору пуд» андак ранги дигар гирифт ва такмил ёфт. Нависанда акнун барои ҳар чӣ ҳодисаи баде, ки дар атрофи мо рӯй медиҳад, барои падидаҳои ҳаромкорӣ, бетамизӣ, худсарӣ, бемаънавиятӣ на фақат худи онҳоеро, ки ин хислатҳо аз онҳо сар задааст, на танҳо ҳар шахси ҷудогона ё як гурӯҳ мардумеро, ки расвоиҳоро дида, чашм пӯшидаанд, гунаҳкор медонад, балки масъалаи ҷавобгарии махсуси масъулони расмиро пеш гузоштааст. Кормандони масъули идораҳо, намояндагони ҳокимияти иҷрокор вазифадоранд, ки барои пешгирии ноинсофиҳо, барои аз роҳи хато нигоҳ доштани шахсони алоҳида мубориза кунанд ва дар ин роҳ ҳама ҳуқуқу имкониятҳои худро пурра истифода баранд. Саргузашти қаҳрамони повест бо қувваи азиме нишон дод, ки вазифаи худро фаромӯш кардани кормандони масъул, ба роҳи беинсофӣ даромадани онҳо ба сари мардумони поквиҷдон чӣ даҳшатҳое метавонад орад.

Фикри бадеии нависанда дар повести «Тору пуд» бо ин байти оличаноби Фирдавсӣ хулоса шудааст:

*Нигар то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,*
*Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.*

Ин гӯё хулосаи бадеии ҳамаи воқеаҳои повест ва тамоми саргузашти қаҳрамонон, хулосаи таҳқиқи гуногунҷиҳати масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷомиа мебошад, хулосаи амиқест, ки моҳияти масъаларо ба хубӣ равшан мекунад. Нависанда бо мантиқи ҳамаи воқеаҳо ва сарнавишти қаҳрамонон, аз забони шоири бузурги моҳиятбин моро огоҳ месозад, ки ҷавобгарию вазифашиносиро бояд як лаҳза фаромӯш накунем. Инсон барои ҳар қадам ва ҳар суханаш дар назди дигарон ҷавобгар аст ва ҳеч кору ҳеч гуфтори ӯ беоқибат намемонад. Аз ҳамаи ин рафтору гуфтори шахсони алоҳида симои умумии ҷомиа ҳосил мегардад ва ин ҷомиа ҳам дар пеши ҳар як узви худ, дар пеши мардумони имрӯз ва фардо, дар назди таърих масъулият дорад. Шахс ва ҷомиа ҷудо нест ва ҷомиа аз шахсони ҷудогона. Муносибати шахс ва ҷомиа, масъулияти ҷомиа ва шахс дар назди якдигар робитаи диалектикӣ дорад ва ҳар чӣ неку баде, ки дар

ин миён ҳаст, инчунин оқибатҳои он ба дараҷаи баробар чӣ сарнавишти шахс ва чӣ вазъи ҷомиаро муайян мекунад.

Даврон - қаҳрамони «Тору пуд» дар беморхона саргузашти даҳшатноки худ ва беинсофию ноодамиҳоеро, ки дар андак муддат дид, фикр карда, дар охир чунин хулоса баровард: «Зиндагӣ худаш ислоҳ мекунад, гузашти замон мусаҳҳеҳи забардаст аст. Ҷомиа агар солим аст, монанди оби баҳр худашро аз ҳар олоише покиза месозад».

Аз ин андешаҳои Даврон ва аз ҳама муборизаҳои ӯ дида мешавад, ки моҳияти замони худро дуруст фаҳмидааст, ки дар зиндагӣ бо дилпурӣ қадам мезанад. Ҷомиаи мо баҳри пурмавҷест, ки ҳамеша худро «аз олоишҳо покиза месозад». Афкори иҷтимоӣ барои ба соҳили нестӣ баровардa партофтани бетартибию бенизомӣ, худсарию худбинӣ, бюрократизм ва дигар рӯйдодҳои манфӣ бояд ҳамеша дар ҷавлон бошад.

Ин аст, ки Баҳром Фирӯз, ки ҳикоянависиро аз ҷузъиёти хурди зисту маишат, аз таҳқиқи батаании оромона оғоз карда буд, имрӯз аз гуфтори халқ ва тасаввуроти вай нағз огоҳӣ пайдо кард.

Ба забони халқ бо эҳтиёткории тамом наздик шудан ва аз ин ганҷина дурдонаҳо ҷустан аз давраҳои аввали таърихи адабиёти шӯравии тоҷикӣ, хусусан бо ҷаҳду ҷадали устод Айнӣ бисёр ривоҷ ёфта буд. Имрӯз ин корро нависандагони миёнсол ва ҷавон давом медиҳанд. Ин гурӯҳ сабки саҷияофаринии тоза ва назари амиқбин доранд, мактаби таҷрибаи адабиёти ҷаҳониро гузашта, имрӯз дар ин роҳ баъзан хеле эҳтиёткор буда, анъанаҳои Айнӣ, Икромӣ, Улуғзодаро бештар ба тарзи дигаре ва ҳар кадоме ба таври худ инкишоф медиҳанд. Баҳром Фирӯз ҳам дар ҳамин қатор аст.

Насри Баҳром Фирӯз аз дигар ҷиҳатҳо ҳам як ҳисса аз он ҷараёнест, ки бо номи Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Кӯҳзод, А. Самадов ва монанди инҳо вобастагӣ дорад. Бо диққати тамом нигаристан ба симои ҳамзамонон, аз феълу атвори онҳо заррa-зарра ҷамъ овардани нишонаҳои одамият ва кӯшиши ҷиддӣ дар роҳи устувории пояҳои он ҳоло моҳияти эҷодиёти бисёр нависандагони тоҷикро ташкил мекунад ва Б. Фирӯз яке аз онҳост.

Ғайр аз ин, Баҳром Фирӯз чун дар повести «Тору пуд» ба масъалаҳои ҷиддии ахлоқи иҷтимоӣ, ба масъалаи инсону инсоният нисбатан пурвусъат ва амиқтар назар кардан хост, низ мо-

нанди баъзе аз нависандагони номбурда, чунончи мисли Ф. Муҳаммадиев ва С. Турсун ба таҷрибаи чандин насли мардум - ба тасаввуроту эътиқодот ва ҳикмати халқ, ба адабиёти классикӣ ва таърих рӯй овард. Аз боби якуми ин асар дар фикру андешаҳои қаҳрамон гоҳ ёде аз гузашта - аз солҳои наврасию навҷавонии худ, гоҳ шеъри Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ё ривояте аз ҳаёти онҳо, гоҳ латифае ё гуфтаҳои ҳикматомези падару бобо ва ғайра бисёр ба назар мерасад. Инҳо як ҷузъи муҳими шуури маънавии Даврон-пизишки ҷавони хушмулоҳизае мебошанд ва ҳар замон барои ҳалли масъалае даркор мешаванд.

Ҳоло аҳамияти бузурги ҳамаи навъҳои таҷрибаи таърихии дуру наздик ҳар чӣ бештар маълум мешавад. Имрӯз тамоми инсонияти тараққихоҳ сабақҳои таърих, таҷрибаи рӯзгори мардум, падидаҳои маънавияти халқ - устураҳо, афсонаҳо, ривояту латифаҳо на монанди инҳоро ба андеша гирифтааст. Гузашта дар тафаккури ҳамзамонони мо бештар роҳ меёбад ва мавқеъ мегирад. Аз ин рӯ, дар адабиёт ҳам мурочиат ба дирӯз, ба андӯхтаҳои маънавии гузаштагон яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти қаҳрамони ҳамзамони мо, шарти муҳиме дар тадқиқи масъалаҳои ахлоқи иҷтимоии имрӯз ва нигоҳ ба фардо мебошад. Таҷрибаи таърихӣ санги маҳак қарор ёфтааст ва инсони замони мо, инчунин қаҳрамони адабиёти муосир барои ин, ки моҳияти ҳастии худро дуруст фаҳмад, хатти ҳаракати худро дар шароити мураккабу тундпечи дунёи имрӯзӣ бо санҷишкорӣ муайян созад, дар ҳалли муаммоҳои воқеияти иҷтимоӣ ва ахлоқу одоби худ саҳв накунад, вазъияти худ ва рӯйдодҳои атрофро кам ё беш алоқамандона бо гузашта аз назар мегузаронад. Вай дар роҳи ҷӯяндагиҳо, дар роҳи сарфаҳм рафтан ба маънои рӯйдодҳои имрӯзӣ машъали таърих ба даст гирифтааст. Албатта, таърих ягона воситаи равшан кардани роҳ ба сӯйи оянда нест. Воситаи асосӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти воқеӣ ва рӯйдодҳои имрӯзист. Таърих як ҷузъи муҳимми ин таҳлил мебошад.

Ҳангоме ки қаҳрамони Баҳром Фирӯз дар повести «Тору пуд» порчаеро аз «Шоҳнома», ривоятеро аз зиндагии Ҷомӣ, байтеро аз Саъдӣ ё Ҳофиз, латифаеро ё як гуфтаи ҳикматомези падарашро ба хотир меорад, дар олами маънавияти ӯ ҷилое пайдо мешавад. Ҳофизаи таърихӣ ҷавлони фикру ҳисро қувват

дода, инсонро ба дарки маънои рӯйдодҳои мушаххаси атроф, моҳияти ҳастии худ ва ҳақиқати замони хеш наздик меорад. Даврон дар сари андешаҳои мураккаби худ бештар ҷозиба дорад, фикри ҷӯянда ва назари моҳиятҷӯи вай, ки имрӯз ва дирӯзро баробар фаро гирифтан мехоҳад, ба ӯ як навъ ҳусни ботинӣ мебахшад. Фикру ҳисси вай болу паре дорад ва гоҳ суханаш шоирона аст. Чун мошин ронда ба сари ағба расид, ба ин тарз аз мушоҳидаи баландии кӯҳ табъаш болид ва ба қавли ҳамсараш, ба «хаёлтарошӣ» сар кард: «Вақте ки кас ба ин хел баландӣ мебарояд, вусъати нигоҳаш ҳам, парвози хаёлаш ҳам, уфуқи пеши назараш ҳам доманадор мегардад».

Яке аз ҷузъҳои гуногуни таҷрибаи асрҳо, ки Баҳром Фирӯз дар ин повесташ дахл намудааст, масъалаи шукр аст. Чунонки медонем, шукр дар асарҳои адабиёти ахлоқиву фалсафии асрҳои гузашта  яке аз муҳимтарин усули ахлоқ буд. Тасаввури халқ  ҳам ҳамин буд, ки агар шукр нагӯем, файзу баракат мепарад. Дар ин маврид маънои шукру шукрона асосан донистани қадри неъмат - қадри нон ва фаровонӣ, рӯзи хуш ва бахту саодат, қадри андак чиз ва ё камтар шодие, ки муяссар шудааст, зарур аст. Агар қадри онро надонем, онро пешпо занем, аз ин нодонӣ рӯзҳои нохуш ба сарамон хоҳад омад. Ин яке аз тасаввуроти халқ аст, ки аз таҷрибаи рӯзгораш ҳосил шудааст.

Баҳром Фирӯз аз байни нависандагони ҳозираи тоҷик ҳоло қариб ягона касест, ки қаҳрамонони ӯ гоҳ-гоҳ ин асли муҳимми ахлоқи халқ ва ахлоқномаҳои классикиро ба ёд меоранд.

Дар дами марги қаҳрамони ҳикояи «Омаду рафт» байни ӯ ва ҳамсараш аз ҷумла чунин гуфтугузоре ба вуқӯъ пайваст:

— «Парво накун, оча, - гуфт усто бо нимтабассум ва лаҳзае ба рӯйи ҳамсараш зеҳн монда, дуру дароз нигарист. - Ман умрамро дидам, ҳар чӣ насибам буд, гирифтам...

— Э, ин қадар... чӣ дидед? - даст афшонд пиразан. - Меҳнати дунё катӣ гузаштагӣ умр ҳам умр аст чӣ? Хуни ҷигар катӣ фарзанд калон кардед, акнун роҳаташонро бинед-дия...

— Шукр кун, оча, шукр гӯй».

Ин ҷо гуфтугӯйи онҳо қатъ шуд ва ҳар ду ба андеша рафтанд. ҳам ҳасрати ин пиразан, ки дар зиндагӣ роҳате надида имрӯз аз дунё чашм пӯшидани шавҳараш дили ӯро фишор медиҳад, ҳам шукри оқилонаи пирамард, ки бо вуҷуди меҳнату машаққат ва номуродиҳо дар зиндагӣ дарнамонданаш, фар-

зандҳо калон карданаш, андаке бошад ҳам, ба хизмати мардум расиданашро давлати бузург медонад, маънои амиқе дорад. Ин шукрона идеалҳои мардуми меҳнатӣ, мақсаду маром ва фалсафаи зиндагии онҳоро ифода мекунад. Ин фалсафаи ҳаёт бо сухани маъмулии мардуми одӣ ба забон омадааст.

Масъалаи шукр дар ҳикояи «Омаду рафт» андак дахл шудааст, аммо дар повести «Тору пуд» аввал дар андешаҳои қаҳрамони асосӣ Даврон аз зарурати шукрона андак ёдоварӣ шудааст. Вай боре бо ҳамсараш Азиза чунин гуфтугӯ дошт: «Падару бобоёнамон сари ҳар гап «шукр кун» мегуфтанд, - гуфт Даврон оқибат аз дур сухан сар карда. - Ту ҳам ягон бор шукр гӯй, аз ин фалокат саломат мондем». Баъд Даврон ба андеша рафт: «Аз дили Даврон гузашт, ки ибораи «шукр кун» ба Азиза ҳамеша сеҳру ҷоду барин асар мекунад... Ҳоло фикр мекард, ки чаро ин сухан ба ҳамсараш чунин таъсир дорад. Аз хурдӣ дар хонавода падару модар ҳамаи моро ба шукр гуфтан водор мекунанд. Худашон ҳам дар сари ҳар кор - хоҳӣ бад ояд, хоҳӣ нек, шукр мегӯянд. Падари Азиза ҳатто ҳангоми ҳалокати писари ягонааш ҳам «шукр» мегуфтаанд. Ҳамаи ин беасар намегузарад. Аз як тараф, барои таскини дили одам, барои тасаллӣ шукр кардан хуб аст, вале аз тарафи дигар, касро ба қаноатмандӣ талқин мекунад. Фалсафаи хоси мардуми мусулмон... Ҳатто агар нобарорие пеш ояд, баъзан сабаби онро ба ношукрӣ ҳамл мекунанд».

Ин ҷо аз забони қаҳрамон шукру қаноатро фақат ба «мардуми мусулмон», фақат ба Ислом нисбат додани қаҳрамон эҳтимол чандон дуруст набошад. Шукр ва қаноат дар байни усули ахлоқи динии ҳама халқҳо мавқеи калон дошт, решаҳои онро аз таҷрибаи зиндагӣ ва фаҳмишу дониши халқ, аз идеалҳои вай, аз ҷустуҷӯйҳои маънавии фарзандони бузурги ӯ ҷӯем, шояд наздикӣ ба ҳақиқат осонтар шавад.

Чунонки мебинем, андешаҳои Даврон хеле доманадор буда, тасаввуроти ҳаётии мардум, таҷрибаи халқро ҳамаҷониба фикр мекунад ва маънои ҳикматҳои халқро фаҳмидан, ба таҷрибаи чандин насли мардум шарик шудан мехоҳад. Даврон, ки ҷавони равшанфикр ва пизишки ҷӯянда аст, худро як ҷузъи халқаш медонад ва ҳар чиро, ки хоси ин халқ аст, аз ҷумла маънои он хулосаҳои аҷибу ғарибро, ки халқ аз рӯйдодҳои зиндагӣ мебарорад, пай бурдан яке аз мақсадҳои ӯст. Дар ин

мавриди ҳам ҳофизаи таърихӣ қувваи фаъол буда, барои ҳалли масъалаҳои имрӯзии ахлоқи иҷтимоӣ, барои муайян шудани хатти ҳаракати ҳозираи инсон хизмат мекунад. Ҳофизаи таърихӣ, пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ аз муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки дар ҷустуҷӯйҳои маънавию ахлоқии ин қаҳрамони ҷавон, дар ташаккули шахсияти ӯ нақши калон доранд.

Нависанда бо рафти воқеаҳо ва бо мантиқи инкишофи саҷияи қаҳрамонҳо таъкид кардааст, ки пайванди наслҳо ва меросбарии маънавӣ, фаъол шудани ҳофизаи таърихӣ дар ҷиддитарин лаҳзаҳои зиндагии инсон бештар натиҷа медиҳад, ҳалли масъалаҳои мураккаб ва куллӣ, кӯшиши бартараф кардани душвориҳо, чунин лаҳзаҳое, ки инсон дар назди худ вазифаҳои ҷиддӣ гузошт ё чунин вазифаҳо пеш омад, ҳофизаи таърихӣ бештар фаъол мешавад, ба маънои амиқи таҷрибаи ҳаётию маънавии наслҳои гузашта даст ёфтани инсон бештар муяссар мегардад. Ҳеҷ чиз бе ҷидду ҷаҳди махсус ба даст намеояд. Фақат ҷаҳду ҷадали ҷиддӣ дар роҳи ҳалли умдатарин масъалаҳои ҳаёт боиси рушду камоли маънавӣ мешавад. Аз ҷумла ба ҷустуҷӯйҳои маънавии гузаштагон ҳамроҳ шудан, ба қадри таҷрибаи онҳо расидан ва онро давом додан ҳам дар айни фаъолӣ, дар айни шиддати қувваҳои рӯҳии шахс бештар рӯй медиҳад.

Инро дар повести «Тору пуд» аз саргузашти Даврону Азиза ба хубӣ дидан мумкин аст. Чунонки умуман дар душвортарин лаҳзаҳо фаъолияти фикрии инсон қувват мегирад, қаҳрамонони ин повест низ чун ба сарашон фалокате омад, бошиддат фикр кардан гирифтанд ва таҳлилу худтаҳлилӣ дар фикри онҳо зиёд шуд. Муҳим ин аст, ки фикру андешаҳои онҳо дар ин лаҳзаҳо бештар мазмуни маънавӣ мегирад ва хулосаҳояшон аз афзудани ғанои маънавии шахсияташон гувоҳӣ медиҳад. Дар ин мавриди боз ҳам масъалаи шукру қаноат пеш омадааст. Инак, як қисми андешаҳои Азиза:

«Ман маст будам, ҳушёр шудам, - мегуфт ҳоло Азиза бо дард. - Хоб будам, бедор шудам. Як бор сарам ба обу поям ба гирдоб афтоду сонӣ маънии бисёр гапу корро фаҳмидам. Даврон ҳамеша як байт шеъри Хоҷа ҳофизро такрор мекард: «Замони хушдилӣ дарёб, дарёб, ки доим дар садаф гавҳар набошад». Вай понздаҳ сол боз ин байтро гуфта мегашт, вале

ман маънии онро дуруст наандешидаам ё худ барои андешаи чуқур фурсат надоштам. Акнун фаҳмидам... Одамизод чӣ махлуқи ношукр будааст! Ана, расо се моҳ боз шабу рӯзамон бо парешонӣ мегузарад. Се моҳ боз ба лабам табассум надавидааст. Дар ҳақиқат, ба монанди садафе, ки гавҳар надорад, ҳаёту зиндагӣ холӣ, пуч, бекора шуд. Се моҳ боз ақрабакҳои ин соати ба ман харида додагиаш беҳуда мегарданд, рӯзу шабҳои ба ман нодаркорро ҳисоб мекунанд... Даврон доим мегуфт: «Ман на аз он қаноатмандам, ки хушбахтам, балки хушбахтиам аз он, ки ҳамеша қаноатмандам ва шукр мекунам». Маънии ин суханбозиашро намефаҳмидам, ақаллан бифаҳмам гӯён ақламро намедавондам. Баръакс, аз ин хел суханон дилтанг будам. Ӯ ба рӯйи ман маҳзун менигаристу хомӯш механдид. Ҳа, Даврон аз кору бори худ, аз хонавода, умуман аз ҳаёт қаноатманд буд. Кӯдак барин баъзан ягон ҳодисаи одӣ ва ё муколамаи лутфомезро гуфта, соат-соат механдид. Боре як воқеаро гуфта, Испанд катӣ ҳар ду қариб то ними шаб хандиданд. Дар саҳни хона ғел зада, шикамашонро дошта механдиданд. Ана, акнун ба лабони писарам табассум намедавад».

Ҳам воқеаҳои ҷории рӯзмарра, ҳам хулосаҳои ҷиддие аз онҳо, ҳам байти Ҳофиз, ҳам суханбозии ҳикматомезе дар бораи шукру қаноат ва бахту саодат як ҷо шудааст, ки ҳама ҳастии ӯ мазмуни баланди маънавӣ дорад. Вай дар айни шиддати фикру ҳиссаш рафти воқеаҳои зиндагии худ ва хонаводаашро, зоҳири воқеаҳоро не, балки моҳияти онҳоро аз назар гузаронидан мехоҳад. Мақсади ӯ ба маънии ботинии рӯйдодҳо сарфаҳм рафтан, аз онҳо сабақ омӯхтан, барои оянда хулосаи ҷиддӣ баровардан аст. Қаҳрамон дар ин лаҳза дар сари ҷустуҷӯйҳои маънавӣ, дар сари худшиносӣ мебошад, мақсади вай зиндагӣ ва маънои ҳаёти худро ба андеша гирифтан аст.

Арзишҳои маънавии ҷовид бунёди одамиятро ташкил менамоянд. Онҳоро бодиққат омӯхтан, дар рафти дигаргуниҳои пурсуръати замони тӯфонии мо муҳимтарин падидаҳои онҳоро аз даст надода, бо худ эҳтиёткорона ба оянда бурдан ва барои фардои башарият маҳфуз доштан вазифаи бузурги гуманистӣ мебошад. Адабиёт ҳам дар ин роҳ хизмат мекунад. Аҳамияти аксари асарҳои Баҳром Фирӯз низ дар ҳамин аст.

*с. 1989-2009*

## ГУЛНАЗАР
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# ҶОИЗАИ АСЛ

Соли гузашта дар Теҳрон рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он устод Ҷӯрабек Муродов, ҳофизи мумтоз Қурбоналӣ Раҳмон, шоирони номвари мо Ҳақназар Ғоиб, Нурмуҳамад Ниёзӣ ва чанд тан навозандаву корманди телевизиони тоҷик иштирок доштанд. Ман ҳам дар қатори онҳо будам.

Баъди анҷоми яке аз намоишҳои фарҳангии мо ҷавонзане бо фарзандаш бо дастагули тару тоза ба наздамон омад. Зан бо мо гарму ҷӯшон саломуаллайк кард, табрикоти худро иброз дошт.

- Ман Марворид ҳастам, духтари Баҳром Фирӯз, - шиносонд ӯ худро ба мо.

Воқеан, ман чаро ӯро нашинохтаам? Мо солҳо бо ҳам ҳамсояем, вай дар пеши назари худамон ба камол расид, бо ҳамсояҳо дар тӯйи арӯсиаш иштирок доштем. Гузашти сол ҳамин. Баъзан чеҳраи кас ба андозае тағйир меёбад, ки шахсони ба ҳам бисёр наздик ҳам якдигарро ба душворӣ мешиносанд.

Ӯ солҳост, ки ҳамроҳи шавҳараш дар Эрон кор мекардааст. Фарзандонаш низ дар ҳамон ҷо мехондаанд.

Марворид аз ҷувздони дасташ чанд дона китоб берун овард:

- Ин китоби падарам – «Рухсора». Дар ҳамин ҷо, бо пули худамон чоп кардем.

Духтари Баҳром Фирӯз китоби падарашро, ки бо сифати бисёр хуб ба табъ расида буд, ба ҳар кадоми мо тақдим кард.

Бегоҳӣ, вақте ки ба меҳмонхона баргаштем, ман аз нав қиссаи «Рухсора»-ро варақгардон кардам ва воқеаҳои чанд сол пеш дар пеши назарам ҷилвагар шуданд.

****

Котиба кабинет ба кабинет гашта, ҳар кадоми моро таъҷилан ба ҳузури муҳаррири рӯзнома даъват кард.

Он вақт рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» («Ҷавонони Тоҷикистон»-и имрӯза) дар як бинои яккабатаи дарозрӯя, дар

муқобили «Чопхонаи аввалин» ҷойгир буд. Дар ин бинои дароз ҳамчунин рӯзномаҳои «Комсомолец Таджикистана», «Пионери Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Машъал» фаъолият доштанд.

Мувофиқи мушоҳидаҳо, ҳар вақте ки муҳаррир моро таъҷилан дар дафтари кориаш ҷамъ мекард, пай мебурдем, ки воқеае рӯй додааст: ё дар рӯзнома хато рафтааст, ё корманди рӯзнома гуноҳе кардааст, ё аз боло аз КМ, фармоише омадааст.

Дар чанд лаҳза ҳама ҷамъ омаданд, - аз ҷонишини муҳаррир то котиба. Муҳаррир ошуфта ва хашмгин менамуд. Вай омирона моро як-як аз назар гузарониду бо қаҳр пурсид:

- Баҳром Фирӯз куҷост?

Котиба аз ҷой бархосту «Як бори дигар мегӯям» гуфт ва аз дар берун рафт. Аммо дер накард, ҳамроҳи Баҳром баргашт.

- Чӣ, мо ҷониби шуморо махсус интизор шавем? – теғ кашид муҳаррир.

- Бубахшед, гуфтугӯйи телефонӣ доштам, - ҷавоб дод Баҳром ва ба курсии холӣ нишаст.

Муҳаррир варақҳои рӯйи мизашро бори дигар аз назар гузарониду бо ҳамон оҳанги омирона маҷлисро оғоз бахшид.

- Масъала якто. Дар бораи омоли ношоистаи корманди мо Баҳром Фирӯз. Мактуби шикоятӣ омадааст. Аз КМ комсомол супориш шуд, ки онро бо ҷамъи ҳамкорон муҳокима кунем ва баҳои сазовор биҳем.

Мактуби шикоятӣ аз Ленинобод (Хуҷанди имрӯза) омада буд. Муаллиф навишта буд, ки Баҳром Фирӯз чанде дар Институти педагогии шаҳри Ленинобод муаллимӣ кард, одобу ахлоқи муаллими советиро поймол намуд, ба як студенткааш ошиқ шуд. Чунин одам ҳақ надорад, ки дар рӯзномаи ҷавонон кор кунад.

Кабинети муҳарриро хомӯшӣ фаро гирифт. Мо медонистем, ки Баҳром баъди ба Душанбе омадан дар Иттифоқи оҳангсозон, дар радиои Тоҷикистон  кор мекард. Баъдан ба идораи «Комсомоли Тоҷикистон» омад. Номи шоириаш дар баробари Лоиқу Ёдгорию Ғоиб Саидзодаву Фабибулло Файзулло баромада буд. Шеърҳояшро махсусан ҷавононеписандиданд ва аз ёд медонистанд. Маҷмӯаи аввалини шеърҳояш «Розҳои маҳтобшаб», ки ҳамон шабу рӯз, яъне соли 1967 ба табъ расида буд, мақбули ошиқони шеър афтода, аз даст ба даст мегузашт.  Ҳатто шеъри «Соя»-и Баҳром дар яке аз маҷаллаҳои

бонуфузи Эрон чоп шуда буд, ки дар он солҳо чунин воқеа ба афсона баробарӣ мекард: «Дӯстам , соя машав!»

Аммо дар маҷлиси муҳокима касе лаб накушод. Муҳаррир хомӯширо шикаст:

- Касе, ки дар таълимгоҳи ҷавонон беадабӣ карда бошад, дар рӯзномаи ҷавонҳо кор карда наметавонад.

Ногоҳ Баҳром ба шӯр омад:

- Кадом беадабӣ? Оё шумо медонед, ки адаб чист?

- Пӯшед даҳонатонро! – дод зад муҳаррир.

Ман, ки нав ба рӯзнома ба кор омада будам ва ҳанӯз рӯҳияи коргоҳро дуруст намедонистам, аз ҷо бархостаму гуфтам:

- Ошиқ шудан магар беабадист? Шоир гуфтааст: «Бадномии ишқ номдорист!»

Ба ваҷоҳати муҳаррир назар кардаму тарсидам: ду чашмаш аз косахона гӯё берун ҷаҳида буданд!

- Шин ба ҷоят!-тоқат накард сардор. – Шоир чунин гуфтааст, чунон гуфтааст! Ба талаби КМ ҷавоб гӯед.

Баҳром аз ҷо бархост:

- Ҳа, дӯст доштам, бо ӯ хонадор шудам, соҳиби фарзанд ҳам ҳастем. Ин ҷо гуноҳ куҷост?

Муҳаррир паст наомад:

- Гуноҳ ҳамин, ки студенткаи худро дӯст доштаед.

- Чӣ бадӣ дорад? – ба баҳс ҳамроҳ шуд Бобо Расулзода.

Муҳаррир бо қаҳр гуфт:

- Бадӣ дар он аст, ки Баҳром Фирӯз бо мо кор мекунад, коллективро бадном мекунад.

Баҳром бори дигар аз ҷо бархост:

- Ман агар коллективро бадном карда бошам, як лаҳза ин ҷо намеистам.

Дарро кушоду берун шуд.

***

Ҳамон солҳо дар ҳузури Иттифоқи нависандагон Шӯрои тарғиби адабиёт фаъолият дошт (ба гумонам, ҳоло ҳам ҳаст, аммо амалаш назаррас нест) ва зуд-зуд гурӯҳи шоиру нависандагонро ба ноҳияҳо равона мекард.

Дар яке аз сафарҳо ману Баҳром меҳмони донишҷӯёни омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа будем.

Духтаре аз ҷо бархосту ба Баҳром гуфт:

- Ман қиссаи «Рухсора»-и шуморо хондам. Оё воқеаҳои тасвиршуда ҳаётианд?

Баҳром гуфт:

-Оре. Ин саргузашти ошиқии худи ман аст. Ман дар ҷавонӣ бо духтаре ошиқ будам, ки имрӯз ҳамсари ман ва модари фарзандони ман аст.

Баҳром ба шавқ омада буд, чашмонаш медурахшиданд, мӯйҳои сиёҳи ғулӯяш ба болои абрӯвони ғафсаш парешон мешуданд. Гоҳ-гоҳ бо ангуштонаш мӯйҳояшро ба тартиб меовард.

- Оё шумо номи рассоми гурҷӣ Нико Пиросманиро шунидаед? Не? Суруди машҳури Алла Пугачёва «Миллион-миллион аллых роз»-ро дар ёд доред?

Донишҷӯён ҳама бо як овоз «Ҳа!» гуфтанд.

Баҳром шод шуд.

- Ана ҳамон рассом камбағал будааст. Дар зодрӯзи маҳбубааш тӯҳфае харида натавонистааст, рангу мӯқаламашро гирифтаасту дар деворҳои кӯчаи ёраш гулҳои арғувонӣ кашидааст! Ана муҳаббат ба чӣ қодир аст!

- Шумо чӣ кардед?-ногоҳ пурсид духтаре.

- Ман дар зодрӯзи дилбарам гулдастаҳои зиёде харидам ва кӯчаашонро гулпӯш кардам. Ҳамчуноне ки дар «Рухсора» ҳаст!

***

Баҳром дар шӯъбаи танқиди адабии маҷаллаи «Садои Шарқ» кор мекард ва маро пайваста ташвиқ менамуд, ки ба танқиди адабӣ машғул шавам. Тақризҳое, ки ман ба қиссаи Сорбон «Шинел», қиссаи Ибод Файзулло «Дур аз фронт» ва китоби тарҷумаи шеърҳои Адам Митскевич (тарҷумаи Қутбӣ Киром) навишта будам ва онҳо дар «Садои Шарқ» чоп шуданд, самараи ҳидояти Баҳром буданд.

Боре Баҳромро мушавваш дидам.

- Чӣ гап?

- Эҳ, ман! Қариб дар ноҳияи шумо шаҳид шуда будам.

Баъд, ӯ нақл кард, ки дар даромади деҳаи Такфон (ноҳияи Айнӣ) мошини «Москвич»-аш ба мошини боркаш бархӯрдааст. Хайрият, ки зану фарзандонаш осеби сахт надидаанд. Худаш каме зарб хӯрдааст. (Бояд зикр кунам, ки чанд сол баъд маҳз

дар ҳамин ҷо «Волга»-и устод Лоиқ ҳам ба садама дучор гардид.)

- Кори шудагӣ шуд, - гуфт ӯ. – Аммо ман аз ҳаромкорӣ ва гурусначашмии нозирони роҳ сахт хафа шудам.

- Мавзӯи тайёр.

- Аз куҷо медонӣ, ки ман ҳоло чизаке навишта истодаам?

- Медонам. Чунки шумо мисли баъзе нависандаҳо сужетро зӯракӣ намебофед, балки онро аз ҳаёт гирифта, зинда, гиро ва равшан менависед.

Воқеан, баъди чанде қиссаи «Тору пуд»-и Баҳром ба миён омад ва аз байни нозирони роҳ бадхоҳон ҳам пайдо кард, ки ин ҳикояти дигар аст.

Дар бораи ин қисса устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ солҳо баъд навишта буданд:

«Масъалаи масъулиятшиносии шахс ва ҷамъият дар «Тору пуд»… ранги дигар гирифт ва такмил ёфт. Нависанда акнун барои падидаҳои ҳаромкорӣ, бетамизӣ, худсарӣ, бемаънавиятӣ на фақат худи онҳоеро, ки ин хислатҳо аз онҳо сар задааст, на танҳо ҳар шахси ҷудогона ё як гурӯҳ мардумеро, ки расвоиҳоро дида, чашм мепӯшанд, гунаҳкор медонад, балки масъалаи ҷавобгарии махсуси масъулони расмиро пеш гирифтааст».

Ман бисёр ҳикояву қиссаҳо ва романи «Ғафлатзадагон»-и ӯро хондаам. Бисёр мақолаҳои амиқи публисистии ӯ дар ёдам ҳаст. Ҳамин баҳои устод Шакурӣ ба тамоми эҷодиёти Баҳром хос аст. Вай адиби яксухану якрӯ буд, дар зиндагӣ ва дар кор ҳам чунин рафтор мекард.

Боре телефонӣ маро ба хонааш даъват намуд. Дар рӯйи мизи ӯ мусаввадаи китоби бачагонаи ман «Се кулчаи танӯрӣ» мехобид. Баҳром ба ман эрод гирифт ва дар бораи чи гуна будани адабиёти бачагона сухан ронд, ки то ҳанӯз аз хотирам нарафтааст. Ман даставвал ранҷидахотир шудам. Ба хона омадаму чанд рӯз андеша кардам ва дарёфтам, ки эродҳои ӯ дурустанд. Вай ҳамчун муҳаррири нашриёти «Адиб» наметавонист, ки ба маҷмӯаи ман сарсарӣ назар кунад. Виҷдонаш ба ин роҳ намедод.

«Се кулчаи танӯрӣ»-и ман бо сифат ва мазмуни хуб ба чоп расид ва ман соли 1994 барои ин маҷмӯа сазовори ҷоизаи давлатии адабии Рӯдакӣ шудам.

***

Дар як рӯзи боронии баҳор  аз собиқ бинои Иттифоқи нависандагон (ҳоло ин ҷо хадамоти раводид ва шиносномадиҳии Вазорати корҳои хориҷии  ҷумҳурӣ ҷойгир аст)  баромада, ба куҷое рафтанӣ будем, ки аз пеш устод Мирсаид Миршакар омаданд. Баъди саломуалейк ба Баҳром гуфтанд:

- Аз «Садои Шарқ» ҳикояатро хондам. Гирумонат нағз. Агар ҷиддитар машғул шавӣ, комёб хоҳӣ шуд. Ба Турсунзода ҳам гуфтам.

Баҳром ба устод изҳори сипос  кард ва вақте ки дуртар рафтем, гуфт:

- Ҳикояи «Бобо»-и ман ба бисёриҳо маъқул шудааст. Ба ман мегӯянд, ки ба насрнависӣ машғул шавам.

Ман бо шӯхӣ гуфтам:

- Чаҳорчӯбаи назм тангӣ кард, гӯед.

- Воқеан, наср чизи тамоман дигар аст. Ҳарчанд дилам ба шеър кашол аст, мехоҳам бештар ба наср машғул шавам, - гуфт Баҳром андешамандона.

Сухани устод Миршакар пайғамбарона будаанд. Баҳром ҷиддӣ ба наср дил баст ва ба мо ҳикояҳои дилнишин, қиссаҳои « Рухсора», «Тору пуд», «Ту танҳо не», «Ситораи думдор», «Тарма», «Агар вай мард мебуд» ва  ғайраҳоро эҳдо намуд.

Баъзе ҳикоя ва қиссаҳои нависанда ба забонҳои дигар тарҷума шудаанд ва  Баҳром аз ин хусус бо ифтихор сухан меронд.

Бояд зикр кунам, ки Баҳром ба шеър ҳам бевафоӣ накард, то поёни умри кӯтоҳаш пайваста шеър мегуфт ва хуб мегуфт. Аммо ҷою манзалати шоистаи адабии худро тавассути наср пайдо кард.

Соли 1991, вақте ки ба ман ҷоизаи ба номи устод Турсунзода ва ба Баҳром ҷоизаи ба номи устод Айниро доданд, мо аввалин барандагони ин ҷоизаҳои навтаъсиис Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон будем.

Баҳром  дар хонааш зиёфат орост ва ман ҳам ба табрики ӯ рафтам. Азбаски таъхир карда будам, охирин меҳмони зиёфаташ ба назар меомадам.

- Ҳоло мукофотҳои болотару шоистатари Шумо дар пеш, - гуфтам ба ӯ ҳангоми муборакбод.

- Ман барои мукофот наменависам, - гуфт ӯ. – Муҳаббати хонандагон ҷоизаи бузурги ҳар адиб аст.

Ӯ ҳақ аст. Ин ҷоизаи асл, яъне муҳаббати хонанда, Баҳром Фирӯзро зинда нигоҳ хоҳад дошт.

октябри с. 2009

***КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО***
***Нависандаи халқии Тоҷикистон***

## НОМАҲО, НАВИШТАҲОЯШ МОНДА…

Аввалҳои тобистони соли 1969 буд, яъне беш аз 25 сол пеш* аз ин. Муҳаррири ҳамонрӯзаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») Абдулло Зокиров маро ба наздаш хонда буд. Аз деҳа (он вақт муаллим будам) ба шаҳр омадам. Дар ҳуҷраи муҳаррир бо ҳам менишастем. Ӯ бо телефон ҳарф мезад. Назарам ба китобҳои ҷевон, ба сақфу фарши ҳуҷраи тозаю озода.

Муҳаррир бо касе дар гуфтугӯ буд. Ӯ баҳри чӣ маро ҷеғ зада? Ба дараҷае аз мақсадаш огоҳ будам: ба рӯзнома ба кор хонданиам буданд.

Дари хуҷра кушода шуду Баҳром Фирӯз назди муҳаррир даромад. Вазифаи мудири шӯъбаи пропаганда ва агитатсияи рӯзномаро адо менамуд ӯ. Як-ду ҳикоям аз ҳамин шӯъба дар рӯзнома нашр шуда буд.

— Салом, Кароматулло, - гуфт Баҳром бо ҳамон овози боқуввату бардамонааш, ки хоси ӯ буд.

— Салом.

Даст дода бо ҳам вохӯрдем. Дар ин мобайн Абдулло Зокиров гӯшаки телефонро ба ҷояш монда буд.

— Мулло Баҳром, Кароматуллоро ба кор гирем, мегӯем. Шумо чӣ маслиҳат медиҳед? Саҳв намекунем, - пурсид аз ӯ Зокиров.

— Нағз мешавад, дар шӯъбаи мо ҷой ҳаст.

— Якбора ба шӯъбаи шумо?

— Ҳа, боз аз куҷо одам меҷӯем? Аз Шумо хоҳиш мекунам, рафиқ Зокиров, Кароматуллоро ба шӯъбаи мо гузаронед, корамон бисёр аст, медонед.

— Хайр, агар ин қадар бовар дошта бошед ба ин кас, ман розӣ. - Муҳаррир, аз афташ ягон фикри дигар дошт, ки ноилоҷ монд, аз ноилоҷӣ ба талаби Баҳром сар фаровард. Хурсанд гаштам. Дар дил ба Баҳром ташаккур мехондам. Худам ҳам орзуи дар ин шӯъба кор кардан доштам.

Дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» дар шӯъбаи пропоганда ва агитатсия ба кор шурӯъ намудам.

Баҳром ва чанд нафар ходимони рӯзнома дар як ҳуҷраи калону васеъ ҳамроҳ менишастем. Рӯзҳои хуш ва ширини зиндагиам буданд он рӯзҳо. Рӯзнома ба назарам даргоҳи

---

* *Вақт чунон зудпарвоз аст, ки ҳоло расо 40 сол сипарӣ шуда*-шарҳи мураттиб

муқаддас менамуд. Он ҷо заҳмат мекашидам. Ҳар рӯз хело бармаҳал ба идора меомадам, аз роҳи дур, аз деҳа меомадам, пеш аз ҳамкорон, пеш аз онҳое, ки дар шаҳр мезистанд, дар наздикиҳои идора иқомат доштанд.

Бо Баҳром кор мекардам. Вале ҳамон рӯзҳои аввали корам дар рӯзнома воқеае рух дод, ки Баҳромро дар назди муҳаррири серталабу сахтгирамон Абдулло Зокиров забонкӯтоҳ кардам. Ба шумораи якшанбегии рӯзнома бо Баҳром навбатдор будам. Ӯ ба ҷойи муҳаррир рӯзномаи онрӯзаро мехонду ман ёрдамчиаш.

Офтоб ғуруб намуд, дар осмони Душанбе ситораҳо падид омаданд. Ҳанӯз кор зиёд. Саҳифахонӣ анҷом намеёфт. Кадом як мақолаи нав аз Кумитаи марказии комсомол омадаро аз забони русӣ ба тоҷикӣ мегардонданд. Маълум, ки саҳифахонӣ хело давом меёфт. Ҳушу хаёлам ба деҳа, ба хона. Дер шуда буд. Автобус дигар ба деҳа намерафт. Мошинҳои роҳ ҳам кам монда буданд, ноумед гашта будам. Нигоҳам аз тиреза ба берун. Ториктар мешуд. Чӣ бояд кард? Кай саҳифахонӣ анҷом мегирад! Тарҷумаи мақола тӯл мекашид. Парешонию беқарориамонро ҳама ҳис мекарданд.

— Кароматулло, шумо равед. Хонаатон дур. Ман худам мехонам, - таъкид намуд Баҳром.

Хоҳиши Баҳромро рад намудам. Ҳамроҳаш саҳифа хондам. Вале хаёлам осуда набуд.

Ба хаёли парешон ба ҳамон шумораи рӯзнома имзо мондам. Яъне, иҷозат ба чоп додам. Мошинҳо ба кор даромаданд, шумораҳои рӯзнома яке паси дигар аз зери онҳо мебаромаданд. Рӯзнома чоп мешуд, вале аз куҷо медонистам, ки ба саҳву хатоҳо онро ба чоп имзо мондаам, аз хатоям бехабар будам.

Рӯзи душанбе дар идораи рӯзнома шӯру қиёме ба амал омад. Аз Кумитаи марказии комсомоли ҷумҳурӣ паси ҳам сим зада мегуфтанд, ки чаро дар сарлавҳа аз калимаи съезд ними як ҳарф шикаста, чанд сатри дигар миёни матн пешу қафо ва боз кадом як нуқтаю вергул ба ҷояш наомада... Хуллас, шумораи пурсаҳву хато, ҷавоб гуфтан лозим.

Муҳаррирро мепурсанд. Ӯ омад. Маҷлиси ғайринавбатӣ ва ғайричашмдошт даъват шуд. Бо айби ман, корманди нави рӯзнома, ноором ба амал омад. Кумитаи марказии комсомол

аз муҳаррир баёнот хоста буд. Гӯё саҳв саҳл набуда, саҳви сиёсӣ, аз ғараз ва боз аз ким-чӣ гуна афкор ба амал омада.

Мани гунаҳгор бо сари ҳам менишастам. Пас аз чанд лаҳза маҷлис. Чӣ ҷавоб бигӯям? Ба рӯйи аҳли рӯзнома, ки ба ҳуҷраи муҳаррир ғун меоянд, чӣ гуна менигарам? Ҳанӯз маро ба онҳо нашиносондаанд. Аз афташ, маълуми ҳамагон менамояндам, ки корманди нави рӯзнома ҳастам, бо айби ман хато гузашта, барои ин муҳокимаам мекунанд. Баҳром ҳам аз туфайли ман гапшунав.

Баҳром наздам омад. Болои сарам меистод ӯ.

— Бо вуҷуди ин қадар ҷонкоҳӣ хато шудааст-а?

— Ҳа, бо айби ман.

— Ин тавр нагӯед, хафа нашавед, минбаъд ҳушёр мешавед, баъд одат кардан лозим, аз ҳар корманди рӯзнома хато мегузарад, аз муҳаррир ҳам, - гуфт Баҳром ва чеҳраи зебояш аз табассум пурнуртар гашт.

Маҷлис сар шуд.

— Дидед, Баҳром, гуфта будам, ки Кароматулло ҳоло камтаҷриба, мо дигар фикр доштем. Вале Шумо ба миён даромадед, ба шӯъбаи худатон гирифтед, кафил шудед. Ана акнун ҳамаамон ҷавоб мегӯем, ҷазо мегирем, - муҳаррир бо димоғи сӯхта ба сари Баҳром ғурбат намуд.

— Кароматулло гуноҳ надоранд, - гуфт бо қатъият Баҳром.

— Ман гунаҳгорам? Айби ман! Ба Кумитаи марказии комсомол ҳамин тавр ҷавоб гӯем? - муҳаррир оташин гашта буд.

— Ин саҳифаро Кароматулло нахондаанд. Худам гуфта будам нахонанд. Айби ман.

— Кӣ хонд?

— Худам хондам, хато гузаштааст, - гуноҳи азими маро Баҳром ба гардан гирифт. Азбаски Баҳром миёни ҳамкорон, назди муҳаррир обрӯи баланд дошт, аҳли маҷлис ҳама сокит монданд. Муҳаррир ҳам ҳарфе нагуфт, танҳо як нигоҳе ҷониби Баҳром афканд.

Ҳама аз ҳуҷраи муҳаррир мебаромаданд. Ман низ дар ҳолате, ки аз рафтори олиҳимматонаи Баҳром дар ҳайрат монда, чӣ гуфтанамро намедонистам, аз паҳлӯи ӯ бархостам.

— Шинед, - шунидам овози муҳаррирро. Баҳромро ҳам нигоҳ дошт ӯ. Сукунате ба амал омад. Аз афташ, аз як муҳокима

халос ва ба муҳокимаи дигар дучор шуда будам. Чӣ мегуфта бошад муҳаррир?

— Мулло Баҳром, медонам, айби Кароматулло аст, ба ман гуфтанд. Шумо ин касро боз дастгирӣ намудед. Минбаъд ҳушёр шаванд, хуб кор кунанд, ба қадри некӣ расанд. Ман, Баҳром, ба шумо қоил, аз шумо омӯхтан лозим. - Абдулло Зокиров ба Баҳром таҳният хонд. Хурсанд буд ва ба ман нигарист: - Ба шумо ҷавоб, аз пайи кор шавед. Ба ҷои шумо Баҳром ҷазо мегиранд, - гуфт бо ханда муҳаррир.

Баъди ин воқеа назди Баҳром худро қарздор барин ҳис менамудам. Кӯшиш мекардам, ки хабару мақолаҳои мухбирон, очерку лавҳа ва ҳикоятҳои ба шӯъба омадаро бесаҳву хато ба чоп ҳозир орам, худам нависам, Баҳромро шод гардонам.

То он рӯзҳо бо Баҳром Фирӯз хуб шинос набудам, асарҳояшро хонда будам, гоҳе вомехӯрдам бо ӯ. Сӯҳбат мекардем. Аммо дар давоми ҳамкорӣ чӣ гуна шахсияти неку хайрхоҳ будани вай маълум мегашт.

Ӯ ба ҷойи худашро сафед кардан, ки одати гӯё модарзодии аксари мардумон аст, гуноҳи маро ба дӯш гирифт. Дар давоми солҳои зиёди минбаъдаи дар рӯзномаҳо заҳмат бурданҳо, бо ҳамқаламон ҳамнишинӣ намуданҳо кам одамонеро дучор омадам, ки дар мавридҳои зарурӣ, душвор дӯстону наздиконашонро одилона дастгирӣ намуда бошанд. Баръакс, дӯстонеро медидам, ки гуноҳи нокардаро ба дӯши якдигар мемонданд, худро сафед ва дар чашми калоншавандаҳо ширин мекарданд.

Баъди чанд муддати ҳамкориамон Баҳром Фирӯзро ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба кор даъват намуданд. Бо тавсияи ӯ вазифааш дар рӯзнома ба ӯҳдаи ман гузошта шуд. Хело солҳо баъди Баҳром дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» мудири шӯъбаи пропаганда ва агитатсия будам.

Бо Баҳром боз дар нашриёти «Маориф» ҳамкор шудам. Ба ин ҷо маро ба вазифаи мудири шӯъбаи адабиёти бачаҳо ва наврасон оварда буданд. Баҳром яке аз муҳаррирони шӯъба. Дар нашриёт - дар ҷои кори нав ӯ бароям шахси наздик, шинос. Бо гардиши айёму тасодуф баъди 15 сол мо боз бо Баҳром ҳамкор.

Хурсанд набудам, ки аз рӯзнома ба нашриёт ба кор омадам. Боре ғарқи хаёл дар долони нашриёт қадам мемондам, Баҳром аз пешорӯ меомад.

— Аҳволҳо чӣ тавр, Кароматулло? - гап андохт ӯ.

Ба Баҳром дари дил кушодам. Гуфтам, аз он ки ба нашриёт ба кор омадам, пушаймонам. «Рӯзнома нағз», - ҳасрат намудам. Баҳром хандид.

— Одат мекунед, - гуфт ӯ ва бо ханда афзуд. - Шахсан маро акнун ба вазифаи сармуҳаррири рӯзнома ҳам гӯянд, намеравам. Андаке кор кунед, баъд мефаҳмед.

Ин суханони Баҳром аз ёдам намераванд, гӯё дирӯз ӯ ба ман таъкид карда буд. Рост гуфта будааст, Баҳром.

Баъди таъсиси нашриёти «Адиб» мо боз бо ҳам кор кардем. Баҳром мудири шӯъбаи адабиёти муосир буд.

Ҳаёт дар Душанбе, дар ҷумҳурӣ ноором шуд. Кушторҳо сар заданд. Баҳром мехост аз ин ҷанҷолҳо дуртар бошад, чи хеле мегӯянд, мехост на бинаду на сӯзад. Дилаш аз ҳама ин низоъҳои бемаънӣ озурда гашта.

Ба рухсатӣ баромад, баъд чанде дар рухсатии бемузд гашт. Минбаъда рӯзҳояш дар шаҳри Хуҷанд, пеши азизону наздикон мегузашт, он ҷо зиндагӣ ихтиёр намуд.

Гоҳе ба Душанбе меомад, ба нашриёт медаромад. Ӯ занбӯри асалпарвар буд. ҳунаре дошт. Аз асал май мегирифт, майи болаззату боқудрат. Боре ба хабаргириамон омада пас аз хело ҳолу аҳвол пурсиданҳо шишае аз майи асалӣ болои миз монд. Сайидалӣ, Қутбӣ, Ҳайрат, Раҷаб Мардон, Ҳоҷӣ ва дигару дигаронро суроғ намуд. Ҳама ҷамъ омаданд. Гӯё дар он лаҳзаҳо Баҳром моҳ буду мо ситорагон дар атрофаш. Аз Хуҷанд, аз кору бори эҷодии адибони хуҷандӣ нақлҳо менамуд, ҳоли моро мепурсид.

— Биёед як лаҳза ҳамин дунёи пурғавғоро аз хотир барорем, - гуфт. Бо хоҳишаш даҳони шишаро кушодем ва газакҳои овардаашро ҳам пешамон овард. Сӯҳбатамон гарму нарм, ширину асалин мегашт.

Дар сафари охиринаш ҳам ба Душанбе Баҳром ба нашриёт омада буд. Дар ҳуҷраи ман бо ҳам хеле нишаста будем. Сӯҳбат доштем бо Баҳром. Сӯҳбати ширину гуворо, сӯҳбати вопасину охирин.

Ӯ дар Хуҷанд буд. Аз мо дур, лекин диламон пур, ки имрӯзпагоҳ ӯ боз ба Душанбе бармегардад, ҳамроҳамон мешавад, бо ҳам кор мекунем.

Вале ҳайҳот, умедамон хато будааст. Аҷал аз пайи гусастани риштаи умри Баҳром Фирӯз афтодаю мо бепарво. Аҷал ва ё чӣ тавре гӯянд, фалаки каҷрафторро чӣ парвое.

Ҳамон рӯзи душанбеи 26-уми сентябри соли 1994 бармаҳал ба идора омада будам. Дари ҳуҷраамро кушода пеши тиреза истодам. Рӯ ба кӯча, рӯ ба шоху навдаҳои дарахтон, рӯ ба офтоб. Рангҳои сурхчатоби офтоб болои баргҳои заъфаронии дарахтон медавиданд. Манзараи тирамоҳ. Баргҳо, нурҳои офтоб ранги дигар гирифта. Қутбӣ Киром, ҳамкорам Фарҳод Каримов вориди ҳуҷраам шуданд. Аз рӯзҳои истироҳат, ки шанбею якшанбе дам гирифта будем, аз рӯйдодҳои хушу нохуш, аз шунидаҳоямон ба ҳам нақл менамудем. Ҳамин хел рӯзҳо омада буданд, ки хабарҳои нохуш беш мешунидем, ошуфта мегаштем...

Сайидалӣ дарро кушод. Танҳо набуд, шоир Нарзулло Тиллозода ҳамроҳаш.

— Хабар доред? - бо дили пурандӯҳ давом намуд Сайидалӣ. - Баҳром Фирӯз аз олам гузаштааст.

— Баҳром Фирӯз фавтидааст?! - Аз шунидани ин хабар ҳамаамон гӯё карахт гашта будем. Ёрои лабкушоиамон намонд. Чӣ хабаре буд, ки он пагоҳ шунидем. Садои занги телефон баланд шуд. Гӯшакро бардоштам. Аз Иттифоқи нависандагон Абдураҳмон Абдуманнонов маро мепурсид:

— Баҳром гузаштааст, - бо ҳасрат тасдиқ намуд хабари марги ӯро ва фармуд, ки барои рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» мақолае нависам. Охир Баҳром ҳамкорамон буд.

Розӣ шудам ва гӯшаки телефонро гузоштам.

Баҳром Фирӯз дар бораи қиссаю ҳикояҳоям мақолаҳо навишта буд, ҷонибдориам мекард, шахсе, ки борҳо дар зиндагӣ дастгирам гашта. Акнун рӯзе омада, ки ман аз маргаш нависам? Наход қарзамро дар рӯзҳои мотами вай ба ҷо меорам? Ба хотир меовардам Баҳромро, акнун аз ӯ бароям ёд монда, суратҳои бо ҳам гирифта, номаҳо, навиштаҳояш монда...

## ЯК ҲИКОЯ

Чанд рӯз боз Баҳром дастнависеро дар хона мехонд. Мӯҳлати ба чопхона супурданаш гузашта. Муҳаррирони техникӣ норизоӣ доштанд. Гапу ҳарф то ба сарвари нашриёт мӯҳтарам Собир Хоҷаев расид. Он кас маро наздашон хонданд. Супориш

шуд, ки дастнавис ба дераш то баъди зуҳр ба чопхона фиристода шавад.

Ба хонаи Баҳром сим задам. Ӯро пайдо намудам. Гуфт, ки ҳамин лаҳза ба роҳ мебарояд. Вале рӯзи кӯтоҳи тирамоҳ бегоҳ мешуду аз Баҳром дараке набуд. Ба хонааш боз сим задам. Кимкайҳо баромада будааст, пиёда не- савори мошинаш.

Чӣ гап шуда бошад? Дар ташвиш афтода будам.

Баҳром, вақте, ки ҳама аз кор мебаромад, ба нашриёт омад. Чеҳрааш пуртабассум.

— Кароматулло, ба деҳаҳои шумо рафта будам, аз Теппаи Самарқанд омадам. Бовар намекунед?

* * *

Аз рӯйи нақли Баҳром воқеа ин тавр рух дода будааст.

Сари роҳ ба бозори Шоҳмансур даромаданӣ буд Баҳром. Мошинашро назди дарвоза монд. Аз растаи нонфурӯшон гузашт. Мева гирифтанӣ буд. Ноку биҳӣ ва ангур харид. Халтаи пури меваҳо дар даст аз бозор баромад. Назди мошинаш омад. Пирамарде пеши он меистод. Як писараку духтаре ҳамроҳаш. Зане ҳам бо вай истода. Харидҳои зиёде доштанд. Аз афташ, интизори мошин буданд.

Баҳром дари мошинашро кушод. Нигоҳаш ба назари пирамарди нуронӣ дармонд.

— Салом, - гуфт Баҳром.

— Салом, писар. Чӣ хел шумо? - чеҳраи Баҳром ба ӯ шинос намуд, ки бо вай ҳамгап шуд. Ба Баҳроми нависанда ин хел ҳолатҳо бисёр рӯй дода. Қарибе сари ҳар қадам дар роҳҳо, гулгаштҳо ва ҷойҳои серодам мардум вайро мешиносанд, салом медиҳанд. Мухлисон, одамоне, ки ӯро дидаанд ва ё дар борааш шунидаанд...

— Куҷо меравед? - пурсид Баҳром.

— Мо, писар, ҷониби километри нӯҳум. Шумо-ку ба ҳамон тарафҳо равона нестед?

— Биёед савор шавед, то комбинати полиграфӣ мебарам.

— Кошкӣ, ҳамин тавр кунед, худоё барака ёбед. Занак, - пирамард халтаҳои калон-калон наздаш гузошташударо бардошта ба ҳамсараш муроҷиат намуд: - Чӣ истодӣ? Магар нафаҳмидӣ? Додарам, - Баҳромро боз додар гуфт ӯ, - ҷеғ доранд, ба мошинам савор шавед, мегӯянд. Ҷунб, зуд бош, аз Ху-

до барака ёбанд. - Пирамард Баҳромро дуои нек карда бору бунашро ба мошин ҷой кунонд. Ҳама ба мошин савор шуданд.

— Оббо, писаре, ба ҳафт пуштатон раҳмате, барака ёбед, - пирамард ба мошин нишаста худ ба худ ҳарф мегуфт: - Хело интизор шудем, мошин нест, автобус намегардад. Хайрият шуд. Писар, пурсидан айб нест, шумо дар полиграфкомбинат кор мекунед? - Барои он ки мусоҳибаш сухани ӯро шунавад, болои сари Баҳром хам шуд.

— Не, амак, ман дар нашриёт кор мекунам.

— Шумо нависандаед? - ғайричашмдошт суол дод пирамард ба Баҳром ва давом намуд: - Исми шарифатон чӣ? Чеҳраатон шинос. Агар саҳв накунам, шуморо дар ким-куҷо дидаам.

— Дар телевизор, - духтараки пирамард, ки дар паҳлӯи модараш ҷафс шуда нишаста буд, пичиррос зад.

— Ҳа, дар телевизор дида будем. Шумо ҳам китоб менависед? - гӯё даҳони пирамард гарм шуда буд.

— Ҳа, амак.

Пирамард лаҳзае хомӯш монд, ба фикр афтод.

— Шумо Баҳром Фирӯз ном надоред? - ногоҳ номи Баҳромро ба забон овард ӯ.

Баҳром ба ақиб, ба рӯйи мусоҳибаш назар андохт. Пирамарди нуроние, дар сараш тӯпии чортаркаи фарғонадӯхт, риши сафедаш батартиб бо тариқи зебо қайчӣ зада, чашмонаш медурахшиданд.

— Шумо китоб мехонед? - нависандаро пирамард гӯё ба ҳайрат оварда буд.

— Ҳа, Баҳромҷон, китоб ҳамсӯҳбати беминнати одам, ҳамсӯҳбати нағз, ба дил, - пирамард номи ӯро ба забон оварда бо вай ҳарф мегуфт.

Пирамард худашро ба Баҳром шинос намуд: бобои Довуд, аз деҳаи Теппаи Самарқанд, деҳаашон ба шаҳр наздик.

— Номи деҳаатон Теппаи Самарқанд? Ба чӣ муносибат ин тавр номидаанд. Теппаи Самарқанд гуфтаанд?

— Шумо Баҳромҷон, худатон аслан куҷоӣ, - пурсид бобои Довуд.

— Аз Самарқанд.

— Ягон рӯз, агар насиб бошад, ба тарафи мо биёед, дар хона ман ба шумо аз таърихи деҳа ҳикоят мекунам, мӯйсафедҳоро ғун меорам, ба муаллимон мегӯям, - баъд, бобои Довуд чанд

китоби Баҳромро ба забон овард. Алалхусус достони «Ту танҳо не»-и ӯ ба пирамард хело маъқул гашта буд.

Бобои Довуд, пирамарди хайрхоҳи дилсоф, дар чанд лаҳза дар бораи худаш, ба дараҷае аз тарҷумаи ҳол, аз давраҳои сағирӣ, аз замони шӯравӣ, аз рӯзҳои хушу нохуши аз сар гузарондааш ба Баҳроми нависанда ҳикоятҳо гуфт.

Ҳамин тариқ, ҳам Баҳроми Фирӯз ва ҳам мусоҳиби ӯ нафаҳмида монданд, ки ба истгоҳи комбинати полиграфӣ чӣ тавр расиданд.

— Баҳромҷон, хайр, мо ҳамин ҷо мефароем. Ҳо, ана деҳаи мо - аз тирезаи мошин бобои Довуд ба ҷониби кӯҳ, ба деҳае, ки намоён буд, бо ангушт ишора кард ва ба суханаш давом намуд: - Ягон рӯз биёед, хонаи бобои Довуд канӣ гӯед, ҳама медонанд, нишон медиҳанд. Биёед, Баҳром, - мӯйсафед хоҳиш намуд, ки мошинро нигоҳ дорад. Аммо Баҳром ба ӯ гӯш намедод, суръати мошин суст намегашт.

— Чӣ кор мекунед, Баҳромҷон, истед,- бобои Довуд аз мошин фаромадан мехост.

— Не, амак, ман шуморо мебарам, то хонаатон мебарам, - гуфт бо қатъият Баҳром.

— Ин тавр накунед, Баҳромҷон, дар истгоҳ мефароем, мошин бисёр. Хуб нашуд. Шуморо саргардон кардем, беодобӣ шуд, истед, - бобои Довуд ва ҳамсараш дар хиҷолат монда буданд.

— Ҳеҷ гап намешавад, амакҷон, хонаатон дур набудаст-ку, мошин аз роҳи калон берун шуда рӯ ба дохили дара мерафт. Ҳар қадар мусофирони ӯ узрхоҳӣ намуда, илтиҷо доштанд, ки саргардон нашавад, мошинро нигоҳ дорад, онҳо мефароянд, вале Баҳром бобои Довуд, аҳли байташро дар роҳ нафаровард...

Соат аз се гузашт. Аз чопхона боз дастнависро пурсиданд.

Аз Баҳром дараке набуд. Аз хонаашон ҳам як хел ҷавоб мегуфтанд: «Баҳром ким-кайҳо аз хона баромада...».

* * *

Баҳром ҷузвдони калони дастнавис дар зери бағал, бо чеҳраи хандон дари ҳуҷраамро кушод.

— Дер кардам, Кароматулло?

— Бахудо, алахон шудем, чӣ воқеа рӯй дод? Куҷо рафта будед?

— Ҷониби қишлоқҳои шумо. Теппаи Самарқанд рафта омадам. Хонаи бобои Довуд, мешиносед?

— Ҳа, он кас аз шиносони наздикам.

— Худашон ҳам гуфтанд. Бисёр одами нағз, фарзандонашон ҳам бамаънӣ, ҳамаашон китоб мехондаанд. Мо аз мардум дур, ин хел мӯйсафедон ҳам будаанд. Ин одам як асар. Шумо чаро дар бораи ҳамин хел одамон наменависед? Одамони меҳнатӣ... - Баҳром ҷузвдонро аз даст нагузошта шодона бобои Довудро таъриф мекарду дар ҳаққи ӯ аҳсант мехонд. Аз шиносиаш бо бобои Довуд ҳикоя намуд.

Пири равшанзамир бобо Довудро мешисонам. Хонааш ҳам равуо дорам. Ба як мард чил ҳунар кам аст гуфтагӣ барин, ӯ соҳиби бисёр касбҳост. Усто аст, дар хонааш ҷувози барқӣ бунёд намудааст, осиёдор. Фарзандонаш ҳам боҳунар, зиндагии хуш ва осуда доранд. Бобои Довуд марди дастархондор, дасткушод. Албатта, ӯ одами маълумоти олидор нест. Вале, чи хеле мегӯянд, агар хоҳад, самолёт месозад. Дар рӯзҳои камсаводии мардум ҳамин марди боҳунар дар колхоз солҳои сол сармуҳандис будааст, баъд ӯ дар деҳа бригадир ҳам буда. Ҳама баҳри ҳалли бисьёр мушкилҳо дар ҳолатҳои дармондагӣ наздаш меоянд, маслиҳату машварат мехоҳанд аз вай. Боғҳо бунёд карда, дарахтҳои беҳисоб сабзондааст ин мард. Дар бораи ҳамаи ин ба Баҳром ҳикоя намудам. Вай аз зиндагӣ ва кору бори бобои Довуд бештар фаҳмидану донистан мехост.

Хонаҳои зебо, ҳавлии сердарахти калону васеашро таъриф мекард. Ҳавлиаш дар лаби дарёча, баҳорон пуроб мешавад.

— Ман қоил, ин қадар ҳавлиашон зебо аст. Ниҳолҳо, дарахту гулу буттаҳо чунон ҷо ба ҷо, чунон бо низому тартиб шинонда шудаанд, ки аз зебишашон кас ангушти ҳайрат мегазад, - мегуфт Баҳром ва гӯё як оламе баҳраш тадқиқ намуда буд.

Минбаъд омаду рафти Баҳром ба деҳаи Теппаи Самарқанд, ба хонаи бобои Довуд давом меёфт. Маълуми ҳамагон аст, ки Баҳром пешаи занбӯри асалпарварӣ ҳам дошт. Қуттиҳои занбӯри асалашро дар канори ҳавлии бобои Довуд, зери дарахтони себу анорҳо гузошта буд. Алалхусус, Баҳром баҳорон, вақти гулу сабзиши гиёҳо, вақти ҷомаи сабзгун ба бар кардани талу теппаҳо бештар ба Теппаи Самарқанд, ба хонаи бобои Довуд равуо менамуд.

Аксар вақти аз деҳа ба шаҳр ба кор омадан ва ё аз кор баргаштан дар роҳ ба Баҳром дучор меомадам. Рӯ ба рӯям меомад, ба ронанда мефармудам мошинро нигоҳ дорад. Аз мошин мефаромадем, аз канори киштзорон ё юнучқазори сари роҳ қадам мемондем. Ғуруби офтоб ё тулӯи хуршеди оламороро тамошо мекардем. Ӯ ба хонаи бобои Довуд мерафт ё бармегашт.

Чанд рӯз пеш аз деҳа ба шаҳр меомадем, шиноси деринам бобои Довудро дидам. Вай аз масҷиди деҳа баромада ҷониби хонааш мерафт. Бегоҳирӯзӣ, ки буд, аз афташ, дар масҷид намози асрашро хонда буд. Оғӯш ба оғӯш бо ҳам вохӯрдем.

— Камнамоед, додарам. Ин вақтҳо дар қишлоқ зиндагӣ намекунед-чӣ? - пурсид бобои Довуд.

— Ҳа, - сар ҷунбондам.

— Оббое, додаре. Аҷаб замонҳое шуда. - гуфт ва баъд суолам дод: - Як хабари ганда шунидам, рост аст? Бовар намекунам, ба Худо. Мулло Баҳром қазо кардааст?

— Баҳром аз олам гузашт, - ба ҳасрат тасдиқ намудам.

— Ҷони одам буд Баҳром, тилло буд, ҳайф шуд, сад ҳайф... Бачаҳо хона хабар оварданд... Рост будааст, Вой, вое, ҳайф шуд. Кӯдаконам гиря карданд, «акаи Баҳром»... гуфтанд. Нағз нашуд, вай ёш буд...

Мо дар канори роҳ Баҳромро ёд меовардему ёд меовардем.

Тарафи мошин гаштам. Хаёлам ба Баҳром ва бобои Довуд. Аҷаб не, ҳанӯз қуттиҳои занбӯрҳои асали Баҳром дар хонаи бобои Довуд бошад. Дигар Баҳром ба суроғи онҳо намеояд... Боз баҳор меояд, гулҳо мерӯянд... Ман дар роҳи деҳа бо Баҳром Фирӯз дучор намеоям.

Гузаштанд рӯзҳое, ки вай дар ин олами зебо ҳамроҳамон буд...

*с. 1995*

***АБДУМАЛИК БАҲОРӢ***
***Нависандаи халқии Тоҷикистон***

## ТАСКИНИ ДИЛ

Ба назарам гӯё дирӯзакак буд, ки мо панҷоҳсолагии дӯстамон Баҳроми Фирӯзро ҷаш мегирифтем. Дар хонаи ӯ ҷамъ омада будему мизбони хушҳолу саховатмандро бо синни муборакаш табрик мегуфтем. Соҳибҷашн дар пешгаҳ не, балки дар дамгаҳи дар нишаст, хизмати меҳмонҳои қадршиносашро баҷо меовард, чун ҳарвақта хоксору хандон буд. Мо хулоса мебаровардем, ки Баҳроми само сайёраи наздиктарини Замин асту Баҳроми замин наздиктарин рафиқи ҳамқалами мост, асарҳояш писанди умум гардидаast, назму насраш ба дилҳо зуд роҳ меёбад, ба рушду нумӯи адабиёти муосир саҳми арзанда мегузорад...

Баҳром Фирӯз аз нӯшбоди нотиқони сархуш сахт ба хиҷолат монда, ҷилави сӯҳбатро зуд ба дигар тараф мекашид. Дӯст намедошт, дар ҳузураш ӯро таърифу тавсиф кунанд, адиби маъруфу машҳур ва баркамолаш хонанд.

Рӯзи дигар ман бо Баҳром Фирӯз дар долони Қасри адибон дучор омадаму гуфтам:

— Бори дигар шуморо табрику таҳсин, додарам. Дина меҳмондориҳоятон нағз гузашт, зиёфату сӯҳбат айни муддао буд. Акнун ҷашни таваллудатонро бо аҳли ҷамоат кай ва дар куҷо мегузаронем? Дар толори кадом қасри маданият ё театр ҷамъ меоем? Даъватномаҳо ҳам тайёр будагист?

— Толор? Даъватнома? - писханд зада пурсид Баҳром ва баъди фосилае илова кард. - Чӣ? Чорсад-панҷсад касро аз кору бораш мононда ҷамъ оварем? Онҳо тарҷумаи ҳолу корҳои эҷодии маро ёд оварда кафкӯбӣ кунанду ман дар саҳна рост истода шунавам? Мамнун шуда ташаккур гӯям? Не-не! Ин хел нағмаю тантанаҳои сохтаю зӯракӣ ба хулқу атвори ман рост намеояд, иззати нафси маро таҳқир мекунад. Кифоя аст, ки воситаҳои ахбори умум ин зодрӯзро

каму беш табрик карданд. Ташаккур ба онҳо! Муаллиф ҳамон вақт шоду қаноатманд мешавад, ки мухлисонаш асарҳои ӯро кофтаю ёфта, хонанд, баҳра баранд, таълим гиранд. Мушк он аст, ки фармудааст Саъдии бузург, худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд.

Аз ин мулоқоту сӯҳбатҳои мо бо Баҳром Фирӯз даҳ сол сипарӣ шуд. Ин даҳ соле буд пур аз фоҷиаҳо, табаддулот, бесарусомонӣ, таъқибу таҳқир, қатлу ғорат, муҳоҷират ба манзилу маконҳои дигар. Баҳром Фирӯз дар ибтидои ин даҳсола бо мақолаю публисистикаи худ алайҳи реформаторҳои кӯтоҳназар, мансабталошону маҳалгароён мубориза беамон мебурд, халқро ба ваҳдату ақли солим даъват мекард, ба дахолату дасисаҳои аҷнабиёни зиёнкор лаънат мехонд. Ин фаъолияти ӯ маълум, ки ба душманони миллат ва мулки кӯчаки мо намефорид... Оқибат ӯ маҷбур шуд, ки кӯчашро бандаду пойтахтамонро тарк кунад. Дар Хуҷанд ҳам вай ақидаҳои ҳусни тафоҳум ва сулҳҷуёнаи худро тавассути радио ва рӯзномаҳо давом медод, дар вилоят таъсису нашри маҷаллаи нави «Сайҳун»-ро ба роҳ мемонд. Аз ҳама муҳиммаш, ба кори эҷодӣ ҳамвора машғул мешуд. Ба қавли худаш рӯзе набуд, ки қалам ба даст нагираду чизе нанависад.

Муболиға намешавад агар гӯям, ки Баҳром Фирӯз ҳар як достони нави худро барои мутолиаю машварат даставвал ба Муҳаммадҷон Шукуров ва камина месупорид. Ман дастнависи асарҳои ӯро бодиққат мехондам. Аз образҳои мукаммали офаридааш ва аз бозёфтҳои ҷолиби бадеияш ба завқ меомадам. Нуқсонҳои ҷузъии забону тарзи баён ва пайвасти сусти баъзе лавҳаҳои тасвири ӯро нишон медодам. Вай мулоҳизаи рафиқонашро ҳатман ба ҳисоб мегирифт, ба ислоҳу такмили навиштаҳои худ ба таври ҷиддӣ миён мебаст. Ёдам меояд, баъди хондани қиссаи шавқангезу хотирнишини «Ту танҳо не» ба мушоҳидаҳои борикбинона ва маҳорати рӯзафзуни ӯ қоил шуда, дасташро сахт фишурдаму аз самими дил табрикаш кардам. Вай чашмонашро калон кушода, бо тааҷҷуб ба ман нигаристу

илтимос кард: «Устод, камбудиҳояшро гӯед, ки боз кор кунам».

— Баъзе нуқсонҳои чашмрас, - гуфтам ман, - дар поварақу ҳошияҳо ишора шуд. - Баъд, маро ба устод номида шарм доронданаш ҷавобан афзудам. - Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро!

Ҳусну кубҳи навиштаҳои худро низ ман аз забони Баҳром Фирӯз шунидан мехостам. «Меҳри аввал» сентименталист, «Ҷуръати доктор Мансур»-атон даҳшатнок, изҳор мекард ӯ ҳазломез. Шунидам, ки вай аз Хуҷанд якчандрӯза ба Душанбе омадааст, бо илтимос мусаввадаи «Қиссаи Нодир»-ро ба ӯ хонондам.

— Воқеаҳои калонро дар гармогармияш навиштан аз як ҷиҳат хуб аст, - гуфт ӯ баъди хондан. - Чунки таассурот тозаю ҷузъиёт равшан аст. Вале хулосаи мӯътамад аз он рӯйдодҳо ба назари ман бармаҳал метобад. Мефаҳмам, ки шумо ҳамафти (двойники) президентро ҳамчун меҳвари сюжету озодии андеша аз худатон сохтаед. Забон ҳам боз андак сайқал металабад. Чунончи, дар назм бо тақозои вазн «кош» гуфтан мумкин бошад ҳам, дар наср шакли пурраи онро «кошкӣ» навиштан беҳтар будагист...

Баҳром эродҳои худро дар саҳифаҳои даркорӣ бо қалам беозор нишон дода буд, ки баъди ислоҳ пок карданаш осон бошад. Ман аз рӯйи қайду маслиҳатҳои ӯ қиссаи мазкурро бори дигар таҳрир карда, ба маҷаллаи «Садои Шарқ» супурдам.

Дар тӯйи Абдуқайюм ном шиносамон боре ману Баҳром тасодуфан паҳлӯи ҳам нишастем. Вай чобуку чаққон гӯшти ошро пора карду «гарчи худ бебаҳраам, шодам зи айши дигарон» гуфт.

— Барои чӣ бебаҳра? - ба ҳайрат мондам ман.

— Мо узви маҳфили йогҳо шудаем. Яке аз таълимоти онҳо парҳез аз гӯшту равғани ҳайвонот аст, - ҷавоб дод ӯ.

Баҳром Фирӯз на танҳо нависандаи баркамол ва ҷамоатчии фаъол, балки марди даҳ ангушташ ҳунар буд. Ӯро ҳама чун намунаи ибрати ҳифзи саломатӣ, гигиенаи ҳаёт,

мошиндорӣ, таомпазӣ, сохтану таъмири асбобҳои рӯзгор, сарфаю сариштакорӣ ва ӯҳдабарой эъзоз мекарданд. Номи кулли доруҳо ва усули табобати дардҳоро хуб медонист. Вай бояд умри дароз медид, асарҳои нав менавишт, ба мардум хизмати шоиста мекард, сарвари хонадони сернуфусаш мешуд. Вале харҷу марҷи солҳои охир, нотинҷии замона, ғами насли наврас, инқирози илму фарҳанг, вайронии ахлоқу одоб, ҷангҳои бародаркуш ва кӯчокӯчу ғарибиҳо асабҳои пайкари ҳассоси ӯро абгор карданд, бори дилашро аз ҳад зиёд гарон сохтанд. Марги беамон ин марди некном ва адиби пурмаҳсулро бармаҳал аз байни мо бурд.

Мо имрӯз худро бо суханони Низомии Ганҷавӣ таскин дода мегӯем, ки адибони забардаст намемиранд, балки ба баҳри сухан ғӯта мехӯранд. Ҳар гоҳ китобҳояшонро варақ занӣ, чунонки моҳӣ аз қаъри об мебарояд, симои гармашон пеши назар зоҳир мегардаду бо ту боз мусоҳиб мешаванд, пандат медиҳанд, эҳсоси дилу майнаашонро иброз медоранд. Ман худро боз бо он тасалло мебахшам, ки зану фарзандони тарбиятдида ва инсондӯсти Баҳроми шодравон хотираи дурахшони ӯро пос медоранд, хислатҳои беҳтарини сарвари оилаи худро такмил медиҳанд.

Ман ба ин хотираҳои парешони худ бо се байти тозаи мувашшаҳ нуқта мегузорам:

*__Б__оз ёдат мекунам, эй дӯст, шабҳои дароз,*
*__А__з вафоти нобаҳангоми ту бо сӯзу гудоз.*
*__Ҳ__айфам ояд аз ғуруби моҳтоби мӯҳташам,*
*__Р__афтию бинҳоди андар қалби мо дарду алам.*
*__О__дати мо нест, аммо нолаю оҳу фиғон,*
*__М__онад осори наҷибу номи некат ҷовидон.* *

*с. 1998*

---

* *Аз ҳарфҳои аввал номи Баҳром ҳосил мешавад*

*ГУЛЧҲЕРА СУЛАЙМОНӢ*
**Шоираи халқии Тоҷикистон**

## НЕКСИРИШТ

Баҳром бо феълу атвору хислатҳои наҷибаш Толисро ба ёд меоварад: ҳамон хел марди меҳнаткашу хоксору фурӯтан. Сарфи назар аз ҷавониаш аз ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ бохабар буд ва бо дониши мукаммали хеш пирони барӯманди рӯзгордидаро ба ёд меоварад. Ӯ ҳаргиз аз кор рӯ намегардонд, пайваста заҳмат мекашид, то офаридаҳояш ба талаботи замон ҷавоб гӯяд.

Ӯ бо шеърҳои пурошӯбу самимии хеш ба арсаи адабиёт омад, ки аз онҳо бӯйи зодгоҳаш Нурато, бӯйи талу теппаҳо, гулҳои худрӯ меомад. Вай ба касе тақлид намекард, оҳанги ба худ хосе дошт, бинобар ҳамин ҳам ба дили хонандагони хеш зуд роҳ ёфта тавонист. Баъди чанде дар наср қувваозмоӣ кард ва дар ин роҳ ба муваффақиятҳо ноил гардид. Дониши баланду дили ҳассоси шоиронаву дунёи беолоиши ошиқонааш ӯро ба қуллаҳои мурод ҳидоят мекарданд. Чи дар ҳикояҳои хурду чи дар қиссаҳояш, чи дар очеркҳояш, ки ҳар яке паҳлӯҳои гуногуни зиндагиро фаро гирифта буданд, вай шоир монд. Масъалаҳои нав ба навро ҷустуҷӯ мекард, баҳсҳои ӯ хонандаро ба фикру андешаҳо гирифта мебурд.

Ман ӯро додар мегуфтам, вай маро ойтӣ меномид. Дар чорсӯйи зиндагӣ чунин бародарони некхоҳу нексиришт мададгорам шуданд.

Махсусан, чанд соли корамонро дар нашриёти «Маориф» бо миннатдорӣ ба ёд мерам. Ман он вақт шӯъбаи адабиёти бачаҳоро ба ӯҳда доштам, кӯшиш мекардам ҳамкорони ман нисбат ба адабиёти кӯдак ва ҷавонон дилсӯзу меҳрубон бошанд. Баҳром хоҳиши маро рад накард ва аз дилу ҷон ба кор шурӯъ намуд. Вай аз он муҳаррироне набуд, ки аз таҳрири асари муаллиф рӯ гардонад, баҳона биҷӯяд. Ҳаргиз «не»-ро намедонист. Агар асар суст бошад, бодиққат мехонд, фикрҳояшро батафсил навишта, муаллиф-

ро водор мекард, ки асарашро аз сари нав дида бароянд, аз рӯйи маслиҳатҳои муҳаррир ислоҳ кунад.

Бисёр вақтҳо муаллиф аз хом будани асараш қоил шуда, дастнависашро гирифта мерафт. Баъди чанд вақт нусхаи навро хонда мо ҳамроҳи муаллиф хурсандӣ мекардем.

Шӯъбаи адабиёти бачаҳо дар натиҷаи навҷӯйиву навовариҳои муҳаррирони пухтакор корҳои шоистаро ба анҷом мерасонид, ки бо Бобо Ҳоҷӣ, Ӯктами Холиқназар, бародарам Баҳроми Фирӯзи қаламкаш низ саҳми назаррас дошт.

Дар ҳамин солҳо бо мадади дӯстон «Шоҳномаи Фирдавсӣ»-и устод Сотим Улуғзода, панҷ ҷилди «Тазкираи адабиёти бачагон» рӯйи чопро дид, ки ҷилди дуюми насрро Баҳром ба ӯҳда гирифта буд. Беҳтарин тарҷумонҳо, муаллифон ба кори мо дасти ёрӣ дароз мекарданд.

Ҳоло ман он китобҳоро варақ зада, он лаҳзаҳои хушро ба ёд меорам. Китоби «Галаситора»-ро варақ мезанам, ки онро бародарам Баҳроми нуқтасанчу сахтгир таҳия намуда.

Ҳаргиз бовар намекунам, ки бародари ман дар байни мо нест*... Вай яке аз он ситораҳоест, ки дар осмони адабиёт ҳамеша нурпошӣ мекунад.

Бори охир дар толори Борбад ҳангоме, ки ба Баҳром Фирӯз Ҷоизаи адабии ба номи устод Айниро супориданд, дар паҳлӯи ӯ будам ва бовар доштам, ки ба мукофотҳои аз он баландтар сазовор мегардад. Сад афсӯс, ки аз байни мо хеле барвақт рафт, аммо асарҳояш, тарҷумаҳояш, суханҳои самимиаш бо мост ва дар онҳо таппиши дили беқарори бародари мо шунида мешавад.

*с. 1999*

---

* *Аҷал шоираи маҳбуби мо Гулчеҳра Сулаймониро низ ба коми худ кашид. Ёдашон ба хайр!*

*САЙИДАЛӢ МАЪМУР*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## «БА СУХАН ЗИНДА ШАВАД...»

То ба ошноии бевоситаам бо Баҳром Фирӯз бо шеърҳояш шинос будам. Ӯ донишҷӯйи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷанд буду навиштаҳояш тез-тез дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» рӯйи чопро медиданд. Ман он вақт хонандаи мактаби миёна будаму шеъргунаҳо менавиштам ва ба идораи рӯзномаҳо мефиристодам. Дар рӯзномаи вилоятӣ низ ибтидои солҳои шастум намунаҳои эҷодам дарҷ гашта буданд. Махз дар саҳифаҳои ҳамин рӯзнома бори нахуст номи Баҳром Фирӯзро дидаму шеърҳояшро хондам. Ин шиносоии нахустини ман бо ӯ буд. Баъдтар, вақте ба Душанбе омаду дар идораҳои рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», радио ва телевизион, маҷаллаи «Садои Шарқ» кор мекард, худашро аз наздик дидам, шинос шудам ва баъдтар шиносоии мо ба дӯстию бародарӣ табдил ёфт.

Як лаҳзаро ҳеч фаромӯш намекунам: тобистони соли 1967 ба идораи нашриёти «Ирфон», ки дар кӯчаи Шевченко воқеъ буд, рафтам. Дар он ҷо Баҳром Фирӯзро дидам. Ӯ як нусхаи маҷмӯаи нахустини ашъораш «Розҳои маҳтобшаб»-ро, ки навакак рӯйи чопро дида будааст, дар даст дошт. Чеҳраашро болида дидам. Ӯро бо нашри китоби нахустинаш самимона табрик кардам. Баҳром дар навбати худ маро ҳам бо чопи маҷмӯаи аввалам «Завраҷи умед», ки ҳамон рӯз аз нашриёт гирифта будам, табрик намуд. Ҳар ду хурсанд ҷониби коргоҳи худ равон шудем. Ҳамин тавр, баъдтар мо дар майдони адабиёт солиёни дароз фаъолият намудем. Бояд иқрор шуд, ки майдони сухани Баҳром Фирӯз фарохтар буд, ӯ дар ду майдон - назм ва наср ҳунарнамоӣ мекард. Агарчи баъдтар ҳам шеърҳо навишт, бо номҳои «Силсила», «Тафти дил» маҷмӯаҳои ашъор ба табъ расонд, лек дар наср сермаҳсултар буд. Ки-

тоби ҳикояву қиссаҳояш пайиҳам нашр мешуданд. Солҳои охири ҳаёташ ба таълифи роман машғул буд.

Нисбат ба худ ва дигарон серталабӣ дошт. Ростравӣ, ростгӯйӣ, ҳақиқатталошӣ пешаи ӯ дар зиндагӣ буд. Агар навиштаҳояш, аз ҷумла китоби калонҳаҷми «Саҳнаи гардон»-ро бодиққат хонед, ин сифатҳоро ба хубӣ мушоҳида мекунед. Ман солҳои ҳамкориам дар нашриёти «Адиб» ва ҳамсоягиам дар хонаи зист ӯро беҳтару хубтар шинохтам. Баҳром ба қадри вақт мерасид, онро беҳуда намегузаронд, ҳамеша дар кор, эҷод ё мутолиа медидам. Солҳое, ки ӯ мудири шӯъбаи адабиёти муосири нашриёти «Адиб» буд, дар паҳлӯи худ муҳаррирони хубро гирд овард ва барои беҳтаршавии сифати китобҳо талошҳо кард. Ба ин васила аз худ номи неку кори нек боқӣ гузошт. Имрӯз фарзандони азизаш номбардори ӯянд.

Чунон ки бузургон гуфтаанд, суханварон таваллуд доранду мурдан не. Баҳром Фирӯз суханвари асил буд ва номи ӯ бо беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ- Сухан зинда хоҳад монд:

*Ба сухан зинда шавад номи ҳама,*
*Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.*

с. 1999

*МИРЗОНАСРИДДИН*
***нависанда***

# ДАРСИ ОДАМУ ОДАМГАРӢ

Чунин ном дошт охирон мулоҳизаҳое, ки нависандаи соҳибзавқ Баҳром Фирӯз ба рӯйи сафҳа меовард. Вале умр вафо накарду сухани одамият дар лаб аз ин саҳрои ваҳшат парида рафт. Аз он рӯз панҷ сол сипарӣ шуда. Ва ҳоло хотираҳо боқӣ монданду халос. Хотираҳои ғамангезу тассалобахш. Аз он ки дигар он чеҳраи пурнурро нахоҳӣ дид, сӯҳбатҳояшро нахоҳӣ шунид, дилатро кӯҳи ғам зер мекунад. Аммо бо хондани шеъру ҳикояҳо, қиссаву андешаҳояш тасалло меёбӣ.

Ҳазорон ғунча месӯзад дар ин боғ, ки то во мешавад як гул бад-ин ранг. Воқеан, Баҳром Фирӯз шахсе буданд мисли шиша нозук, аз андак ғашиву ғиромӣ дилмонда мешуданд. Пастфитратону дурӯяҳоро бад медиданд. Ва худ табиатан серғайрату назарбаланд, дилсофу дилёб. Ҳам пуркор буданду ҳам зиндагии ширину босафо доштанд. Ба орзуву ҳавасҳои зиёд умр ба сар мебурданд. Ғарами китобҳоро мехонданд. Табиату тинати одамиро меомӯхтанд. Бисёр мехостанд ҷомеаи хуб дошта бошем. ҳамватанҳоямон баномус, худшиносу меҳнатдӯст бошанд. Мисли миллатҳои пешрафта аз рӯйи илму амал зиндагӣ кунанд. На бо хурофоту андешаҳои зангзадаву дақиюнусӣ. Дар қиссаву ҳикояҳо ҳам чунин роҳу равишро, чунин арзишҳои маънавии инсонро, ки аз таҷрибаҳои ҳаёт гузашта, суфта шудаанд, гӯшрас мекунад.

Ман ин ҷо ду ҳикояи Баҳром Фирӯзро мисол меорам. Дар ҳикояи «То соли дигар» мардуми деҳаро ба водиҳо кӯчонданду ин ҷо ду хонавода мондааст ва ҷавонзане аз зиндагии беҳамсоя, бе нуру бе наво дилгир аст. Ва ба шавҳаре, ки волидайн ба зӯрӣ бораш кардаанду бодимиҷоз аст ва ӯ ҳам ба куҷо ғайб задааст, куллан дилбастагӣ надорад.

Боре ҷавоне дар сари чашма аз ӯ чизе пурсиданӣ мешавад, зан ҷавоб надода меравад, вале баъд мефаҳмад, ки ҷавон низ таҳҷоӣ несту ҳоло ду-серӯза дамгирӣ омадааст, дар сӯҳбат мешавад. Пас ҷавонзан ҳар рӯз сари чашма бахри об меояд, сӯҳбат мекунанду ҳамдигарро нағз мебинанд. Аммо ба зориву таваллоҳои ҷавон, ки ӯро бурданӣ мешавад, бо меҳрубонӣ

мегӯяд: «Ман ба шумо муносиб нестам. Шавҳар дидаам...» Ана ҳамин суханҳои маҳрамона ва меҳрубона ба дили хонанда, ба ёду хотираш мисли суруди дилпазир мечаспад. Ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Тухми покиву вафодорӣ мекорад.

Дар ҳикояи «Ганҷи шойгон» ин маънӣ равшантар ва бо тундӣ таҷассум ёфтааст.

Ба Назокати таърифӣ бештари ҷавонони деҳа одам мемонанд. Аммо падар Назокатро ба Толиби сағира медиҳад. «Ман ба падари ин дӯст будам, - мегӯяд. - Мо қавл карда будем. Вай барвақт аз дунё гузашт. Ман ҳақ надорам оби чашми ин сағираро раҳо кунам. Ва Назокат шавҳари бепадар калоншуда, сода ва коргурезашро ба ҷидду ҷаҳд мехоҳад ба қатори мардум дарорад. «Дигарон Мирзочӯл рафтанд, соҳиби обрӯ шуданд» гӯён шавҳарашро мебарад. Ба шавҳар, ки тарбияи падарро нагирифтааст, «акнун шумо бача не, камтар сахтиро ба худ гиред», мегӯяд. Вале худаш бештар дар замини пахтазор кор мекунад. Боре шабона, ҳангоме ки пахтаро об медод, мебинад, ки ҳамсояаш (ӯ ҳам замин об медод) фонус ба даст меояд. Назокат шавҳари болои суфахок хоббурдаашро хезонда мегӯяд: «Фонуса гиреду поении ҷӯйҳора хабар гиред, пас омада хоб меравед». Зан ҳама азобу машаққатро ба худ мегираду намехоҳад номи шавҳараш байни ҳамсояҳову ҳамкорон паст бошад. Ҳарчанд кайҳо ҳама медонанд. Ва аграном, ки Назокатро нағз мебинад, рӯйирост Толибро беақлу бероҳ гуфта наҳ мезанад. Ба ин ширинии зиндагиро намечашӣ мегӯяд. Ва баъд боре дари муҳаббаташро мекушояд, ки Назокат бо тундиву нафрат ҷавобашро медиҳад: «Ҳазор беақлу бероҳ бошад ҳам, ман то мурданам азони ваям. Бо пулу мансабат маро аз роҳ зада наметавонӣ!», фалсафаи хоси мардуми меҳнаткаш. Аз рӯзе, ки волидайн, хешу табор онҳоро ҷуфт карданд, дигар ба шавҳар, ба молу чизи дигарон ҳавасу орзу надошт. Аз пайи ҳавову ҳавас номашро байни мардум паст намезанад. Ана ҳамин покдоманиву покандешӣ орзуву омол ва ормони нависанда - тарбиятгари ҷомиа мебошад. Фикр мекунам, агар мо- нависандаҳо низ хонандаро ба ҳамин роҳу равиш талқин карда тавонем, ҳам худамон бурд мекунему ҳам ҷомиа. Ва маълум, ки дар аксари ҳикояҳо рӯзгори на чандон дури бародаронамонро мушоҳида мекунем. Ба сӯҳбати деҳқонони он айём ҳамроҳ мешавем. Хуллас, манза-

раҳои айёми гузаштаи кишвари азизро тасаввур мекунем. Ишқу ҳаваси даврони донишҷӯйӣ ба ёдамон меояд.

*Шом аз сояҳои нилобӣ,*
*Хайма ба рӯйи пахтазорон зад.*
*Бар машомам аз насими бегоҳӣ*
*Накҳати кокулони ҷонон зад.*

Қаҳрамонҳоеро мебинем, ки аз як зарра некӣ мисли кӯдак хурсандӣ мекунанд…

Дӯстии ман ҳам бо Баҳром Фирӯз аз андаке ёрии беғаразона сурат гирифт.

Солҳои аввали ҳафтод дар автобаза кор мекардам. Боре ҳангоми корбаро назди дарвоза марди бануру гармнигоҳ пурсиданд, ки «оё устое ёфт мешавад, ки мошинаамро як назар бинад?». Ман усторо аз роҳ баргардондаму дар муддати ҳафт ё ҳашт дақиқа мошинро ба роҳ даровардем.

Баҳром ба усто пул дароз карданд.

«Мо дар дафъаи аввал пул намегирем» гуфтам бо оҳанги шӯхӣ ва ба усто нигаристам, ки маро дастгирӣ кунад.

Акаи Баҳром бо табассум ба ман зеҳн монда гуфтанд:

— Пула гиред, вагарна ин исқот боз дар роҳ мемонад.

Ва баъди ба роҳ даромадан афзуданд, ки «гап дар сари ду ё се сӯм не. Назарбаландӣ касро хурсанд мекунад. Меҳратро бедор мекунад». Сӯҳбаткунон то даруни шаҳр омадем. Ҳангоми хайрухуш бо оҳанги дӯстӣ гуфтанд:

— Аз сӯҳбататон маълум, ки китоби бадеӣ мехонед, мулло. Ҷойи коратон ҳам ҷойи хуб. Ба қавли шоирҳо «дар ҷӯши зиндагӣ». Дар аввали кор як дафтари хотирот кунеду ҳар рӯз ё ҳафтае пас воқеаҳое, ки ба худатон маъқул аст, айнан нависед. Кӣ медонад, ягон рӯз китобатонро мехонем.

Ҳамин тариқ дӯстии мо дар тӯли зиёда аз бист сол новобаста аз он ки он кас аз ман даҳ сол калон буданд, бо эҳтироми тарафайн ҳамчунон софу беғубор давом кард.

Боре тобистон аз деҳа омадаму дар хона ба кадом сабабе ситеза кардам. Занам табассум карду пурсид:

— Хонаи акаи Баҳром кай меравед?

— Чӣ буд?

— Аз он ҷо биёед, одами дигар барин мешавед. Гӯё меҳрубон, андешаманд.

— Ин тавр бошад, ҳатман бегоҳӣ меравам, - гуфтам ва раҳораҳ фикр кардам, ки дар ҳақиқат сӯҳбату меҳмоннавозии дилнишин, рӯзгори ширин, озодагии он хонадони шариф ҳар каси боре он ҷо бударо ҳам бетараф намегузорад. Дар хона муҳити озоду адабӣ барқарор буд. Фарзандон дар хониши адабиёти беҳтарину олӣ тарбият меёфтанд. Парвона фарзанди миёнаи хонадон дар синфи ҳафтум мехонаду бо падар аз қаҳрамонҳои Балзаку Достоевский гуфтушунид мекунад. Дӯстоне, ки ҷамъ меомаданд, аз пешравии илму адабиёти гузаштаву имрӯза сӯҳбат мееростанд.

*Шамъи ин маҳфил маро бар сӯхтан парвона кард,*
*Ҳар чи бошад ибрат аз ҳампеша пайдо мекунад.*

Янгаи Саида завҷаи акаи Баҳром бо ханда маро пешвоз гирифтанд. Акаи Баҳром дар даст кафгир аз ошхона намоён шуда гуфтанд:

— Мо палав пухта телефон ба телефон шуморо мекофтем.

— Палав бошад, каромат карда худам меоям.

— Ман ҳам гуфтам, ки овора нашавед, худашон меоянд! – афзуданд янгаи Саида.

Зану шавҳар бо шодмонӣ ба якдигар нигаристанд.

Ба онҳо чашмам афтиду аз дилам гузашт, ки аз ҷазбу муҳаббати ду тараф дилат хурсанд мешавад. Ва пеши назарам дафъае, ки даставвал ҳамакаса хонаашон рафтем, омад. Он ҷо ду-се нафар ҳамсояҳои русзабон низ буданд. Янгаи Саида дамубадам хӯрокҳои тоза меоварданд. Ва ҳар лаҳза меҳмонҳоро ба гап мегирифтанд. Акаи Баҳром якчанд шеърҳои Евтушенкоро аз ёд хонданд. Сипас кадоме аз занҳо аз он кас хоҳиш кард, ки ягон шеъри ба арӯсашон бахшидаро бихонанд.

— Барои арӯсам як шеър не, даҳто мехонам, - гуфтанд акаи Баҳром ва онҳо ба ҳам нигаристанд. Чашмонашон лаҳзае саршори меҳру навозиш шуд ва акаи Баҳром бо овози ширину дилнишин ба хондан шурӯъ карданд:

*Ман ин бода нӯшам барои гуле,*
*Ки ӯ дар муҳаббат фидокор монд.*
*Ҳамеша ба рӯям нахандид ӯ*
*Валекин ба меҳраш вафодор монд.*

Янгаи Саида сурх шуда гуфтанд:

— Ин касро монед, то саҳар шеър мехонанд.

Акаи Баҳром табассум карда афзуданд.

— Ҳанӯз дар айёми наврасиам барои ин кас як китоб шеър навиштам. Чандин маротиба хешу табор омаду рафт карданд, падарашон ба додан ҳеҷ розӣ намешуданд. Ҳамкорон, муаллимони донишгоҳ ба мобайн даромаданд, не-дия, ба бегона намедиҳам, вассалом. Аз сӯзи дил субҳи зодрӯзашон як таксӣ гула бурда аз раҳи калон то назди дарвозаашон андохтам. Мӯйсафед пагоҳӣ ин аҳволро дида, оташи якравиашон паст шуд.

Янга бо табассум ба ман нигариста савол карданд:

— Кӣ ҳам фарзандашро ҳаждаҳсола карда, гул барин расонда, ба каси ношинос дарҳол бароварда медиҳад? Ё суханам нодуруст, Мирзоҷон?

Мо мардҳо кайҳо сархуш будем.

— Рост, рост, - гуфтам бо ҷиддият, - ба хусус ба мардуми Самарқанд. ҳанӯз ҳашт аср пеш шайх Камол гуфтаанд:

*Гӯйӣ ҳам ҳар дам зи шаҳри мо бурун рав, эй Камол,*
*Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?*

Ҳама бо шавқ хандиданд. Фақат занам ба маломат ба ман менигарист...

Аз он айём хеле солҳо гузаштанд. Боре ҳангоми сӯҳбат акаи Баҳром хурсанд гуфтанд, ки Искандар дирӯз охирон имтиҳон супурд. Бо меҳнати худаш ба донишгоҳ қабул шуд. Имсол зиёда аз чил иншо навишт. Худам назорат кардам. Парершаб ба кӯрпа даромадаму аз дилам гузашт, ки ба мавзӯи «Шаҳри ман» иншо нанавиштааст. Мабодо ҳамин мавзӯъ биёяду надонад гуфта тоқат накарда хестам. Искандарро ҳам хезонидам. Дукаса нақшаи корӣ тартиб додем. То бевақтӣ навишт. Пагоҳӣ равад, ҳамин мавзӯъ. Баҳои 4 гирифт.

— Ҳам Искандари бечорaро азоб доедеу ҳам худатон. Ягон шиносатона мегуфтед, баландтар баҳо мемонд.

— Баҳо мемонд. Лекин ман мехоҳам фарзандон аз таҳкурсӣ ба роҳи рост раванд. Бо меҳнати худ пешравиро омӯзанд. Ҳам худ баҳраманд мешаванд, ҳам ҷомиа...

Як сол пас, тобистон ба ноҳияи Айнӣ рафтем. Бегоҳӣ зиёиён, ҳаводорони адабиёт ба ҳавлӣ ҷамъ омаданд. Акаи Баҳром бештар ба гуфтугӯйи нишастагон гӯш меандохтанд. Яке бинам ба марди сухангӯе гӯшу ҳуш буданд.

— Эътибор диҳед, - гуфтанд, - сухангӯйиашон мисли одамони даврони Рӯдакӣ.

Гӯш кардам. Ғайри он ки оҳиста, бо лаҳни дӯстонаву бештар деҳотинамо гуфтугӯ мекард, дигар нишонае пай набурдам.

— Дигарҳо ин тавр не, - гуфтанд акаи Баҳром. - Дигарҳо калимаҳои арабӣ ё русӣ ҳамроҳ мекунанд.

— Шояд аз он сабаб, ки ин одам дар умраш аз деҳа берун нарафтааст.

Ин дам кадоме «меҳмонҳо ҳам сухан кунанд» гуфт. Акаи Баҳром, чунон ки одаташон буд, маҳин табассум карданд, андешаманд шуданд, пас аз «Маснавӣ» шеърҳо хонданд. Аз рӯзгори Мавлонову Шамси Табрезӣ нақл карданд. ҳамчунон аз зиндагии Толстой ва аз нақшу мақоми ин ду бузургмард ба наслҳои баъдина қисса карданд. Меҳмонҳо аз сӯҳбат хушҳол рафтанд.

Пагоҳӣ чашм кушода дидам, ки акаи Баҳром бо хушҳолӣ аз ҷониби кӯча меоянд.

— Деҳаро давр зада омадам, - гуфтанд он кас. - Аз ҳар тараф овози бузу гӯсфандон, ҳар гуна мурғон меояд. Дар ҳар бом ё ҳавлӣ радио мехонад. Поёни деҳ назди мактаб боғи хушбоду ҳавое будааст. Аз бӯйи гулу себаргааш мегӯйӣ аз назди заводи атриёт мегузарӣ. Наварӯсон назди дарвозаашонро об зада рӯбучин доранд. Кӯчаҳо озода. Оби ҷӯйборон тоза. Баъзе мардҳо хару хингил карда аз пайи рӯзгор. Бо меҳмон шиноси дерин барин пурсупос мекунанд. Лаҳни суханкуниашон мардуми Шероз барин.

— Эҳ, устод, деҳи моро хуб ба осмон бардоштед-дия, - гуфтам ва худ ҳам кӯчаҳои тангу нав об задаро тасаввур карда ҳавасам омад.

— Мо аз рӯйи тақозои касби нависандагӣ кучое равем ба гуфтугузори мардум, ба тарзи зиндагиашон эътибор медиҳем ва дасташонро бо меҳр ба танаи дарахти зардолу монда афзуданд:
- Ташаккур ба ту. Чӣ қадар одамона хурсанд мекунӣ.

Ба ёдам омад, ки дирӯз аз меваaш тановул карданд ва ҳоло миннатдорӣ мекунанд.

Ду-се рӯзе, ки он ҷо будем, пай бурдам, ки акаи Баҳром ба ҳама мавҷудот ба чашми дигар, гӯё ба пазмониву эҳтиром менигаранд. Дар пояи кӯҳҳои баланд ба ҳавас ба шаххову регзорҳо зеҳн мемонанд. Ба рӯдҳои обҳояшон сап-сафед ҷорӣ чун ба дӯсташон сухан мекарданд. Дар ҳаққашон шеърҳо мехонданд. Мо боғ ба боғ мегаштему номи гиёҳҳоро аз мо мепурсиданд. Баъзеашро ба дафтарчаашон сабт мекарданд. Боре андешаманд гуфтанд: «Русҳо ҳар гиёҳро дар китобҳо номаш фалон гуфта навиштанд ва акнун аз Маскав то Камчатка ҳама онро як хел  ном мегиранд. Ин нишони пешравии миллат аст. Дар мо, ҳар деҳа ба ғайри номи худаш ниҳода, дигареро қабул намекунад».

Дар мудатте, ки он ҷо будем, мардуми деҳа он касро нағз диданд ва бештаринашон илтиҷо мекарданд, ки меҳмонашон бошем. Ва минбаъд, ҳар вақте мерафтам, мепурсиданд, ки «акаи Баҳрома наовардед?»

Боре дар бозор вохӯрдему ҳамроҳ хонаашон омадем. Раҳораҳ қарор додам, зиёд наменишинам, то ки беҳуда вақташонро нагирам. Ҳарчанд медонам, ки аз лутфи меҳмоннавозии янгаи Саида гурехтан намешавад. Дар болои мизи кориашон аксари журналҳои адабие, ки он замон дастрас буд, паҳну парешон мехобиданд. - «Новый мир», «Наш современник», «Дружба народов» ва ғайра.

Янгаи Саида дарҳол дастархон оварданд.

— Ташвиш накашед, кори зарур дорам.

— Майлаш, як пиёла чой мегиреду меравед.

— Чой ҳам наоред. Бояд равам.

— Аз хонаи дӯст хушк намераванд, - гуфтанд ва хонаводаро як-як пурсида, маро андармон карда дастурхони пурнеъмат густурданд.

Он шабу рӯз романи Чингиз Айтматов «Дуроҳаи бӯронӣ» нав чоп шуда буду акаи Баҳром бо ҳавасу таҳсини беандоза аз

лаҳзаҳои дилнишин, андешаву афкори каҳрамонҳо нақл карданд.

«Тарзи фикррონии Айтматов дигар аст, - мегуфтанд. - Масъалаҳоеро меёбад, ки ба ҳама шинос аст. Образи манқуртро дар адабиёт, дар гуфтугӯйи мардум ҷорӣ кард. Номаш дар қатори классикҳо меистад. Ин мард ба мукофоти «Нобелӣ» сазовор аст».

Боре сӯҳбати мо атрофи нависандаҳои рус қарор гирифт ва он кас гуфтанд:

— Русҳо истода-истода як бузурге медиҳанд. - Ва асарҳои Василий Шукшинро таъриф карданд. - Баъди Мопассану Чехов Шукшин қимати ҳикоятро баландтар бардошт. Ҳар ҳикоя ҳадафе дорад. Баъзан барои як ҷумларо гуфтан як ҳикоя сохтааст. Агар аз асарҳои Шолохов зиндагӣ, орзуву андешаҳои солҳои бистум ва сиюмро пай барем, аз ҳикояҳои Шукшин неку бади рӯзгори мардуми солҳои панҷоҳу шастро мефаҳмем.

Баъдтар мо балкон сигоркашӣ баромадему зимни сӯҳбат гуфтам:

— Ҳикояи «Духтари падар»-и шумо ҳам мисли ҳикояҳои Шукшин аст. Салими Шайтон як умраш ба гапу кори деҳа гӯшак монда мардумро мефурӯшаду дар пирӣ майзадаву бесаробон мемонад. Ҳатто фарзандон ҳам аз ӯ рӯ мегардонанд ва шумо барои ҷумлаи «чунин одамонро ҳукумат нигоҳубин мекунад» гуфтан, як ҳикоя сохтед ва аз ин ҷумла хонанда бисёр чизҳоро пай мебарад.

Акаи Баҳром ба нимтабассум ба рӯям нигариста оҳи чуқур кашида гуфтанд:

— Вале мунаққидҳо ба даҳон об гирифтаанд. Нависанда асар эҷод мекунад, аммо мунаққид асарро рӯйи даст гирифта ба хонанда нишон медиҳад. Неку бадашро мегӯяду дилашро гарм мекунад. Баъзе мунаққидон шеъраке ё навиштаҳои ҷӯраву ҳамшаҳриашро таърифу тавсиф мекунанд. Муддате пас вай инро ба осмон мебардорад. Матбуот ҷойи сафсатафурӯшӣ шудааст. Вақте расидааст, ки худи нависандаҳо ин корро анҷом диҳанд. Ба наздикӣ Муҳаммадҷон Шукуров нисбати асарҳои ман андешаҳояшонро навиштанд, маҷаллаи «Садои Шарқ» ҳатто ҳамонро чоп намекунад.

Ман фикр кардам, ки ҳикояҳои акаи Баҳром тахмин аз панҷоҳ бештаранду то ҳол дар бораашон мақолае нахондаам.

Бетарафиву бетафовутии ҳамнишину ҳамсолон касро алам мекунад. Аммо акаи Баҳром аз шеър ё ҳикояи хуби дигарон хурсандӣ мекарданд. Мегуфтанд, ки аз адибони насли мо ҳеч кадоме мисли Лоиқ забонро хуб намедонад. Ё аз ҷавонон Низом Қосим шеърҳои дилнишин менависад. «Китоби Фарзонаро чоп кардем. Ман мудири шӯъба. Лекин як калимаро ҳам дигар накардам. Баъзан китоби шоирони номдорро сип-сиёҳ карда ба дасташон бармегардонем. Ана пас аз ақиб айб кофта мегарданд. Лекин ман аз онҳо наметарсам. Мард асту майдони адабиёт. Фисҷералду Ҳеменгуей чунон баҳсҳо, чунон гуноҳҳое ба сари ҳамдигар мерехтанд ё Камю ҳамроҳи Сартр. Хонед дилмонда мешавед...»

Пас яке пурсиданд:

— Худатон ягон чиз менависед?

— Не-е! Ман кучову навиштан.

— Агар нанависед, танҳо ба хондан мақсуд ба даст намеояд. Бисёр нозукиҳоро пай намебаред.

Ду-се ҳафта гузашту ҳикояе бо номи «Фурӯғ» овардам. Ҷумлаи аввалро хонда чеҳраашон гирифт.

— «Ба ҳарб» мерафт гуфтед. Калимаи «ҳарб»-ро ҳангоми ҷанг истифода мекунанд. Ба шитоб мерафт гӯед. - Ба ҷои «шунавид» «шунид» навиштанд. Хуллас,  варақро сип-сиёҳ карда андешаманд гуфтанд: - Чаро аломатҳои китобиро намондед? Бубинед, дар ҷое «ӣ»-и зада нест. - Ва номи як нафар нависандаи русро гирифта афзуданд: - Ҳикояашро ба рӯзнома мебарад. Ҳикоя маъқул намешавад. Аломатҳо намонда... Аммо сармуҳаррир пай мебарад, ки ҳикояи хуб асту ба он чизе намерасад. Чун аломатҳоро гузошта чоп мекунад, яке аз ҳикояҳои беҳтарини замонаш меҳисобанд.

Мани аз нодонӣ  дар хиҷолат гуфтам:

— Ҳоло монед, ҳамаашро дурусттар ба тартиб биёрам, пас меорам.

— Ҳа, ҳоло ду-се маротиба рӯйнавис мекунед. Чун фаҳмидед, дигар ҳеҷ илова карда наметавонед, биёред чоп мекунем.

Ман, ки кори нависандагиро осон мегирифтам, ҳам аз нодониам, ҳам аз талабу нуктагириҳо дар хиҷолат шудам. Аз дилам гузашт, ки аз афташ, нависандагӣ  кори манн нест.. Ва то ин ки худро аз вазъияти ногувор бираҳонам, гуфтам:

— Фолкнер романашро ба Андерсон медиҳад, то ки таҳрир кунад. Вай ҳам мисли шумо маслиҳат медиҳад, ки «вақте тамоми қувватро сарф кардӣ ва ҳис кардӣ дигар чизе илова кардан наметавонӣ, гирифта биёр, чоп мекунем».

— Фолкнерро хондед?

— Ҳамаашро не.

Сипас аз дур сухан сар карданд.

— Шумо, ки донишгоҳи техникӣ хондеду аз нозукиҳои ҷумлабандӣ бехабаред, як муддат азоб мекашед. Ҳеҷ гап не, ёд мегиред. Адабиётшиносон, номдорони илм мақола меоранд. Ҷумлабандиашон саропо хато. Шумо кӯшиш кунед, китобҳои тоҷикӣ бештар хонед, чунки тарзи фикррониатон русӣ аст.

Баъде, ки дубора навишта овардам, аз аввала сахттар халлоҷӣ карда фармуданд, ки аз нав дида бароям ва ҳарчи бештар кӯтоҳ кунам. Аммо дафъаи сеюм нахонда фармуданд, ки ҳикояро ба рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» супорам. Ман пай бурдам, ки ҳоло ҳам ҳикоя маъқул нест. Вагарна ба рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», ки худашон мудири шӯъбаи бадеӣ ҳастанд, мегирифтанд. «Ҷавонон» ҳикояро дарҳол чоп кард. Аммо баъди гузаштани солҳо китоб чоп кардам ва ҳикояро аз нав хондаму хиҷолат шудам.

Баъд майдонҳои касофатбор оғоз ёфтанду дигар оромиву осудагии мардум, сӯҳбату нишастҳои беғамона ба якбора барҳам хӯрданд. Донишмандону таҷрибадорон аз рӯзҳои нахуст ҳис мекарданд, ки як балои мисли кӯҳе, ки аз ҷояш канда шудаст, ба сари мардум хоҳад омад ва дар изтироб буданд. Акаи Баҳром низ аз рӯзи аввал ба ин ҳаёҳу зид буданд. Мегуфтанд, ки «гирдиҳамоиро дар ҳама кишварҳо мекунанд! Лекин талабу дархостҳояшонро байни як-ду соат гуфта меравiанд! Ин чӣ гап: шабу рӯз талаби маро иҷро кун гуфта, аз ҷо наҷунбӣ! Демократия ин нест, ки мисли гови сар дода девонагӣ кунӣ ва ҳар каси пеш омадаро шох бизанӣ. Демократия ба андешаву ба маданият будан аст. Он кореро, ки ба худат раво намедорӣ, ба дигарон низ написандӣ. Меҳнатро бештар ба худ бигирӣ. Аз гуфтору рафторат дар назди ҷомиа, дар оянда ҷавобгарӣ ҳис кунӣ». Баъдтар бо оҳанги дигар дарди дил карданд. «Фарзандонро илму маърифат, ростӣ меомӯзем. Аммо дар кӯча ё байни ҷомиа бештар ба дӯғу дағалӣ бармехӯранд.

Дар ду-се соли охир зӯроварӣ, афкору андешаҳои номатлуб боло меравад...»

Баъде, ки ҷангу кӯб, куштори рӯйирост сар шуд, сахт дилмондаву ноумед шуданд. Мегуфтанд, ки дасту дилам ба кор намеравад. ҳайфи ин кишвари обод. Дар замине, ки аз ҷаҳолату гумроҳӣ хуни ноҳақ рехт, ҳафт- ҳашт сол оромиву осудагиро намебинад...

Ва дере нагузашта гуфтаи акаи Баҳром шуд. Кишвар ба ҷанги ҳамдигаркушӣ печид. Деҳа ба деҳа, ҳамсоя ба ҳамсоя, бародар ба бародар даст ба гиребону гулӯи ҳамдигар шуданд ва ниҳоят хонаву дарашонро партофта рафтанд. Дар раҳонидани ҷону луқмаи нон саргардону дарбадар шуданд.

Мо ҳам аз сабаби дурӣ  ду сол ҳамдигарро надидем. Боре дар сафари ноҳияи Ғончӣ ният доштам Хуҷанд рафта акаи Баҳромро мебинаму пас ба Душанбе бармегардам. Бегоҳӣ атрофи дастархон нишаста будем, ки дар ахбор яке сураташонро нишон дод. Ва хабари марг... Ман шах шуда мондам. То саҳар ҳазорон андешаҳои ғамангез аз сарам мегузаштанд. Кош, аввал акаи Баҳромро медидам, гӯр бар сари ҳамин зиндагии бенизом. Саҳарӣ ҷониби Хуҷанд мошин мерондаму дашту дарахтони зардолуди тирамоҳ ба назарам бенуру дилгир ва нодаркор менамуданд.

*Нола боле мезанад дигар мапурс аз ҳоли дил,*
*Ришта дар хун метапад, гавҳар намедонам чӣ шуд.*

Хонаи акаи Баҳром ҳоло парешону кулфаткада буд. Янгаи Саидаро кӯҳи ғам дар як шаб дигаргун сохтааст. Сархаму кулфатзада. Бо дидани ман сӯхтани дилашон бештар шуд. «Баҳром мегуфтанд, кошкӣ Мирзо як шаб меомаданду сӯҳбат мекардем». Шаб дар ҳуҷраи кории акаи Баҳром ба ман ҷойи хоб андохтанд. «Ҳамин ҷо хоб мекунед, рӯҳи акаатон шод  мешавад» гуфтанд. Вале магар хоб мебарад? Ҳама чизи ин хона ба ман шинос.. Болои мизи корӣ мақолаи фақат як рӯйи варақ навиштаи «Одаму одамгарӣ» мехобид, ҳамчунин қалам, як даста коғази сафед. Назарам ба рафъи китобҳо афтид. Мо гоҳ-гоҳ бозори китоб мерафтем. Ҷавоне ҳашт ё нӯҳ китоби нашрияи «Дружба народов»-ро якҷоя мефурӯхт. Акаи Баҳром барои китоби нависандаи гурҷӣ Амираҷибӣ ҳамаашро хариданд. Ва чӣ

қадар хурсандӣ мекарданд. Дар ҳар китобе, ки ин ҷо ҳаст, чунин хурсандиву орзуҳо ниҳон аст.

Эҳ одамӣ, чӣ қадар нодону сода аст. Ҳар лаҳзааш бо орзуву умеде мегузарад. Ва оё ин ҳама орзуву умедҳои дил ҳамроҳи рӯҳат ба осмон меравад? Кадом донишманде гуфтааст:

*Беруни ин биёбон пар мезанад ғуборе,*
*Эй маҳрамон, бубинед, умеди мо набошад?!*

Субҳидам ҳамроҳи Искандар сари қабр рафтем. Қабрро дидаму дилам таҳ зад. Наход он марди чамандӯст, ошиқи зиндагӣ, китобнавис ин ҷо хуфта бошад? Болои қабрро гулчанбарҳои ҳанӯз гулашон тоза пӯшондааст. Инҳо нишони садоқати зиндаҳо. Ба роҳи охират бо гулҳо гусел мекунанд. ҳамчунон дар болои сар ниҳоли сершохест, ки гулҳои зард дорад. Искандар лабонашро газида худдорӣ мекунад, то ки оби дидааш ҷорӣ нашавад. Аслан, қабристони «Гумбази Қошуқ» сердарахту сергул аст. Аз байни анбӯҳи дарахтоне, ки қисман сабзанду қисман заб-зард шудаанд, навои ҳар гуна мурғон меояд. Ман дар ҳар гулу гиёҳ чеҳраи пуртабассуми Баҳромро мебинам ва дили баргаштан намекунам. Вале чанд меистӣ? Раҳораҳ аз дилам гузашт, ки дар ин гулшан навои Баҳром ҳам мисли навои мурғоне, ки онҳоро намебинам, танинандоз аст ва ба гӯши наслҳое, ки баъди мо меоянду мераванд, низ хоҳад расид.

*Баъд аз сари мо низ ҷаҳон хоҳад буд,*
*Ин гиряву ханда ҷовидон хоҳад буд.*
*Обе, ки ба ҷӯй меравад нолон аст,*
*З-ин ҷӯй гузаштан ормон хоҳад буд.*

с. 1999

***ДОДОҶОН РАҶАБӢ***
***нависанда***

# ҚАЛАМКАШИ СЕҲРНИГОР

Ин қаламкаши сеҳрнигорро ман ҳанӯз аз айёми таҳсил дар Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи С. М. Киров (феълан Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) мешиносам, ҳурмат мекунам ва то зинда ҳастам, ёди некашро пос медорам. Вай ҷавони он вақт хеле пурҳарорат, боғайрат, фошгӯ ва ҷасур буд, аммо зимоми фурӯтанӣ ва фақириро ҳаргиз аз даст намедод. Ба тори нозуки дилаш нохун назанед, ҳамеша омода буд, ки ҷонашро бароятон қурбон кунад. Овозаш ҳалим ба гӯш мерасид. Кам-кам, дер-дер табассум мекард, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ табассуми сохта, хандаи дилу бедилон карда наметавонист. Суханашро - хоҳ талх бошаду хоҳ ширин - даставвал аз ғалбери ақлу ҳуш гузаронда, сонӣ ба забон меовард. Аз гирумон, нишастухез ва ниҳоду хӯяш яқин буд, ки ҳам дари мадраса дидаасту ҳам кӯйи майкада, яъне аз бисёр баду неки ҷаҳон огаҳӣ дошт. Вақте ҳарф мезад, барои далели сухан на фақат аз Рӯдакию Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Хайёму Мавлоноии Рум ва ё Айнию Лоҳутию Турсунзода, балки бештар аз осори фалсафа ва кимиёгарону риёзидонҳои ҷаҳон мисолу иқтибосҳо меовард. Ин далели он буд, ки ҷӯраи ҷонии ман Баҳром Фирӯз он гуна китоб хонда, маънияшро ҳазм кардааст, ки асло монед.

Дар факултаи таъриху филологӣ ман дар соли чорум ва Баҳром дар соли сеюм таҳсил мекардем, ки ба ҳам дар маҳфили «Адибони ҷавон» дасти дӯстӣ дароз кардаем. Баҳром он вақт шеър менавишту банда ҳикоя. Ҳамин ки навиштаҳоямон аз ордбези маҳфил мегузашт, ҳамроҳ назди устод Раҳим Ҷалил мерафтем. Устод шеъри нахустини Баҳромро бидуни ягон таҳрир, ҳатто нуқта-вергулашро нарасида мақбул донистанд. Дере нагузашта он шеър дар саҳифаи «Ленинободи адабӣ»-и рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» дар шафати ҳикояи банда «Моҳинисо шумоед?» ба табъ расид. Бо ҳамин мавҷи сарнавишт, бидуни ягон тадбири ташкил, ману Баҳромро ба як самт мекашид. Баъди хатми Донишкада банда ба тариқи соатбайъ ба ҳайси омӯзгори забони адабии тоҷик, Баҳром баъди як

соли хатм ба вазифаи омӯзгори адабиёти классикӣ дар ҳамон таълимгоҳ ба кор мондем (аз соли 1961 то соли 1963-64).

Моҳи августи соли 1963 маро барои кор ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (мудири шӯъбаи агитатсия ва пропаганда) даъват карданд (шахсан худи муҳаррири онвақтаи «Комсомоли Тоҷикистон» устод Мутеъуллоҳ Наҷмиддинов), Баҳром Фирӯз баъди як сол (1964) аз пайи кор ба Душанбе омад. Худи ҳамон рӯз, ду соат пеш аз омадани Баҳром Фирӯз бо раиси Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон, дӯсти якумриам Шарофиддин-ака Сайфиддинов вохӯрда будам, ки ба Иттифоқи онҳо як шоир-мушовир лозим буд аст, то дар интихоби матни суруду операю кантатаҳо ба композиторон дасти мадад дароз кунад. Агар шоири хуб бошад, композиторон ба шеъри шоир-мушовир ҳам оҳанг бастан мегиранд. Баҳром ин хоҳиши раиси Иттифоқи композиторонро аз ман шунида, аз ҷо озод бархост:

— Дадоҷон, ба акаи Шарофиддин Сайфиддинов занг занед. Агар ҳанӯз одам нагирифта бошанд, ман тайёрам, ки дар он ҷо кор кунам.

Баҳром Фирӯз чун шоир-мушовири Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон кор мекарду даста-даста шеърҳояш саҳифаҳои «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони советӣ», «Газетаи муаллимон»-ро гул мекунониданд. Аз он шеърҳо магар устод Мирзо Турсунзода огаҳӣ пайдо кардаанд, ки бо тавсияи шахсии раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дере нагузашта Баҳром Фирӯз барои кор ҳамчун мудири шӯъбаи маҷаллаи «Садои Шарқ» - нашрияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон даъват шуд..

Ҳангоми кор дар маҷалла дар риштаи наср низ қувва озмуд. Нахустин ҳикояи Баҳром Фирӯз «Бобо» аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ», сонӣ ба забони русӣ дар журнали «Памир» чоп шуд. Дертар ба забони чехӣ, немисӣ ва ҷопонӣ тарҷума гардид ва қариб ними ҷаҳонро сайр кард...

Барои тасаввури комил аз шарҳи ҳол ва фаъолияти пурбаракати адабии Баҳром Фирӯз ба донишномаи миллати мо «Энсиклопедияи советии тоҷик» назар меандозем, ки он ҷо дар ҷилди 7, саҳифаи 1661 ба қарори зайл овардаанд:

«Фирӯз Баҳром Бобоевич (тав. I.XI.1939, райони Нуратои вилояти Самарқанд), нависандаи советии тоҷик. Аз оилаи муаллим. Баъди хатми ИДПЛ дар ҳамин институт муаллими ка-

федраи адабиёти тоҷик буд. Солҳои 1964-68, 71-78 дар Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ кор карда мудири шӯъбаи журнали «Садои Шарқ» (1969), мудири редаксияи адабиёти бачагону наврасони Нашриёти «Мориф» (1978-80), мудири шӯъбаи адабиёти бадеии газетаи «Маданияти Тоҷикистон» (1980) буд. Аз соли 1981 муҳаррири нашриёти «Маориф». Фаъолияти адабиаш соли 1960 бо шеър оғоз шуда, бо номи «Розҳои маҳтобшаб» (1967) ва «Силсила» (1973) маҷмӯаи ашъораш ба табъ расид. Дар шеърҳояш ба масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ, симои маънавии инсон аҳамият додааст. Соли 1972 ба наср гузашт. Масъалаи асосии насраш ташаккули шахсияти ҷавонон ва омилҳои иҷтимоии он мебошад. Муаллифи маҷмӯаҳои «Пайи ситора» (1976), «Ганҷ дар вайрона» (1977), достони «Рухсора» (1978), китоби достону ҳикояҳои «Ту танҳо не» (1980), маҷмӯаи ҳикоёти «Ҳақиқати талх» (1981).

Баъзе шеъру ҳикояҳояш ба забони халқҳои бародар - русӣ, арманӣ, литвонӣ, молдавӣ, ӯзбекӣ ва ғайраҳо, инчунин дар Эрон ва Чехословакия чоп шудааст. Ду китоби достон ва ҳикояи ӯ ба забони русӣ аз чоп баромад. («Ты неодинок», Москва, 1982, «Если бы она была мужчиной», Душанбе, 1991). Аз соли 1971 узви Иттифоқи нависандагони СССР».

Дар ин шарҳи ҳоли мухтасари Б. Фирӯз «Аз арш то фарш» (1983, достон ва ҳикояҳо), «Тафти дил» (шеърҳо, 1984), «Пеш аз шаби арӯсӣ» (ҳикояҳо ва достонҳо, 1989), «Агар вай мард мебуд» (китоби достонҳо, 1987), «Саҳнаи гардон» (мақола ва очеркҳо, 1993) барин китобҳои ӯ номбар нашудаанд.

Баҳром Фирӯз ҷашни 50-солагии хешро бо китобе пешвоз гирифт, ки дорои 50 номгӯй ҳикояҳои наву тоза буд.

Дар бойгонии шахсии ӯ ҳанӯз он қадар шеър, он қадар ҳикоя, он қадар достону романҳое маҳфузанд, ки рӯйи чопро надидаанд. Ва романи «Ғафлатзадагон» яке аз онҳо мебошад.

Мо асарҳои Баҳром Фирӯзро ҳар чӣ бештар чоп кунему ба муштариёнаш дастрас намоем, рӯҳи ӯ ҳамон қадар шод мегардад.

с. 1999

***ЛАТОФАТ***
***сармуҳаррири***
***маҷаллаи «Истиқбол»***

# СУХАНГУСТАР

Аввалбаҳори соли 1980 дар Кумитаи садо ва симои Тоҷикистон, дар идораи барномаҳои сиёсӣ кор мекардам. Дабири маҷаллаи бонувон «Фирӯза» будам. Дар гӯшаи «Гулғунча»–и барномаи мазкур шеърҳои Шоираи халқии Тоҷикистон Гулчеҳра Сулаймониро ҷой дода, барои сабти овозашон даъват намудам…

Аммо соле қабл як даста шеърҳои худамро ба Гулчеҳра Сулаймонӣ супорида будам, то фурсате пайдо карда, аз назар гузаронанд. Ростӣ, он замон рӯбарӯӣ ва суҳбате бо бузургоне, мисли Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷабу Гулчеҳра Сулаймонӣ сахт душвор буд. Гулчеҳра Сулаймонӣ зуд-зуд назди Иноят Рустамова, сардабири барномаҳои адабии садо меомаданду ҳангоми кор дар ин шӯъба аз сӯҳбатҳояшон баҳравар будам…

Гулчехра–апа хомӯшона дафтари шеърҳоямро ба даст гирифтанду бо имои «маъқул» сар ҷунбонида, онро ба сумкаи дасташон гузоштанд…

Дигар чанд бор вохӯрдему аз пурсидан истиҳола мекардам. Ниҳоят дар интиҳои сабт, вақти гуселашон, ҷуръат карда пурсидам:

— Устод… ҳамон як дафтараке… Шеърҳои сирф шогирдона… Шояд, беҳуда вақти қиммати шуморо гирифта бошам?!

— Шеърҳо?! О, магар шумо назди Баҳром нарафтед?

Ман чизе нафаҳмида суоломез ба устод нигаристам. Дар посухи таҳайюри ман лаҳзае таваққуф карданд.

— Баҳромро мешиносед?

— Худашонро не, китобҳояшонро хондаам…

— Ман шеърҳоро ҳамон шабу рӯз хондам. Баъд ба ҳамсояамон Абдумалик Баҳорӣ супоридам, ки фикрашонро гӯянд. Баҳорӣ шеърҳоро хонда, ҳамаашро ба дасти Баҳром додаанд. Бояд чоп шавад…

Дилам сахт ба таппиш даромад. «О, чӣ хел? Шеърҳое, ки… Аз чопаш шарм мекардам. Эроди сахту маслиҳатҳои устодро

интизор будам. Находӯ онро Абдумалик Баҳорӣ ҳам хонда… боз барои чоп ба…»

Гулчеҳра Сулаймонӣ нигаҳу ҳаяҷони ботини маро ба рамуз пай бурданд, ки ба таъкид хайрухуш карданд:

— Ӯ инсони хуб аст. Ҳатман Баҳромро бинед…

Мани моту мабҳут то дер аз пасашон гарм нигаристам.

Он рӯз дарк кардам, ки зиндагиро чунин инсонҳои соҳибфазилату некбин ба ҳама зебоияш дар назари ҷилвагар мекардаанд. Эътимоди моро ба мавҷудияти ҳақиқати зебо, покӣ ва меҳри инсон сабз медоштаанд. Умеди мо ба раҳи фардо равшан буд. Хосса, гоҳи талоши сангин ва қадами усутувор ба роҳи пурмашаққати эҷод…

Ҳамин тавр, ҳафтае аз миён гузашт. Оғози ҳафтаи нав барномаро барвақттар омода сохта, ба ҷустуҷӯйи Баҳром Фирӯз рафтам.

Он кас дар нашриёти давлатии «Маориф», ки воқеъ дар километри ҳафти пойтахт буд, ба ҳайси мудири шӯъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасон кор мекарданд.

Аҷиб, ки Баҳром Фирӯз маро зуд шинохтанд. Аз дар ворид шудан ҳамон, аз ҷо бархоста бо табассум ба саломи ман алейк гирифтанд:

— Марҳамат, гузашта шинед, Латофатбону. Хуб шуд, ки худатон омадед. Рӯзҳои наздик занг заданӣ будам…

Ман ҳанӯз рост истода намедонистам суханро аз чӣ сар кунам.

— Гулчеҳра Сулаймонӣ гуфтанд, ки… устод Абдумалик Баҳорӣ шеърҳои маро ба шумо…

— Ҳа. Дуруст. Шумо аввал нишинед, – сӯйи курсии муқобил ишора карданд. – Ҳозир ҳамаашро мефаҳмонам.

Баҳром Фирӯз хам шуда аз қуттии поёни миз чанд бастаеро бароварда, пеши худ гузоштанд. Аз миёнаш папкаеро ҷудо карда, кушоданд.

— Ана, он шеърҳо. Муҳиммаш, бо тавсияи Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Абдумалик Баҳорӣ мо онро ба нақшаи чопи китобҳои нашриёт дохил кардем. Ин тарафаш боз заҳмати худи шумо… Бурди шумо, ки барои кӯдакон шеър навишта метавонед. Забону дунёи кӯдакро на ҳар кас мефаҳмад…

Сипас Баҳром Фирӯз як-як шеърҳои маро варақ гардонида, аз эроду баъзе нишондодаҳои ду устод батафсил сухан карданд.

Гуфтанд, ки баъзе шеърҳо таҳрирталабанд. Бояд аз сари нав бинам. Баъдан ин шеърҳо барои маҷмӯа каманд. Бояд шеърҳои нав илова кард.

— Саросема нашуда як китобаки хуб тайёр кунед. Майлаш?

— Кӯшиш мекунам.

Сухани нек боли парвоз дорад. Хосса, агар онро аз забони касе бишнавӣ, ки мардум эътирофаш кардаву дӯсташ медоранд. Бо сухан дардҳои зиндагиро дармон мебахшад. Бо навиштаву эҷодаш меҳмони азизи ҳар хонадон аст. Маҳбубият дорад миёни хонандагони сершумораш. Ва як сухани нек ба сони чашмаи мусаффое бошад, ки умре замини эътиқод ва орзуҳои инсонро шодоб созад.

Мамнун ва ба хотири болида аз пайи кор шудам. Пас аз се моҳ китобро ба нашриёт супоридам. Номи китобро устод Баҳром Фирӯз интихоб карданд.

— Лолаарӯсак–муждарасони баҳор аст. Муждаи баҳори эҷоди шумо ҳам, – дуои нек доданд Баҳром Фирӯз.

Охири сол китоби нахустини шеърҳои ман бо номи «Лолаарӯсак» нашр шуд.

Баъд маро барои кор ба маҷаллаи кӯдакону наврасони ҷумҳурӣ «Машъал» даъват намуданд, ки то имрӯз сардабири ин маҷалла (алъон «Истиқбол» ном дорад) ҳастам.

Рӯзе устод Баҳром Фирӯз занг зада хоҳиш карданд, ки вақт ёфта ба нашриёт дароям.

— Ман чанд ҳикоя ва навиштаҳоятонро хондам. Маъқул шуд, – зуд сари мақсад омаданд. – Бисёр равон, сода ва самимӣ менависед. Медонед, аз Шумо тарҷумони хуб мебарояд.

Он вақт дар «Машъал» чанд ҳикояву афсонаҳои кӯчакро аз англисиву русӣ тарҷума карда будам.

— Ташаккур. Лек аз ҳад зиёд лутф кардед, устод, – сахт дар хиҷолат мондам. – Тарҷумонӣ ҳунари ҳар кас нест…

— Медонам, – кӯтоҳак гуфтанд устод. Барои ҳамин ба Шумо тарҷума пешниҳод карданӣ ҳастам. Чӣ гуфтед?

Дар ҳолати ногуворе монда будам. На «ҳа» гуфта метавонистам, на «не». Магар аз ӯҳдааш мебароям? Рад кардан ҳам, вақте ба ту бовар мекунанд, хуб нест.

Ҳолати ман аз чашми устод пинҳон намонд.

— Дар ибтидо як қиссаи хурдакаки Эно Рауд «Сипсик»-ро тарҷума мекунед, – китобчаи рангаеро сӯйи ман дароз карданд.

Китобро гирифтаму бо баҳонаи тамошо хеле андеша кардам.

«Эно Рауд – Нависандаи халқии Эстония, шинохтаи дунё. Яку якбора аз бузургон тарҷума кардан… Оё?..»

— Бисёр фикр накунед. Шумо метавонед… Хуб, барори кор!

Устод хушҳолона табассум карданд.

— Мебинед, ҳамааш хуб мешавад.

Аҷаб хушбовар, хушбину хушпиндор буданд устод Баҳром Фирӯз, ки ин фазилати инсонҳои бузург аст.

Кори тарҷумонӣ, бешак, заҳмати хорошикане дошт. Тарҷума ҳам эҷод аст. Тароват, фасоҳат, зебоии сухани муаллифро бояд нигаҳ дошт. Маъниро дар ойинаи сухан бояд нишон дод, на каму на зиёд.

Интиҳои чандин шаби бехобӣ ниҳоят «Сипсик»-ро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардам. Гаштаву баргашта пухтаву таҳрир шуд, ба ҳар ҳол қарор додам, пеш аз мошиннавис дастхатро пеши устод барам, то худашон аввал як бор хонанд.

— Хуб аст, ки дастнавис овардед, – хурсандона гуфтанд устод. Ҳусни хати зебо доштед. Ман ҳатман мехонам, пас хабар медиҳам.

Рӯзҳо мегузаштанду аз занги устод дарак набуд. Ҷуръати сим заданро намекардам. Чанд моҳ паси сар шуд.

«Аниқ, маъқул нашуд», – меандешидам ҳар гаҳе ин тарҷума ба ёдам расад.

Рӯзе пас аз сабти барнома ба ҳуҷраи корӣ даромада, дидам, ки устод бо ҳамкоронам Аҳмадҷон Мансуров, Бӯрӣ Икромов ва Наталия Левина сӯҳбати гарм доранд.

— Ана, худашон омаданд, – ба як овоз гуфтанд ҳамкорон.

Бо ҳолу аҳволпурсӣ як гӯшаи дилам таҳ кашид.

«Мабодо аз тарҷумаи ман гап кушода шаваду… Кошкӣ, кошкӣ розӣ намешудам», – худро дар дил сарзаниш мекардам.

— Барои сабт ба шӯъбаи адабӣ омада будам. Як сари қадам Шуморо ҳам хабар гирам, гуфтам. Дигар наомадед…

«Худо зад! – гуфтам ба худ. ҳамин ҳозир ҳама огоҳ мешаванд, ки ман чӣ тарҷумони беҳунаре будаам…»

— Латофатбону, аз сидқи дил табрик мекунам!– ду нусха китобро сӯям дароз намуданд устод.

Ба мани аз ҳайрат шах шуда нигариста, афзуданд:

— Марҳамат, гиред! «Сипсик»-и Шумо. Рӯзҳои наздик ба муҳосибот дароед, ҳаққи қалам медиҳанд…

Дертар фаҳмидам, ки ҳамчунин инсонҳои хайрхоҳу дурандеш, онҳое, ки барҳақ, пас аз сари худ дар маъбади дилҳо номи неку ёди нек боқӣ мегузоранд, аҳён-аҳён ба дунё меомадаанд. Инсонҳои покзамиру покандеше, ки амсоли борони тозаи баҳорӣ ҳавои ҳастиро аз гарди ҳасад ва ғубори кинаву бухл пок месозанд. Хосса, ки Худованд ба онҳо сеҳри сухан ва мағзи андеша дода бошад.

Ва ин ҳама чун гавҳари исбот дар асарҳои машҳури устод Баҳром Фирӯз – «Ту танҳо не», «Ғафлатзадағон», «Рухсора», «Муаллими сахтгир», «Пеш аз шаби арӯсӣ», ҳикояҳои дилпазири «Бобо», «Писарак ва бузғола», «ҳақиқати талх», «Модари ранҷбари ман» ва дигар фурӯ рехтаанд.

То имрӯз он дастнависи тарҷумаи «Сипсик» дар дасти ман аст, ки дар ҳошияи баъзе саҳифаҳои он устод хеле озода ва эҳтиёткорона ислоҳҳои худро навиштаанд. Чунин муносибат ва дилсӯзӣ ҳар навқаламро рӯҳбаланд месохт, то ба роҳи эҷод дилпурона қадам гузорад.

Баъдан асари дуюми Эно Рауд «Кинокамерае, ки ҳама чизро донистан мехост» аз чоп баромад, ки онро низ бо тавсияи устод ман тарҷума кардам. Сипас устод пешниҳод карданд, ки асари калонҳаҷми Эно Рауд – «Лаълиҳои паррон»-ро тарҷума намоям. Ба хушӣ пазируфтам.

Вале… ҳодисае сабаб шуд ва дар селоби ташвишу мушкилоти рӯзгор кори тарҷумониро фаромӯш кардам…

… Дар як хоначаи хурде зиндагӣ доштем. Дар ин хоначаи таърихӣ, ки ба садо тааллуқ дошт, замоне мусаввири шинохтаи тоҷик Вафо Назаров, сипас Гулчеҳра Сулаймонӣ ҳам иқомат кардаанд. Вақти таъмир маҷбур шудем чизу чораҳои худро ба роҳрав барорем. Ду қуттии бузурги китобу луғат ва дастнависҳоро низ берун кашидем. Чун ранги фарши хона ҳанӯз хушк нашуда буд, қарор додем, то субҳ интизор шавем. Саҳар ҳама чизро дар ҷояш пайдо кардем, ба ҷуз он ду қуттии бузурги китобҳо… Дастнависи китоби «Лаълиҳои паррон» низ он ҷо буданд.

Ва то охир устод Баҳром Фирӯз нафаҳмиданд, ки чаро сари ин асар тарҷумонии ман ин қадар «тӯл» кашид ва чаро дигар ин корро давом надодам.

— Афсӯс, – гуфтанд устод боре дар сӯҳбати сарироҳӣ, ки тасодуф рӯ ба рӯ омадем ва аз баҳонаи пешовардаи ман норозигӣ карданд.

— Кору бори зиндагӣ ҳеҷ охир надорад. Набояд ин корро аз даст монд. Тарҷумонӣ ҳунари волосту пурифтихор.

Баъд маро шодравон Мавҷуда Ҳакимова ба идораи маҷаллаи «Машъал» ба кор даъват намуданд, ки соле котиби масъул ва пасон сардабири маҷалла будам. Ва то имрӯз ҳам ин заҳмат ба дӯши ман асту танҳо номи маҷалла ба «Истиқбол» иваз шуда.

Нашриёти «Ирфон» ва «Маориф» низ аз ҷойи пештарааш кӯчиду аз қазо ҳамсоя шудем. Устод Баҳром Фирӯзро ҳамеша бо табъи болидаву авқоти хуш дучор меомадам. Мудом гарм аҳволпурсӣ мекарданд, ҳатман аз оила, фарзандон ва кору эҷод пурсон мешуданд.

Боре барои гирифтани шумораи нави «Машъал» ба назди ман омаданд. Чанд нафар ҳамкорон сари масъалае баҳс доштем. Устод бо чеҳраи хандон ворид шуданд ва узр пеш оварда пурсиданд, ки халал намерасонанд.

Ҳамагон бо хушнудӣ устодро ба давра хондем. Ва баҳси мо гӯё ҷӯши нав пайдо кард… Устод дар ҳеҷ даврае бегона набуданд. Хуб дар ёд дорам, интиҳои ин баҳс дар атрофи илми кафшиносӣ ҷамъбаст шуд. Устод гуфтанд, ки аз ин илм хабар доранд, ҳатто мутахассис ҳастанд. Корманди маҷаллаи мо Садриддин Ёров ба шӯхӣ изҳор доштанд, ки оё инро исбот карда метавонед?

— Албатта, – бепарвоёна гуфтанд устод. – Марҳамат, дастатонро нишон диҳед…

Навбат ба ман расид. Устод бодиққат ба хатҳои кафи ман синча карданд. Пас ба хати миёнаи каф ишоракунон гуфтанд.

— Ин хати умр аст. Бубинед, дароз аз кафи даст поён гузашта… Ин чунин маънӣ дорад, ки умри дароз ва бобаракат мебинед.

— Боз ҳам лутф кардед, устод. Хостед, ки хурсанд шавам.

— Не-не, чаро? Ин ҳама рост. Ана, кафи дасти маро нигаред… Мегӯяд, ки бохабар бош, умри ту кӯтаҳ аст! – хандиданд устод.

— Ин тавр нагӯед… Илоҳо умратон дароз бошад, – гуфт касе аз миён.

— Орзуҳо хубанд, вале чашми ҳақиқат ҳам ҳаст. Ҷое гурехта намешавад, – гӯё дар боби хариду фурӯши як чизи одӣ сухан мерафта бошад, ҳамоно бепарвою хушҳол суханашонро идома доданд устод.

— Бузургтарин файласуфони ҷаҳон гуфтаанд, ки аз ҳаёт мисли занбӯри асал танҳо шаҳд гирифтан лозиму бас. Зебо зистан, ҳар дақиқа вақтро бояд оқилона истифода кард. Молу сарвати дунё андӯхтан, ин ҳама қасру кӯшку мансаб беҳуда… Умри зоеъ. Шукр, ман оилаи меҳрубону ғамхор дорам. Инсони хушбахтам. Рост. Умри эҷодкори асил ҳаргиз дарозу кӯтаҳ намешавад. Сухани баланд инсонро зинда медорад…

Дере нагузашта воқеаҳои нохуши ҷанги шаҳрвандӣ сар заданд. Идораи маҷаллаи «Машъал» ба Маҷмааи табъу нашр дар хиёбони Саъдии Шерозӣ кӯчид. Ва дигар ман устодро надидам. Надонистам, ки захмҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ғами ноиттифоқии миллат, дардҳои ватани азияткашида барвақт ба дили ҳассосу нозуки устод кора карда… Аз Душанбеи азиз рафтаву бо алами мардуми азиз аз ҷаҳон гузашта…

Дар идора сари ҳалли масъалаи ногуворе маҳзун андеша доштам. Фарзандони носипоси як шоири шинохтаи тоҷик, ки барои чопи китобҳояш маблағ пардохтаву баъди як моҳи аз дунё гузаштани падарашон, китобҳоро нагирифта, ба суд даъвои пул карданд.

Ин ҳангом дар кушода шуду бо иҷозат бонуи ситорагарму боназокате вориди ҳуҷраи ман гардид. Бо пазироӣ рӯ ба рӯ биншонидам. Бо ҳаё ва истиҳолаи нозук, нарму оҳиста ба сухан оғоз кард.

— Ман… Ман оилаи Баҳром Фирӯз. – Аз заҳматҳои шумо, ки ин қадар китобҳои зебо барои кӯдакон нашр мекунед, огоҳам…

Намедонам чаро, беихтиёр чашмонам нам гирифтанд. Тори ноаёни ёди инсони наҷибе дар дилам ларзид.

— Баҳром кӯдаконро зиёд дӯст медоштанд. Барои кӯдакон бисёр навиштаанд. Бо фарзандҳо маслиҳат кардем. Аз маош, аз рӯзгор сарфае намудем. Кам ҳам бошад, овардам. Як китоби Баҳромро чоп мекардед…

Нигоҳе ба умед ва меҳрубонӣ сӯям дӯхта шуд.

— Мо нашри китоби устодро дар нақша доштем. Вале азбаски ҳама китобҳо бо қарз чоп мешаванд, мӯҳлат тӯл кашид.

Шумо пешдастӣ кардед, муаллимаи азиз. Хоҳишатон нури дида…,– гуфтам дар қиболи он андешае, ки ҳамзамон дар замири дил туғён мезад.

«Тасанно ба дили пурмуҳаббати Шумо, ҳамсари арзандаи устод, ки шамъи ёди нависандаи бузургро барои мардумаш чунин фурӯзон медоред. Тасанно ба фарзандони шоистаи падар, ки номи падар барояшон аз ҷамъи сарвату пули дунё азизтар аст. Чун нек фаҳмидаанд, ки идомаи умри падар дар китобҳои ӯст. Тасанно»…

Пас аз чор моҳи ин гуфтугӯ китоби «Ҳақиқати талх»-и Баҳром Фирӯз бо теъдоди 5000 нусха ба дасти кӯдакони кишвар расид.

Мутобиқи шартнома, чун китобҳо фурӯхта шуданд, хостем маблағи ҳамсари фарзонаи устод Саиданисо Бобоеваро баргардонем. Он кас ба исрор гуфтанд:

— Хоҳиш мекунам. Агар ба ҳамин маблағ китоби дигари Баҳромро ба нашр омода месохтед… хеле мамнун мешудем. Охир, агар имрӯз ҳамроҳи мо мебуданд, ҳафтодсола мешуданд. Тӯҳфаи фарзандон ба ҷашнашон…

Оре, китоби «Хотираи як муҳаббат», ки тавассути ТҶБ «Истиқбол» баъди ин сӯҳбат чоп шуд, ба хонандагони сершумори Баҳром Фирӯз армуғони арзандаи ҷашнист.

Бошад, ки рӯйи кушодаи ин китоб, рӯйи кушода, дасту дили кушода, орзуҳои кушодаи нависанда ба муштариёнаш бошад.

Сухангустарро умри ҷовид аз сухани сабз аст.

сентябри с. 2009

***РАҲМАТ ДАВЛАТОВ***
***Корманди шоистаи***
***Тоҷикистон***

## ДАР ДИЛУ ХОТИРИ МАН ЗИНДА ...

Мо бо Баҳромҷон (ёдаш ба хайр!) бори аввал дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Самарқанд вохӯрдем, ҳамсабақ ва ниҳоят додару бародар шудем.

Мехоҳам аз нахуствохӯриам чанд лаҳзаеро ба рӯйи қоғаз биёрам.

Рӯзи якуми сентябри соли 1952. Дар бинои рақами дуюми омӯзишгоҳи педагогии ш. Самарқанд, дар болои дари яке аз синфхонаҳои таълимӣ, ки курси 1, гурӯҳи «А» навишта шуда буд, як гурӯҳ писарону духтарон ҷамъ омада интизори занги аввал буданд, ки донишҷӯ шуда буданд. Гурӯҳ – гурӯҳ бо шавқу завқ сӯҳбат мекарданд. Ниҳоят занги аввал моро ба синфхона хонд. Бачаҳо ҳар кас мувофиқи хост бо шахси ба худ наздикаш дар курсиҳо нишастанд. Пас аз чанд лаҳза дар кушода шуду ба синф шахси тануманде даромад. Ҳама аз ҷо хестанд. Баъди саломи алейк аҳли синфро ба нишастан даъват ва худро муаррифӣ кард, ки ман роҳбари курси шумо, Наимов. Аз фанни адабиёт дарс мегӯям. Ҳоло мехоҳам бо шумо шинос шавам гӯён журнали гурӯҳи моро аз партфелаш бароварда саҳифаи фанни адабиётро кушода, ҳозиринро як-як ном гирифта, чуноне, ки мегӯянд ҳозиру ғойиб кард. Давомот 100 фоиз. Устод ба мо рӯ оварда гуфт, ки давомотатон хеле хуб, аммо тарзи нишастатон тамоман бад. Ман ҳоло шуморо тарзе ҷо ба ҷо мекунам, ки минбаъд ҳамин хел мешинед. Пас тамоми гурӯҳро мувофиқи қаду баст ду кас-ду кас дар паси мизҳо ҷо нишон дод. Ману Баҳромҷонро (қадамон, ки нисбати дигарон пасттар буд) дар партаи аз ҳама пеш шинонд. Аз ҳамон вақт ману Баҳромҷон ҳамсабақу ҳампарта шудем.

### Чи тавр Баҳромҷон ба устод Наимов маъқул шуд?

Рӯзҳо мегузаштанд, устодон ҳар кадом худро муаррифӣ карда аз фанне ба мо сабақ медоданд «Шаҳриҳо» (онҳое, ки аз дохили шаҳри Самарқанд буданд) фаъол ва худро хело доно

мепиндоштанд. Мо- рустоиҳо (онҳое, ки аз ноҳияҳои гирду атрофи Самарқанд) то андозае шармгин, ботамкин ва ором будем… «Шаҳриҳо» ба мо назарногирона муомила мекарданд.

Дар яке аз рӯзҳои аввали сабақомӯзӣ устоди фанни адабиёт Наимов доир ба «Давраҳои адабиёт» сухан карданд. Дар рафти такрори мавзӯи дарс устод бо аҳли синф саволу ҷавоб мекарданд ва саволҳо медоданд, ки.дар саволу ҷавоб «шаҳриҳо» фаъол буданд…

Дарси навбатиро устод аз пурсидани вазифаи хонагӣ «Давраҳои адабиёт» оғоз карданд. Ҳама хомӯш. «Шаҳриҳо»-и фаъол ҳам сархам менишастанд… Ин вазъияти ногувор хеле тӯл кашид… Пас устод бо ангушташ ба Баҳромҷон ишора карда: -Канӣ, ту писар, хез ва оид ба давраҳои адабиёт чизи медонистаатро нақл кун гуфтанд.

Баҳромҷон хест, ба назди тахтаи синф баромад ва давраҳои адабиётро чунон бо шавқу завқ нақл кард, ки ҳама дар ҳайрат монданд. Аҷибаш он ки ҳар як давраи адабиётро номбар карда, бо ангушти ишоравиаш гӯё он давраҳоро махсус ҷудо мекард…

Устод Наимов аз ин ҷавоби шогирд дар ғояти хурсандӣ ба Баҳромҷон офарин гуфтанд ва ба аҳли нишаст муроҷиат карданд: «Ҳақ ба ҷониби он бузурге, ки гуфтааст: «Шутурро қаду бузро ришу булбулро сухан…». Аз ҳамон рӯз фикру муносибати устод ва муомилаи «шаҳриҳо» нисбати қадпастони рустоӣ, аз ҷумла Баҳромҷон дигар шуд…

## «Касал»-и китобхонии Баҳромҷон

Баҳромҷон асарҳои бадеиро бисёр ва бурро ву бо суръат мехонд. Ин хислати Баҳромҷон ба устод Наимов бештар хуш омад ва байни Баҳромҷону устод Наимов риштаҳои дӯстӣ мустаҳкамтар шуд. Ин ҳолат як навъ рашки дигарон, махсусан «шаҳриён»-ро меовард…

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд…. «Рустоиён»-и ботамкину шармгин аз ҳамаи фанҳои таълимӣ дар саволу ҷавоб нисбати «шаҳриён» фаъолтар мешуданд. Санҷишу имтиҳонҳои нимсолаи аввали таҳсил наздик меомад. Устодон гаштаю баргашта таъкид мекарданд, ки ба санҷишу имтиҳонҳо хуб тайёр шавем. Ҷараёни тайёрӣ ба санҷишу имтиҳонҳо шаҳриҳоро ба рустоиҳо бештар наздик мекард. Акнун бараъло ҳис мешуд, ки бачаҳои

рустоӣ назар ба бачаҳои шаҳрӣ дарсҳоро беҳтар аз худ мекунанд ва донишашон аз ҳамаи фанҳо хуб аст, ки Баҳромҷон яке аз пешқадамон ба ҳисоб мерафт… Ниҳоят давраи санҷишу имтиҳонҳо фаро расид, ба иборае давраи «ғалберро аз об бардоштан» омад, ки баъди нимсолаи аввал баъзеҳо (аксаран бачаҳои шаҳрӣ) омӯзишгоҳро тарк карданд…

Рӯзе бегоҳӣ Баҳромҷон (мо ҳарду дар як ҳуҷраи хобгоҳ, воқеъ дар кӯчаи Сӯзангарон иқомат мекардем) маро даъват кард, ки бояд ба хонаи устод равем. Ман ҳайрон сабаб пурсидам, ки барои чӣ ба хонаи устод меравем?

Баҳромҷон кӯтоҳ ҷавоб дод, ки китоб мехонем.Мани дар ҳайрат боз пурсидам, ки чаро китобро дар хонаи устод мехонем? Баҳромҷон дар ҷавоб гуфт, ки дер шеда истодааст, рафтем, ҳамаашро дар роҳ мефаҳмонам. Мо ҳар ду сӯйи хонаи устод Наимов равона шудем. Дар роҳ Баҳромҷон ба ман гуфт, ки чашмони устод дардманд, бисёр китоб хонда наметавонанд. Аз ман хоҳиш карданд, ки шаб каме китоб хонаму он кас гӯш кунанд. Гуфтам, ки дар вақти бозгашт дер мешавад ва ман худам танҳо метарсам. Устод гуфтанд, ки чаро танҳо? Рафиқат Раҳматҷонро ҳамроҳ гир, дар вақти китоб хондан монда, ки шудӣ, вай мехонад. Ана барои ҳамин туро ҳамроҳ мебарам…

Мо ба хонаи устод расидем. Баҳромҷон дарвозаро кӯфт, ки устод ба пешвози мо баромад ва ба хоначае, ки дараш боз буд, таклиф карданд. Дар ҳуҷра як мизи хурди дар ду тарафаш ду кӯрпачаи «як об шустагӣ» партофтагӣ. Болои мизи пастакак як чойники сурхи «қирмизӣ» ва ду пиёла. Устод моро ба нишастан таклиф намуданд. Мо ҳар ду ҳампаҳлӯ аз қисми поён ва худи устод рӯ ба рӯйи мо нишаста «хуш омадетон» гӯён аз мо ҳолпурсӣ карданд. Мо бо изҳори ташаккур ба устод саволомез нигаристем. Устод он чӣ ки дар роҳ Баҳромҷон ба ман дар бораи чашмони дардмандашон гуфта буд, мухтасар нақл карданд ва хандаомез гуфтанд, ки акнун шумоён чашмони ман шавед… Мо чун пионер доимо тайёр будани худро изҳор кардем.

Устод аз чойники «қиромизӣ» як пиёлагӣ чой рехтанду аз рафъе, ки китобҳои бисёре чида шуда буд, як китобро гирифта назди мо монданд ва гуфтанд:

— Ана аввалин китобе, ки шумоён бояд хонед ва мо якҷоя аз мазмуну мундариҷаи он хабардор шавем. Ин китоби устод С. Айнӣ «Ғуломон» буд. Ин шаби аввалини китобхонии мо буд.

Баҳромҷон китобро гирифта ин тараф он тарафашро аз назар гузаронида пас ба хондан сар кард. Ӯ чунон бурро ва босуръат мехонд, ки кас роҳат мекард. Ман аз зери чашм дуздона ба устод нигоҳ мекардам. Он кас бодиққат хондани бофасоҳати Баҳромҷонро гӯш мекарданд. Вобаста ба рафти тасвири ҳодисаю воқеаҳои матн симояшон гоҳ ҷиддӣ мешуду гоҳ табассум дар лабонашон гул мекард…

Вақте ки Баҳромҷон аз хондан монда ё берун рафтанӣ мешуд, ӯро иваз мекардам…

Ҳамин тавр, дар муддати тӯлонӣ чандин китобҳо (достону романҳо) яке паси дигар хонда шуданд. Баҳромҷон ҳам ба «касалӣ»-и доимии китобхонӣ гирифтор шуд, ки то охири умраш давом кард. Яъне устод Наимов ӯро ба ин «касалӣ» гирифтор карда буданд.

Одати дигари аҷиби шодравон Баҳромҷон (ҷояш ҷаннат боду арвоҳаш шоду мададгори пайвандон) ин буд, ки ягон достон ва ё романи нави хондаашро хеле ба тафсил, бо ҳиссиёти аҷиби ба худ хос нақл мекард ва аз нақли басе ширадораш лаззат мебурдем. Боз таъкид мекард, ки мазмуни ин китобро шунидан кам, онро хондан даркор, хондан…

*Солҳо мегузаштанд бо шитоб,*
*Бо қаламу дафтару бо китоб.*

Се соли таҳсил ба охир расида мо донишҷӯи соли чор гардидем. Дар ин солҳо тавассути дарсҳои устодону худомӯзӣ ҳамсабақони мо хеле тағйир ёфта, ба камолот расиданд. ҳамаи рустоиҳои дирӯзакак ба омӯзишгоҳ омада, чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ, чи аз ҷиҳати ақлонӣ ба куллӣ тағйир ёфта буданд. Дар ин таҳаввулу тағйирот заҳмати устодони соҳибэҳтирому икроми мо кам набуд. Устод Валихӯҷаев аз фанни математика, Муллоқандов аз фанни физика, Қурбонов аз фанни биология, Мӯҳтарамов аз фанни ҷуғрофия, Солиев аз фанни забону Наимов аз адабиёти тоҷик, М.А Хамперова аз фанни забону адабиёти рус (рӯҳашон шод бод онҳое, ки дар қайди ҳаёт нестанд) дарс мегуфтанд, ки ҳар кадомашон шахсиятҳои комил буданд. Ва ба ғайр аз таълими ҳаматарафаи фанни худ онҳо ба мо дарси одаму одамгариро меомӯзониданд…

Дар халқият мегӯянд, ки то фарзандор нашавӣ, ба қадри падару модар намерасӣ, ки ҳақ асту рост. Ба фикри ман, то муаллим, омӯзгор нашавӣ ба қадри муаллимат, устодат намерасӣ, хусусан заҳмату меҳнат ва тоқаташро дар тарбияи ҳар кадоме аз шогирдон ҳис намекунӣ …

Ба мо донишҷӯён дар чор соли таҳсил аз забони русиву адабиёти рус зани ниҳоят ҳалиму меҳрубон, ширинзабону ширинмуомила, устоди азиз М. А Хамперова. дарс мегуфт.

Ман ба ин бонуи меҳрубон эҳтироми вижа дорам. Ба мо донишҷӯёни аз ноҳияҳои тоҷикнишини гирду атрофи Самарқанд , ки бинобар набудани муаллими забони русӣ дар мактабҳо онро намедонистем, бо чӣ мушкиливу машаққат дарс мегузашт. Забон меомӯзонд ва ҳеч боре сухани тунде нагуфта. Натиҷааш чунин буд, ки мо дар соли охир ба забони русӣ озод ҳарф мезадем. Дар бораи ҳар кадоме аз адибони маъруфи рус маълумоти зарурӣ пайдо кардем, ки дар ин ҷода низ Баҳромҷон пешсаф буд. Аз эҷодиёти адибони рус пурра огоҳ гардида, асарҳои зиёдашонро мутолиа кард. Ба гумонам, дар китобхонаи омӯзишгоҳ асаре намонд, ки Баҳромҷон нахонда бошад…

## Чаро курси чорро бад мебинам?

Рӯзе Баҳромҷон ба хобгоҳ хурсанд даромаду «Раҳматҷон, хез репетитсия мекунем» гӯён папкаи коғазини дасташро болои миз гузошта, рӯ ба рӯйи ман нишаст. Мани аз асли воқеа бехабар, ҳайрон ба ӯ менигаристам ва интизори шарҳи ботафсилаш будам, ки бо ин амалаш чӣ мехоҳад? Баҳромҷон ба ман як назар карду папкаи навакак болои миз гузоштаашро гирифта кушод ва аз даруни он навиштаҷотеро бароварда гуфт: «Ин матни намоишномаи якпардагӣ. Мо, аъзои маҳфили драмавӣ онро бояд тайёр карда бахшида ба якуми май ба саҳна гузорем. Устод матнро ба ман дода, гуфтанд, ки бо он шинос шавам ва матни нақши худро аз ёд кунам. Биё, аввал бо матн ҳамроҳ шинос мешавем, пас дар бораи нақши ман фикр мекунем».

Матнро хондем. Дар бораи нақши Баҳромҷон ҳам фикрамонро баён кардем. Ҳамин тавр дар вақти «рептитситсия» ба нақши Баҳромҷон ҳардуямон тайёр мешудем. Намоишномаро дар саҳни клуби омӯзишгоҳ, ба қавли Баҳромҷон чандин бор бо ҳамаи иштирокчиёнаш «рептитситсия» карданд. Рептитситсия пас

аз дарс як-якуним соат давом мекард. Мо ба сифати тамошобин иштирок мекардем…

Рӯзе Баҳромҷон аз зодгоҳаш чӣ хабареро шуниду ба роҳбари маҳфили драмавӣ дар бораи хабари нохуш нақл карда, изҳори тез рафта, баргаштан кард. Ба саволи «намоиш чӣ мешавад?» гуфт, ки бо нақши ман Раҳматҷон шинос, маро иваз карда метавонад.

Баҳромҷон ба зодгоҳаш рафту дер баргашт. Намоиши идона хуб гузашт. Нақши ӯро ман иҷро кардам, ки ба тамошобинон гӯё маъқул шуд. Тамошобинон (донишҷӯёни омӯзишгоҳ) кафкӯбиҳои дуру дароз карданд…

Баҳромҷон бо сабабҳои объективию субъективии ҳамон сол таҳсилро дар курси чор қатъ карда ба зодгоҳаш рафт. Ба саволи «хондан чӣ мешавад?» соли оянда омада давом медиҳам гуфт…

Пас аз рафтани Баҳромҷон ба назари ман хобгоҳу синфхона ва кӯчаҳо, гӯё тамоми шаҳр холӣ менамуд. Эҳсоси ин ҳолатро каси маҳрум аз меҳрубониҳои рафиқи шафиқу дӯсти ҷониаш дарк карда метавонад…

Ман он айём курси чорро бад дидам, вале мо чандин сол баъд дар Душанбе боз ба ҳам омадем. Дар хонаи ҳамдигар, тӯю сур, маҳфилу шабнишиҳо он даврони пур аз нишоти зиндагиамонро ба хотир оварда, завқ мекардем. Ёди айёми пурҷӯшу хурӯши ҷавониро зинда мекардем…

Чӣ илоҷ, ки қисмат дар айни авҷи камолоти эҷодиаш моро аз Баҳромҷон ҷудо кард ва дидорро ба қиёмат гузошт…

Ӯ дар дилу хотири ман ҳамеша зинда. Ёдашро гиромӣ медорам ва даст ба дуо мебардорам, ки Худованд хонаи охираташро обод дорад!.

августи с. 2009

***РАСУЛ ШАРИФОВ***
***Корманди шоистаи***
***Тоҷикистон***

## *ОРИФОНА МЕГУФТУ ОЛИМОНА МЕНАВИШТ…*

Дар яке аз кӯчаҳои хушманзару зебои таърихии Самарқанди бостонӣ – Даҳбед, таълимгоҳе бо номи Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикӣ фаъолият мекард. Дар омӯзишгоҳ донишҷӯён аз шаҳри Самарқанд ва ноҳияҳои гирду атрофи вилоят таълим мегирифтанд. Роҳбарону омӯзгорон ва мутахассисони касбу кори гуногуни ин даргоҳи муқаддасу овозадор кордону донишманд ва соҳибҳунар буданд. Донишҷӯён бо гузашти айём пас аз шиносоӣ ба кори таълиму тарбия дар омӯзишгоҳ ва устодони ғамхору меҳрубони он ба хулосае меомаданд, ки даргоҳи илму маърифат аз донишгоҳҳои олӣ мондание надорад ва муаллимону мураббиён аз ҷиҳати дониши касбӣ, ҷаҳонбинӣ, фарҳангу маърифат ва таҷрибаи назарию амалӣ бе шакку шубҳа, аз докторҳою профессорони номӣ кам набуданд. Онҳо на танҳо дар инкишофи илму маърифат, таълиму тарбия ва усулҳои нав ба нави омӯзгорӣ саҳми зиёде доштанд, балки бо одобу ахлоқи ҳамида ва хислатҳои наҷиби инсонӣ ба дилу дидаҳо ҷой гирифта, ба фазилату истеъдоди ҷавонон илҳому нуру қувват мебахшиданд. Ба хусус устодони хирадманд дар донишу таҷриба нотакрору беҳамто буданд.

Агар мо имрӯз ному насаби покизаю симои дурахшони онҳоро вирди забон карда, хидматҳои шоистаашонро пеши назар оварда, ҳар қадар аз корнамоиҳояшон сухан гӯем, кам аст.

Директори омӯзишгоҳ Юнус Юсуфӣ марди миёнсолу миёнқади газгӯшт, забондони моҳир буд. Се забон - тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русиро ба дараҷаи олӣ медонист. Илова бар ин, нотиқи бурро буд. Мунозираву мубоҳисаро дӯст медошт. Азбаски дар дастгоҳи идора аз мусоҳиб то дафтари хоҷагии коргузорӣ мутахассисони рус ифои вазифа мекарданд, эшон ҳамроҳи онҳо ба забони софи русӣ ҳарф мезад, ба санъати забондониву суханронии ӯ қоил мешудем. Юсуфӣ на танҳо роҳбари ташкилотчию моҳир, балки донишманд, нававар ва сиёсатмадор буд. Дастоварду комёбиҳои илму маърифати устодону шогирдонро дар интизоми қатъӣ медид. Дӯстию бародарӣ, ростию адолат ва

одоби ҳамидаи байни муаллимону донишҷӯёнро доимо талқин мекард. Ғамхорию меҳрубонӣ ва кӯмаку дастгирии хонандагонро вазифаи асосии хеш медонист. Сахтгир ҳам буд, дар караму навозиш низ саховати баланд дошт.

Мудири қисми таълимии омӯзишгоҳ Рофеъ Орифӣ адабиётшинос буд. Рафтору кирдор ва гуфтораш шоирона, орифонаву олимона. ҳатто гашту нишасташ намунаи ибрат буд. Либосро тозаву озода мепӯшид, ки шогирдон чунин тарзи либоспӯширо орзу мекарданд. Дарсҳои ӯ шавқовар мегузаштанд. Бо як тарзи хосе сухан мегуфт. Калима, ибора ва ҷумлаҳоро чида – чида возеҳу равшан ифода мекард. Ӯ таҷрибаи бойи омӯзгорӣ ва зиндагии ибратангезе дошт. Устод Орифӣ ҳамчун донишманди илму маърифати замон, зиёии нуктасанҷ нозукиҳои фанни забон ва адабиётро ба дараҷаи баландаш медонист. Эшон шахсе буд, ки тамоми ҳаёти бошууронаашро ба инкишофи соҳаи маориф бахшидааст. Панду ҳикмати бузургони миллатро ҳамеша мадди назар дошт ва мегуфт:

*Гар таваккал мекунӣ, дар кор кун,*
*Касб кун, пас такя бар ҷаббор кун.*

Азимхон Солеҳов аз фанни забон дарс медод. Қиёфааш ҷиддӣ, ҳангоми сӯҳбат хеле хушгуфтор, ғамхору меҳрубон ва сӯҳбатоcode буд. Дарсҳояш пурмазмун мегузаштанд. Ибораҳои рехта ва матнҳои классикиро барои омӯхтани донишҷӯён ҳамеша пешниҳод менамуд. Донишҷӯи қобилу боистеъдод ва бечораи боинтизомро бисёр дӯст медошт. Махсусан, ба ман ғамхорию меҳрубонии падарона ва устодона зоҳир мекард. Дар байни ҳайати муаллимон ягона шахсе буд, ки сигор мекашид. Аз кашидану кайфияти он лаззат мебурд. Тамокуи «Беломор канал» ва бӯйи хуши онро аз ҳамаи сигорҳои дигар боло медонист. Интизоми қатъӣ, дониши амиқу мукаммал ва таҷрибаи пешқадамро асоси пешравӣ меҳисобид. Дар натиҷаи меҳнати пурсамар ва хизматҳои шоиста сазовори ҳурмату эҳтироми мардум гардида, дар тарбияи ҳазорҳо ҷавонони соҳибкасб саҳми арзандаи хешро гузоштааст. Ӯ ҳамчун донандаи шеъри бисёр маҳорати суханварӣ ва забондониро дар дили хонандагон мепарварид. Доимо таълим медод:

*Ҳар касе, ки дониш фаромӯш кунад,*

*Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.*

Наберахӯҷа Валихӯҷаев устоди бузургвори устодони омӯзишгоҳ, математики машҳур, падари академики Академияи улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ботур Валихӯҷаев, донишманди илмҳои дақиқ ва таҷрибакор. Ҳамон солҳо синну соли муборакি эшон тақрибан ба 80 мерасид. Аз чеҳрааш нури зиё меборид. Мисолу масъалаҳо ва формулаҳои математикӣ, геометрию алгебравиро азёд медонист, ки донишҷӯён суханони пурмӯҳтаво ва осонфаҳми ӯро зуд аз бар мекарданд. Устод хислатҳои аҷибе дошт. Аз каме бетартибии шогирдон зуд меранҷид. ҳамоно ғазабаш омада, синфхонаро тарк мекарду ба саҳни ҳавлии таълимгоҳ мебаромад. Пас аз дақиқаҳои тӯлонӣ сардори синф бо сад узру тавба ва бахшишҳо аз номи хонандагон, устодро ба дарс меовард. Хидматҳои устод Валихӯҷаев дар инкишофи илму маърифат, таълиму тарбияи ҷавонон ва умуман пешравии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бениҳоят бузург аст. Вай ҳамчун омӯзгори соҳибмаҳорат ва пуртаҷриба асоси дастовардҳои илму таълимро аз амали воқеӣ медонист. Бинобар ин шогирдонро даъват менамуд, ки дониши назарияшонро дар амал татбиқ созанд ва ҳамеша ба суханони бузургон такя карда мегуфт: *Бузургтарин устод таҷриба аст.*

Дар қатори чунин мӯътабарон даҳҳо муаллимони дигаре дарс мегуфтанд, ки дастпарварони омӯзишгоҳ ҳанӯз ҳам кори неку хизматҳои шоистаи онҳоро фаромӯш намекунанд. Он азизон Ҳ. Ҳодизода, Бозорбоев (ҷуғрофшинос), Ҳоҷиев (муаррих), Эгамбердиев (забоншинос), Раҳимова (педагог), Ҳамперова (адабиётшинос), Муллоқандов (физик), Қурбонов (биолог), Наимов (адабиётшинос), Иброҳимов (муаррих), Мӯҳтарамов (ҷуғрофидон), Ҳомидов (рассом ва санъатшинос) ва чанде дигарон буданд.

Дар оғӯши сарпарастии ҳамин устодони ғамхору меҳрубон, донишманду кордон, нотиқу суханвар ва ниҳоят тавонои эҷодкор, як гурӯҳ ҷавонон баъди хатми мактаби ҳафтсола дарси таълиму адаб мегирифтанд.

Баҳром Бобоев ном ҷавоне аз деҳаи Устуки ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанд шарикдарси мо буд. Ӯ дар байни ҳамдиёрон аз ҳама хурд, вале серғайрат, чолоку зирак, ҳамеша бо як табассуми шинам сухан мегуфт. Чашмони сиёҳи уқобиаш,

абрувони ғафси пайвастааш чеҳраю симои вайро боз ҳам дурахшону зеботар мегардонд. Китобхониро хеле дӯст медошт. Ба омӯхтани касбу ҳунар миён баст. Махсусан шавқи аз худ карданӣ мероси гузаштагон, шоирону нависандагони муосир ва адабиёти классикони ҷаҳон дар дилу дидааш ҷой дошт. Баҳроми ҷавон хислатҳои наҷибе дошт: дар нишасту сӯҳбатҳо беқарор менишаст, беҳуда гузаронидани вақтро нағз намедид. Он орзуву ҳавасе, ки дар айёми бачагиаш нисбат ба эҷодиёти нависандагони машҳур ва фарҳангу маориф дошт, аз устодони донишманд, ба хусус муаллимони ғамхору меҳрубон Ҳамперова ва Наимов баҳраманд шуд. Ба хондани китобҳои бадеӣ чунон меҳр баст, ки шабҳоро рӯз мекард. Дар як шабонарӯз як асари калонҳаҷмро мехонд. Дар омӯзишгоҳ Баҳроми ҷавонро ҳамчун эҷодкор, донишмандро аз донишҷӯён то устодон шинохтанд. Дар даврони бачагиаш, ҳарчанд ки шеърхонию шеъргӯӣ мекард ва худаш ҳам шеър менавишт, вале дар нашриёҳои шаҳру вилоят эҷодашро ба нашр намедод.

Солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳ синну солаш нав ба 14-15 расида буд, ҳанӯз идораи рӯзномаҳову маҷаллаҳо ва нашриёҳо барояш ношинос буд, бо адибону Самарқанд ҳамкорӣ надошт. Мо як гурӯҳ ҳамдиёрон Ҷ. Содиқов, И. Файзиев, Ю. Самадов, Б. Ҳайдаров, Р. Давлатов, Ҳ. Шарифов, Ҳ. Қодиров бо ҳам чун додару бародар меҳру муҳаббати бепоён, сидқу вафо доштем. Азбаски Баҳром дар байни мо аз ҳама хурд буд, ӯро бештар дӯст медоштем. Дар назди мо эрка ҳам буд, чунки мисли фарзандони як оила будем. Солҳои 50-уми қарни бист эътиқоду эҳтиром нисбати устодону донишҷӯён дар сатҳи баланд буд.

Ёд дорам, ки соли 1953 донишҷӯёни курси моро ба Кумитаи комсомоли шаҳри Самарқанд даъват намуданд. Мехостанд ҷавонони пешқадамро ба сафи комсомол қабул кунанд. Баҳром, ки ҳамеша дар ҳама кор пешқадам буд, дар хондану корҳои ҷамоатӣ ва дар рӯйихати китоби синф низ дар қатори аввал меистод, дар сафи аввалинҳо ба сафи комсомол қабул гардид. Он рӯз хурсандиаш ҳадду каноре надошт. Интизому лутфу меҳрубониаш, инсонпарварию ватандӯстиаш ва имони қатъиаш аз ҳамин ҷо сарчашма гирифта, дар сӯҳбати намояндагони бонуфузи ҷомиа барои ҳаёти дурахшони мардум ва гулгулшукуфии кишвар ваъдаи ҷавонмардона дода буд, ки то ба охир ба он содиқ монд. Он рӯзҳо бо ҳам будем. Ҳамроҳ ба дарс мерафтем.

Истироҳатро низ якҷоя мегузаронидем. Рӯзҳои шанбе ва якшанбе аз тамошои саҳнаҳои театр бебаҳра намемондем. Ҳарчанд ки ҳунарпешагони номии онвақтаи Самарқанд Ғафурҷон ва Ойиша нақшҳоро ба забони ӯзбекӣ иҷро мекарданд, мо тоҷикбачаҳо забони ӯзбекиро надонем ҳам, санъати баланди ҳунармандии онҳо завқу ҳаваси моро дучанд мегардонд. Гӯянда ва наттоқи беҳамто, журналист ва Арбоби фарҳанги Тоҷикистон Субҳон Раҳматов ва завҷаи эшон Музаффара Рустамова ҳамчун дастпарвари омӯзишгоҳ нақшҳои асосии намоишномаҳои «Нурхон», «Олтинкул» ва драмаи мусиқии «Алишер Навоӣ»-ро ба дараҷаи баланди ҳунари касбӣ иҷро мекарданд, ки дар ин саҳми муаллими расм ва санъатшиносӣ Ҳомидов хеле назаррас буд. Баҳроми ҷавони адабиётдӯст, азбаски ҷаҳонбинии васеъ дошт, нозукиҳои санъати театрро хеле хуб медонист, ба ҳунари волои онҳо баҳои баланд медод ва худаш ҳам ғизои маънавӣ мегирифт, ҳатто баъзе ибора, ифода ва ҷумлаҳои таъсирбахши саҳнаҳоро аз бар мекард. Баҳром достонҳои шоирони ӯзбекро дар айёми бачагиаш аз ёд мегуфт. Истеъдоди табиӣ ва донишу санъати китобхонии Баҳромро пеш аз ҳама устод Наимов пай бурд ва аз ҳунари китобхонии ӯ бештар истифода мебурд, чунки чашмонаш камқуввату хира шуда буданд. Баҳроми хайрхоҳу саховатманд ба устоди азизу дӯстдоштааш ҳамчун рамзи ҳурмату эҳтиром китобҳои бадеиро мехонд. Дар муддати кӯтоҳ ҳамаи асарҳои шоирону нависандагони тоҷикро аз мероси ниёгон то замони нав, хонда ба охир расонд. Бо дастуру дастгирии устодони адабиётшинос Баҳром ба хондани асарҳои нависандагони машҳури ҷаҳон Толстой, Шекспир, Балзак, Байрон, Гёте, Такур, Бердӣ Карбобоев, Мухтор Авезов, Абдулло Қодирӣ ва чанде дигарон рӯ оварда, мутолиа кард ва аз онҳо як ҷаҳон маънӣ бардошт. Тамоми дилу дидаашро ба мутолиаю омӯхтани асарҳои безаволи нависандагону шоирони барҷастаи давру замон бахшид, ба онҳо ишқ баст ва аз дигар машғулиятҳо муваққатан даст кашид. Рӯзе ба маъмурияти омӯзишгоҳ бо аризае муроҷиат кард. Роҳбарият розигӣ надода бошад ҳам, таҳсилро муваққатан тарк кард ва дигар ба дарсҳо наомад. Дар назди худ вазифа гузошта буд, ки тамоми асарҳоро хонда, дониши маърифатию фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии сиёсиашро баланд бардорад. ҳамин тавр ҳам шуд. Ба мақсади асосиаш расид, ки, дар фаъолияти оянда ва ҳаёти

рӯзмарра кор омад. Пас аз як соли расо падари бузургвораш, яке аз маорифпарварон, мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанд ӯро барои идомаи таҳсилаш ба омӯзишгоҳ овард. Раҳбарият қобилияту истеъдоди Баҳроми ҷавонро ба назар гирифта, иҷозат дод.

Баҳром дар як муддати кӯтоҳ ба дигарон расида гирифт. Боз пешқадам буд. Дар дарсҳо мустақилона ва далерона сухан мегуфт. Бо муаллимон дар дарсҳои адабиёт, забон, санъату таърих баҳс мекард. Дар маҳфилҳои адабию бадеӣ, ҷамъомадҳои базму байтбаракҳо нисбат ба дигарон фаъол буд.

Ҳамин тавр, соли 1957 омӯзишгоҳро бо муваффақият хатм карда, барои таҳсили минбаъда ба Хуҷанд роҳхат гирифт. Ман роҳи Душанберо пеш гирифтам. Дипломи аъло насибам гардид. Бинобар ин дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон маро бе имтиҳон (ба тариқи сӯҳбат) қабул карданд.

Баҳром Фирӯз пас аз як соли омӯзгорӣ ба Донишкадаи давлатии педагогии Хуҷанд дохил шуда, онро соли 1962 ба охир расонд. Устодон қобилияту истеъдоди ӯро ба назар гирифта, тавсия карданд, ки дар кафедраи адабиёти донишкада ба кор оғоз намояд. Акнун вай ҳамчун устод ба омӯзиши дониши амиқи адабиётшиносӣ камар баст. Илму маърифати назарии хешро дар таҷрибаи омӯзгорӣ ва эҷодиаш самаранок истифода бурд. Дар муддати кӯтоҳи фаъолият дар кафедраи адабиёт ба каломи бадеъ дил баста, бо шоҳасарҳои нависандагони машҳури ҷаҳон шинос шуд. Дар Хуҷанди бостонӣ бо арбобони илму санъат, адибону нависандагони баркамол, ба вижа, нависандаи маъруфу барҷастаи тоҷик Раҳим Ҷалил ҳамкорӣ кард. Маслиҳати онҳоро гирифта, шеърҳои нахустинашро эҷод мекард:

*Наёбад мурод он ки ҷӯянда нест,*
*Ки ҷӯяндагӣ айни ёбандагист.*

Баҳром Фирӯз ҷӯяндаву ёбанда буд, ҳамеша дар ҷустуҷӯ буд. Осори тозаву нав меофарид. Забони асарҳояш тоза, мантиқаш баланд, қаҳрамони қиссаву ҳикояҳояш бофтаи хаёлӣ набуда, балки одамони ҳақиқии некному некбин мебошанд. Ӯ ишқу муҳаббати софу беғубор дошт ва ҳамин гуна ишқро тараннум мекард. Меҳру муҳаббат ба оила, зиндагӣ ва халқу ватан ба вай болу пар бахшид. Солҳои шастум ба духтари зебота-

рини Хуҷанд ошиқи шайдо шуд. Ҳар ду ба ҳамдигар дил бастанд. Аммо падару модар ва хешовандони духтар ба аҳду паймони онҳо монеа шуданд. Намехостанд ва намемонданд, ки ин ду ҷавони дилбар ба висоли ҳамдигар расанд. Солу моҳҳо гузаштанд. Ба кӯча баромадани духтарро манъ карданд. Баҳроми ҷавон як муддат мисли Маҷнун мушаввашу хотирпарешон гашт. Яке аз рӯзҳои баҳор мошини боркашро дарёфт ва ба он гулҳои беҳтарини тару тозаеро бор карда, ба ҳавлии маҳбубааш равон шуд. Аз остонаи дари ҳавлии кӯчаи тангу тор то хиёбони асосии мошингарди шаҳр як мошин гулро ҳамчун пояндоз пошида баромад. Ба воситаи нависандаи маҳбуби халқи тоҷик Раҳим Ҷалил ин ду ҷавони хушбахт ба висоли ҳамдигар расиданд. Хушбахт шуданд, фарзандони нозанин-Искандар, Парвона, Марворид, Ифтихорро ба камол расонданд. Ҳамсари меҳрубони Баҳром Фирӯз - Саиднисо Бобоева касби пуршарафи омӯзгориро пешаи худ кард ва то имрӯз яке аз устодони пешқадами Тоҷикистон мебошад.

Бо мурури замон ва амри тақдир адиби ҷавон ба Душанбе омад. Дар ин ҷо муддате дар рӯзномаву маҷаллаҳо, радиову телевизиони Тоҷикистон кор кард, сипас фаъолияташро дар нашриёти «Маориф» ва «Адиб» давом дод. Дар ин муддат таҳти роҳбарию назорати шоирону нависандагони маҳбуби Тоҷикистон, аз қабили Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, адабиётшиноси маъруф Муҳаммадҷон Шакурӣ ва чанде дигарон асарҳои зиёди назму наср офарид. Баҳром Фирӯз аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузошт. Ҳарчанд асарҳои ӯ «Рухсора», «Тафти дил», «Розҳои маҳтобшаб», «Ту танҳо не», «Тору пуд», «Агар вай мард мебуд», «Ҳақиқати талх», «Ғафлатзадагон», «Як рӯз не як рӯз», «Муаллими сахтгир» ва ғайра борҳо чоп шудаанд, аммо дӯстдорони адабиёт ҳанӯз ташнаи мутолиаи онҳо мебошанд. Ман ҳамчун як хонандаи қаторӣ, дӯсти деринаи ӯ, шарикдарси солҳои панҷоҳум дар Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикии шаҳри Самарқанд аз хондани ҳикояву қиссаҳои вай лаззат мебарам, зеро образҳо, қаҳрамонҳои асарҳо аз ҳаёти воқеӣ гирифта шудаанд. Илова бар ин, Баҳром Фирӯз забони асили тоҷикиро хуб медонист, адабиёту забоншинос, донишманди замон буд, орифона сухан мегуфту олимона менавишт. Аз айёми бачагиаш шеър менавишт, баъдтар ба

навиштани қиссаву ҳикояҳо шурӯъ кард, ки сабаби онро чунин шарҳ дод: **«Шеър – эҳсос аст, шеър панд, ҳақиқат аст. Аммо наср зиндагист, ба зиндагӣ наздиктар аст. Агар хоҳед, ки симои одамони даврони моро тасвир кунеду ба авлодони оянда расонед, бояд ки наср нависед. Масалан, ҳазор сол пеш дар замони Сомониён насри реалистии имрӯза агар менавиштанд, мо имрӯз ҳаёту зиндагии тоҷикони асри Х-ро аз рӯйи онҳо равшан тасаввур карда метавонистем. Тасвири зиндагӣ дар наср комилтар аст, бинобар ин, ман хостам, ки ҳаёту зиндагии давронамонро аниқтар тасвир кунам».**

Аз омадани Баҳром Фирӯз ба Душанбе мо як гурӯҳ дӯстони ӯ бениҳоят хурсанд шудем. Боз ҳамон дӯстии давраи бачагию ҷавониро, ки дер боз интизору ташнааш будем, боз ҳам ғамхорию меҳрубониро идома додем...

Нашриёти «Маориф» ба муносибати 60-умин солгарди таъсиси Иттиҳоди шӯравӣ супориш гирифт, ки бо номи «Дар соҳили мурод» китоберо ба чоп тайёр намояд. Ба ин муносибат дар қатори адибони ҷумҳуриҳои дигар, ҳикояҳои ду нависандаи ӯзбек Саъдулло Шукур ва Назир ба номи «Духтаракони якрав», «Паррандаи саховатманд» дар ин китоб нашр гардиданд, ки тарҷумаи онҳоро бо пешниҳоди Баҳром Фирӯз ба банда супорида буданд. Очерки ҳуҷҷатии шоири маҳбуб Алӣ Бобоҷон дар бораи корнамоиҳои Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Неъмат Қарабоев ва завҷаи ӯ гурҷидухтар, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ паҳлӯ ба паҳлӯ бар зидди фашистон меҷангиданд, дар нашриёти мазкур бо кӯмаку дастгирии Баҳром Фирӯз рӯйи чопро дид.

Баҳром Фирӯз табиатро дӯст медошт, аз обу ҳавои тозаи баҳорон лаззат мебурд. Дар оғози фасли арӯси сол – баҳори барвақт, ба ман занг зада мегуфт, ки «Расулҷон чӣ мешавад, агар ба оғӯши табиат бароему барои самбӯсаҳои алафин қоқую пудина чинем. Агар розӣ бошед, фарзандонамонро ҳам ҳамроҳ гирифта мебарем». Мо ҳам ба лутфи дӯсти меҳрубон чун ҳамешагӣ «Аз дӯст як ишора аз мо ба сар давидан» гӯён интизор мешудем. Дар талу теппаҳои водии Ҳисор сайругашт мекардем, майдонҳои киштро аз қаду бараш мегузаштем, қад-қади дарёҳои Варзобу Кофарниҳон ба гузашти айём назар меафкандем. Ҳамин тавр, ҳар баҳори сол бо тӯҳфаҳои табиати рангин ва садҳо орзуи ширини хеш ба хона бармегаштем, ки ба диламон

қувват, ба чашмонамон нур ва ба касбу корамон илҳом мебахшиданд. Баҳром рӯзҳои шанбею якшанбе бо парвариши замбӯри асал машғул мешуд. Ӯ бар замми корҳои идораи давлатӣ, нависандагӣ, журналистӣ, олимӣ, омӯзгорӣ боз касбу пешаро, аз қабили кишоварзӣ, асалпарварӣ, табибӣ, ҳатто таъмири техникаро нағз медонист. Дар пухту паз ҳам ҳамто надошт. Маҳфилоро буд, ки аз сӯҳбати ширинаш ҳеч сер намешудем. Ростқавл, ростгӯй, якдилу якрӯ буд. Дар тӯю сури хешу табор ва дӯстон садри маҳфил буд. Бо олимони варзида, докторҳои илми филология Баҳром Шермуҳаммадов, Додоҷон Обидов, Абдусаттор Нуралиев, Маҳмудҷон Нурназаров, номзадҳои илм Раҳматҷон Давлатов, Абӯбакр Зуҳуриддинов, Ҳамроқул Шодиқулов, Пайванди Гулмуродзода, Абдурафиқ Фузайлов, Неъматҷон Қудратов дӯстӣ дошт. Бештарин нишастҳои анъанавии мо дар ҳавлии Пайванди Гулмуродзода мегузашт. Дар ҳар чунин ҷамъомадҳои дилнишин хурсандии ҳар ду Баҳром (ёдашон ба хайр) ҳадду канор надошт, ки ба диламон мондааст.

Мо-дӯстону ҳамдиёрон эҳтирому хотираи абадзиндаи Баҳромро бо самимияти баланд пос дошта, суханони шогирди содиқу вафодораш Пайванди Гулмуродзодаро такрор бошад ҳам, рӯйи қоғаз меоварам: «*Баҳром Фирӯз бо дили пур аз орзуву бо мақсадҳои аҷибу наҷиб умр ба сар мебурд, вале марги нобаҳангом нагузошт, ки он орзую умед ва мақсадҳояшро амалӣ созад... Боиси тасалливу шодмонист, ки аз шоири ширинхаёлу адиби нуктапардоз ёд монда, шеър монда, ҳикояту қисса монда, андешаву мулоҳиза монда. Дар тирамоҳи умраш барои ҳамдиёрону ҳамзамонон ваояндагон номи нек монда*».

октябри с. 2008

*МИРЗО ШУКУРЗОДА*
*адиб ва муҳаққиқ,*
*барандаи Ҷоизаи адабии*
*устод Айнӣ*

## АДИБИ ХУШНОМ ВА ХУШМАЗҲАР

Ба ном ва эҷодиёти зиндаёд Баҳром Фирӯз ҳанӯз айёми таҳсил дар мактаби миёна ошно будам. Дар ибтидо шеър менавишт ва мо, шогирдони дабистон ашъори ошиқонаи эшонро аз саҳифаҳои рӯзномаву моҳномаҳо хонда, ба дафтари дил менавиштем. Баъдан гулчине аз эҷодиёти адиб бо номи «Розҳои маҳтобшаб» аз силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт» ба нашр расид, ки мамлув аз чакомаҳои ошиқона буд.

Саодати ошноӣ аз наздик ба устод Баҳром Фирӯз ҳамон вақт пеш омад, ки банда соли 1973 корманди бахши адабӣ ва ҳунарии садо ва симои Тоҷикистон будам. Ин бахшро он айём бонуи адабдӯст Иноят Рустамова сарварӣ мекард ва дар барномаҳои адабии мо шоирону нависандагони ҳамсинну сол бо Баҳром Фирӯз, амсоли устодон Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ, Бурҳон Ғанӣ, Мастон Шералӣ, ки ҳама акнун чеҳра дар ниқоби хок кашидаанд, зуд-зуд бо қироати шеър ё порчаҳои мансур ширкат мекарданд. Дар ин миён Баҳром Фирӯз чеҳраи дурахшон ва муаллифи фаъоли идораи мо маҳсуб мешуд. Эҷодиёти Баҳром Фирӯз бо тадриҷ ба шукуфоӣ рӯ овард. Ман ҳанӯз сюжети қиссаҳои марғуби ӯ «Рухсора», «Агар ӯ мард мебуд» ва чандин ҳикояҳои адибро дар ёд дорам. Хабари тарҷумаи намунаҳо аз осори нависанда ба забонҳои олмониву ҷопонӣ ва англисӣ моро ба ваҷд меовард. Дар солҳои ҳафтодуму ҳаштодуми садаи гузашта чунин рӯйдоде басо нодир буд.

Баҳром Фирӯз симои сирф тоҷиконаву нуронӣ ва ботини зебо ҳам дошт. Маро бо гузашти айём саодати ҳамкорӣ бо эшон дар интишороти «Адиб» пеш омад. Ӯ мудир шӯъбаи адабиёти бадеӣ ва мо чанд тан дар ҳамин бахш вазифаи муҳарририро ба ӯҳда доштем, ки ин ба охирҳои солҳои ҳаштодум рост меомад.

Рӯзҳои аввал бим аз он доштам, ки ӯ ҳам мисли аксар мудирони корфармо ба хислатҳои хурдагириву бюрократӣ ба аса-

би мо, ходимон бозӣ хоҳад кард. Хушбахтона, ин гумони ман комилан ботил баромад: Баҳром-ако дар кори эҷодӣ ва таҳрири китоб мо, ходимонашро комилан озод гузошт. Ба масоиле, чун кам омадан ба кор ё зуд рафтан ва дигар корҳои хурду реза аслан таваҷҷӯҳ надошт ва одамияту одоби мудир моро ба ҳисси масъулиятшиносӣ ва эҳтиром ба эшон вомедошт.

Баҳром Фирӯз ошиқи табиат ва мафтуни зебоиҳои он буд. Аммо сайру саёҳати ӯ ба канори дарёчаву ҷангалу боғу роғ бо барномарезии хос сурат мегирифт. Яъне чун адиб ва роздони асрори табиат аз ҷилои сабзаву гул ва таровиши обшорону чашмасорон маъниҳо дарёфт мекард ва ин рангорангиҳои чаману боғу адирҳоро дар осори хеш ба устодии тамом истифода мекард. Ҷолиб он аст, ки адиби олиназар дар оғӯши табиат рӯзҳои фориғ аз кор машғули пешаи занбӯри асалпарварӣ буд. Бо назардошти ин шуғли пок ва шоирона боре ба эшон шӯхиомез гуфтам:

*Занбӯри дурушти бемурувватро гӯй,*
*Боре чу асал намедиҳӣ, неш мазан!*

Бо шунидани ин байт чеҳраи нуронияш дучандон шукуфт ва барқи чашмонаш бештар дурахшид. Мисраъҳоро дар кандуи дил ҷо кард, ба дафтарчааш навишт ва шӯхиомез гуфт:
—Мирзоҷон, Шумо, ойтӣ Сироҷова ва Тӯхфахон Расулиро ягон рӯз ҳатман ба сайргоҳи занбӯрҳоям мебарам, бо асали ноб зиёфат мекунам ва худатон мебинед, ки занбӯрҳои мо  нешзан не. Бо мурувват ва асалрезанд занбӯрҳои акотон.

— Мисли худатон, — ҳозирҷавобӣ кард Тӯҳфахон.

Мо, ходимони шӯъба чанде баъд дар тӯйи арӯсии фарзандони устод ширкат варзидем. Дар баробари дигар нозу неъматҳои дастурхони ғании Баҳро-ако асалҳои маҳсули дасти устодро нӯши ҷон кардем. Лаззати он асалҳо чун маъниҳои баланди осори адабии Баҳром Фирӯзи сухангустар аз ёди мо ва ҳазорҳо тан хонандагони осори он фарзанди сарафрози Самарқанди шӯҳраи даҳр нарафтааст ва нахоҳад рафт.

Хонаи охирати устод обод бод!

августи с. 2009

*САЙЁДИ ҒАФФОР*
**шоир**

## ЧЕҲРАИ ҲАМЕША ШОДОБ

Рӯзгоре, ки мо мактабхон будем, бисёр нозанин буд. Мардум осуда мезист, аз кораш роҳат медид. Мо аз хушиҳои рӯзгор ҳамеша бархурдор будем. Дар лаҳзаҳои фароғат бештар китоб мехондем. Ман ошиқи шеър будам. Боре ба дастам китоби шеъре афтид бо номи «Розҳои маҳтобшаб». Соҳиби ин китоби нағз устод Баҳром Фирӯз буд. Пас аз ин ошноӣ бобату таронаҳои дилнишин асарҳои насрии устод ба дастам расиданд. Ёдам ҳаст, ки китоби «Рухсора» дар деҳи мо рӯйи даст мегашт. Ин китобро сахт дӯст дошта буданд. Дар мактабу кӯчаву хонаву чойхона сӯҳбат аз Рухсора мерафт. Рухсораи устод ҳамрози ошиқон буд…

Соле, ки донишҷӯ шудам, китоби нави қиссаву ҳикояҳои ин нависадаи арҷманд бо номи «Ту танҳо не» рӯйи чоп омад. Ин асар низ хонандаи бисёр пайдо кард.

Соли сеюми донишҷӯӣ бо устоди гиромӣ вохӯрдам. Дар Иттифоқи нависандагон курс- конференсия адибони ҷавон баргузор гардид. Дар бахши шеър устод ҳамроҳи шоири ҷавони он айём Камол Насрулло маслиҳатгари мо буданд. Устод аз кори қалам, аз рисолати қаламкаш сӯҳбати ширин орост. Чеҳраи хандони хотирмон дошт…

Пас аз ин ошноӣ борҳо аз сӯҳбати устод баҳравар гаштам. Ӯ дар нашриёти «Адиб» кор мекар. Роҳи ман аз назди коргоҳи ӯ мегузашт. Маро дида, хурсанд мешуд, насиҳат мекард, маслиҳат медод. Чеҳрааш ҳамеша хандон буд. Он чеҳраи ҳамеша хандон дар хотири ман ҳанӯз шодоб аст.

Солҳо рафтанд. Ин устоди азиз ҳам аз миёни мо рафт. Бо мо китобҳои рангинаш монду хотираҳои ширинаш.

Акнун ин китобе, ки аз устод рӯйи даст дорем,* бе дасти ӯ ба чоп омода шуд. Агар худаш мебуд, шояд ҷое аз нав қалам мезад, андешаҳояшро обуранги дигар медод. Афсӯс, ки рафтааст.

Ҳикояҳои устод пора-пора сарнавишти инсонҳоро бозгӯ мекунанд. Як пора аз қаҳрамонашро бисёр таъсирбахш, зебо, табиӣ тасвир месозад. Ҳамин як пора дар сарнавишти каҳрамонаш аз оғоз то анҷом нақши нозудуданӣ дорад. Барои мисол, сарнавишти Саломея. Ин духтарак аз Олмон бо дӯстонаш Маскав меояд. Устод ҳам дар ин шаҳр меҳмони ҳамватани хеш аст. Дар ин меҳмонӣ бо Саломея шинос мешавад. Чун бо ӯ мерақсад, аз рақсу мавзуну маҳини бону дар ҳайрат мемонад. Ҳеч бовараш намеояд, ки кас бе ягон пайвастагӣ чунин тоҷикона бирақсад: дилнишини роҳатбахш. Ниҳоят ин розро аз дили нозуки он зебосанам берун меоварад. Падари Саломея тоҷик будааст. Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ Олмонро ватан карда, хонадору бачадор шуда, дар ҳамон ҷо то поёни умр зистааст. Дар он ғарибӣ аз дарду доғи ҳасрати Ватан дили ҳамеша хуншор доштааст. Духтари нозанинашро Саломат ном ниҳодааст. Ӯро ба олмонӣ Саломея мегуфтаанд. Фарзанд ҳама дарду доғи падари азизашро дар дил дорад, меҳри Ватани падариро дар сина мепарварад, диданашро орзу мекунад…

Шод бод рӯҳи устоди меҳрубон!

июни с. 2009

* *Маҷмӯаи «Хотираи як муҳаббат» дар назар аст, ки бо ҳиммати Латофатбону ва бо сарсухани меҳрбори муҳаррири он, шоир Ғаффори Сайёд рӯйи чоп омада*- шарҳи мураттиб

***ТӮҲФА РАСУЛӢ***
***собиқ муҳаррири нашриёти «Адиб»,***
***узви Иттиҳоди рӯзноманигорони***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ЁДИ НЕК

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист*
*В-аз ақибаш зикри хайр, зинда кунад номро*

Гӯё дирӯзакак буд, шодравон мудири шӯъбаи адабиёти бадеии нашриёти «Ирфон» нависандаи маҳбуби халқ Ҷумъа Одинаев маро ба наздашон хонда, бо як ҷавонмарди қошу абрӯсиёҳи чеҳракушод шинос намуда гуфтанд, ки ин кас шоир, нависандаи хушзавқу хушсалиқа Баҳром Фирӯз ва дастнависи достони «Рухсора»-ро ба ман дода, илова намуданд, ки ин китобашонро бояд чоп кунем, шумо ба он муҳаррир. Ман якбора сурх шуда, сар хам намуда, дасту по хӯрдам. Ҳам шиносоӣ ва ҳам масъулияти тасодуфӣ маро ба ҳаяҷон овард. Як лаҳза хомӯш мондам. Хомӯширо Баҳром Фирӯз шикастанд:

— Ҳеҷ гап не, Тӯҳфахон, ба муҳарририи шумо ман шубҳа надорам, ба шумо бовар мекунам, не нагӯед, - гуфтанд...

Ғоибона аз рӯи ҳикояву очерк ва шеърҳои ҷаззоби Баҳром Фирӯз ба воситаи радиою телевизион ва рӯзномаю маҷаллаҳо мешинохтам. Ва орзу доштам аз наздик бо ин марди хирад шинос шавам. Ман гумон доштам, ки Баҳром Фирӯз як марди солдидаи мӯйсафед ва хеле ботаҷрибае ҳаст, ки навиштаҷоташ пухтаю бо далелҳо силсилабандӣ шудаанд. Дидам, ки марди хеле ҷавони боқувввати мӯйсиёҳ, аммо соҳиби таҷрибаву пухтакор. Дар рафти ҳамкорӣ бо ин марди закию зиндадил ба ин бори дигар бовар ҳосил намудам.

Хотираҳои нек дар бораи ин марди закӣ чун лентаи кино аз пеши назарам мегузаранд. Мехоҳам ин ҷо рӯзҳои охирини дидорбиниямонро баён созам...

Ман дар шӯъбаи адабиёти бадеии нашриёти «Адиб» муҳаррир будаму Баҳром Фирӯзро ба ин шӯъба мудир таъин намуданд. Нашриёти адабии навтаъсиси «Адиб»-ро дар ошё-

наи якуми бинои ҳозираи факултаи филологияи Донишгоҳи педагогии ба номи Қандил Ҷӯраев* ҷой дода буданд. Ҳуҷраҳои корӣ кам, зеро ба ғайр аз нашриёти мо дар ин бино дигар ташкилотҳо низ ҷой гирифта буданд. Бинобар ин, дар як ҳуҷра муҳаррирҳои шӯъба ҳамроҳи мудир менишстанд.

Ҳамроҳи мудир муҳаррирон Сироҷова, Ваҳҳоб Одина, муҳаррири хурд Раъно Атоева ва банда менишастем. Ҳар пагоҳӣ, чун одат баъди салому алейк ба баррасии воқеаю навигариҳои ҳаёти худу ҷомиа мепардохтем, ки аввал Баҳром, сипас ҳар яки мо ибрози андеша мекардем. Ҳангоми кор ҳама хомӯш аз пайи машғулияти ҳаррӯзаамон мешудем. Мавзӯи сӯҳбати субҳонаамон бе ягон нақшаи пешакӣ худ аз худ ҷараён мегирифт. Масалан, яке аз сӯҳбатҳоямон оид ба доруворӣ ва табобати бемориҳои гуногун маҷро гирифт. Ва Баҳром дар бораи бемориашон ва оғози машғулияти парвариши занбӯри асал чунон бо шавқ ҳикоя намуданд, ки гумон доштем, дар назди Баҳроми шоир ё нависанда не, балки як асалпарвари пуртаҷриба нишаста. Аз муомилаву муносибати эҳтиёткорона ва нозук ба занбӯри асал чунин қисса мекарданд, ки ҳар кадоми моро шавқи асалпарварӣ боло гирифт. Маълум шуд, ки нозукиҳои ин пешаро аз асалпарварони пуртаҷриба ва маҷаллаҳои махсуси асалпарварӣ омӯхтаанд. Дар баробари сӯҳбату гуфтугӯ аз маҳсули меҳнаташон борҳо кормандонро ширинком гардондаанд. Агар ягон ҳамкорамон барои табобат асали тоза наёфта, ба асалҳои бозор боварӣ нест гӯяд, ҳатман пагоҳаш асал меоварданд ва агар аз пулаш сухан оғоз кунад, ман барои фурӯш занбӯри асал парвариш намекунам, мегуфтанд. Ҳар сол вақти асалгирӣ ба хешу табору дӯстон асал тақсим мекарданд...

Ё худ ҳангоми баҳор, бо баромадани аввалин сабза бо зану фарзандонашон аз гирду атрофи шаҳр алафҳои шифоӣ чида самбӯса, тирамоҳ меваҳои тару тозаро барои зимистон захира мекарданд. Ё худ доир ба дарде мақолаву нигоштаи рӯзномаву маҷалларо бо ҳавсала мутолиа карда, назарашон-

---

* *Ҳоло Донишкадаи хидмати давлатӣ*- шарҳи мураттиб

ро чун мутахассиси варзида иброз медоштанд, ки баъди ин гуна сӯҳбатҳои ширину гуворо ва лаззатбахш ҳар яки мо худро гӯё узви ҳамин як оилаи хурди идоравӣ ҳис ва бо қувваи дучанду масъулияти том кор мекардем...

Дар нашриёт баъзан мешавад, ки ягон китобро аз нақша пештар баровардан лозим ва барои ин муҳаррири ба ин кор қобилиятнокро мечустанд, ки китоб сари вақт барояд. Аксаран ин қабил китобҳо маҷмӯаи шеърҳо буд, ки таҳрири онро Баҳром на ба ҳама бовар мекарданд. Қобилияту ҳунари ҳар кадоми моро хуб медонистанд…

Аҷаб хуб фармуда шоире:

*Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,*
*В-арна нохуш гузара,д ними нафас бисёр аст...*

Баҳром Фирӯз зиндагии хушу хуррамона дошта, аз ҳамаи неъматҳои Худодод ба ҳадди эътидол истифода менамуданд ва чун паймонаашон пур шуд, ин олами пуршарру шӯрро зуд падруд гуфтанд, ки китобҳои насриву назмӣ, маслиҳатҳои муфиду суханони ҳикматангез ва фарзандони неку солеҳашон чун ёдгори он зиндагии пурсаодат боқӣ монда...

Ёдатон ба хайр, Баҳроми азиз!

с. 1999

### *ПАЙВАНДИ ГУЛМУРОД*

## ПАЁМГАРИ ФАРДО БУДУ БИГЗАШТ...

*Аз марг амон кӣ ёфт, то ман ёбам,*
*Боз умри ҷавон кӣ ёфт, то ман ёбам.*
*Шеърам ҳамагӣ паёми фардои ман аст,*
*З-ин беш ҷаҳон кӣ ёфт, то ман ёбам?*

Бале, дар зиндагӣ ҳар кас ба қадри ҳиммату тавоноӣ аз пайи кореву касбе меравад ва бо часпу талоши зиёде рӯзҳоро ба шаб, шабҳоро ба саҳар мебарад. Яке дар ғами имрӯз асту маишату истироҳат ва фароғати лаҳзаинаи худро аз ҳама чиз боло мегузорад ва маънии зиндагиро ҳам дар хӯрдану хуфтан мебинад. Дигаре заҳмат мекашад, шабҳоро бедор рӯз мекунад, бо умеди осоиши ҳамзамонону ҳамдиёронаш кору пайкор дорад.

Аҳли эҷод дунёи дигаре доранд, ки он дирӯзу имрӯзро ба оянда мепайвандад, ки бад-ин васила номи эҷодкор ҳам абадият пайдо мекунад.

Баҳром Фирӯз - адиби маъруфи тоҷик ба майдони адабиёт чун шоири умедбахш ворид ва дар муддати кӯтоҳ чун шоири нуктасанҷ эътироф гардид. Шеъру таронаҳояшро мардуми шеърдӯсту шоирпарвари тоҷик замзама мекарданд, ҳаводорони ашъораш баъзе аз шеърҳояшро чун суруди дилангез дар маҳфилу шабнишиниҳо, тӯю сурҳо месароиданд, ошиқон дар гулгашту хиёбонҳо ба маъшуқаҳояшон чун рози дил қироат менамуданд.

Ду китоби ашъораш ба табъ расида, «Розҳои маҳтобшаб»-у «Силсила»-аш ҳамчун силсиладори дирӯзиён ва фардоиён, ҳалқаи пайванди аҷдодон ва авлодон саршори меҳру вафо ва сидқу сафо буданд. Устодони ғамхору серталаб Мирзои Турсунзода, Мирсаиди Миршакар, Боқии Раҳимзода фотиҳаи некаш доданд, ки ба шоири ҷавон қувваю илҳоми тоза бахшид. Ӯ дар ашъораш кӯҳистону оби равон, сабзаи навхези кӯҳсорону гулу хори онро тараннум мекард ва аз он ифтихор дошт, ки кӯҳҳо гаҳвораю аввалин ҷавлонгоҳ, ибтидои роҳи умру зиндагиашанд:

*Кӯҳҳо - гаҳвораи ман, аввалин ҷавлонгаҳам,*
*Аз ҳамин ҷо роҳи умру зиндагӣ сар кардаам.*
*Аз ҳамин ҷо бори аввал чашми ҳайрат дӯхта,*
*Ман ба паҳноии олам низ бовар кардаам...*

Баҳром Фирӯз зодаи яке аз шаҳракҳои дурдасти тоҷикнишини Нуратои Самарқанди бостонӣ, айёми бачагиашро дар деҳаи кӯҳистони бобояш - Устук гузаронида, дар ҳамон ҷо мактаби ҳафтсоларо хатм намуд. Шавқи касбу ҳунар ӯро хеле барвақт - баъди ба итмом расонидани мактаби ҳафтсола ба маркази куҳани илму фарҳанг - Самарқанд бурд, дар омӯзишгоҳи тоҷикии омӯзгорӣ бо устодони дилсӯз Мария Аванесовна, Наимӣ рӯ ба рӯ карда, аз лутфу марҳамат ва ғамхориашон бархурдор намуд ва баъдтар тақдиру қисмат ба Хуҷанду Душанбе овард. Ӯ ба шоҳасарҳои адибони ҷаҳон ошно шуд, ба каломи бедеъ дил баст. Нахустин таронаҳояшро эҷод кард, аз устодони сахтгиру меҳрубон, аз қабили Раҳим Ҷалил ҳусну қубҳи ашъори шогирдонаашро шунид.

Ҳамешаву дар ҳама ҷо бо ёди айёми хуши кӯдакию хаёлҳои рангини бачагӣ мезист. Аз кӯҳсорону оби равони он худро ҷудо тасаввур карда наметавонист. ҳамин хаёлҳои ширину рангини даврони кӯдакию бачагӣ буд, ки ҳар саҳар ба лаби дарё мерафт. ҳар гоҳе ки фурсату имконият даст медод, бе ҳеҷ тааммулу андеша роҳи дараи Варзоб ё Теппаи Самарқандро пеш мегирифт. Барояш тафовуте надошт, ки айёми гармои тобистон аст ё ҳукмронии сармои зимистон. Муҳим он буд, ки даме, лаҳзае ба таллу теппаҳо баромада, бо оби равон, шаху санги кӯҳсорон рози дил мегуфт, сафҳаи хотираҳои гуворояшро варақгардон мекард.

Ба ҷаҳони орзуҳо мепайваст ва гумкардаҳои худро аз нав меёфт:

*Гузашта аз баланду пасти дунё*
*Ба огӯши ту оям боз фардо.*
*Равам аз маҷлису ғавғои бисёр,*
*Бипечам дар ҷаҳони орзуҳо...*

*Дилам бо орзу пур мекунӣ боз,*
*Чи гум кардам ту ҳозир мекунӣ боз.*
*Ду чашмам бор мебардорад аз бахт,*
*Маро, кӯҳсор, шоир мекунӣ боз.*

Навбаҳорон, вақти дамидани сабзаҳову шукуфтани гулҳои рангоранг бо қуттиҳои замбӯрҳои асалаш роҳи дараи сергулеро пеш мегирифт ва ба ҳосилҷамъкунии замбӯрҳо зеҳн мемонд. Аз гул ба гуле, аз бутта ба буттае нишастану шира гирифтан чӣ қадар заҳмат, сабр ва ҳаракатро талаб мекунад.

Аҷаб кайфияте, ҳикмате, панде дорад тамошои ин манзараҳо. Одамиро лозим аст, ки аз ҳар ҷонвараке ибрат гирад...

Олами ҳар як эҷодкор олами афсунгарест, ки на ҳамаву на ҳамеша ба дарку фаҳмиданаш қодир мебошем, ба қадру қиматаш мерасем. Ҳар эҷодкор оламе дораду бо оламе моро тарк мегӯяд, ки мутаассифона, сирру асрори оламаш накшода мемонад. Мутаассифона, ҳангоми зиндагиаш кӯшише барои ифшояш намекунем...

Чӣ илоҷ, ки ҳама шири хом хӯрдаем ва гармию сардии зиндагӣ ҳам пухтаву суфтаамон накарда. Агар чунон набудӣ, ба таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи эҷодиёти адибону олимон, ҳофизону оҳангсозони маъруфамон ҷиддитар машғул мешудем, ба қадри заҳматашон мерасидем ва қадрдониашон мекардем. Аз ҳама муҳимаш озорашон намедодем. Худбину кӯри дигарон намешудем...

Баҳром Фирӯзи шоир ба наср рӯ овард ва аввалин ҳикояи худро бо номи «Бобо» соли 1972 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расонд, ки дар назари бисёриҳо санҷиши қалам ва ҳаваси шоирона намуд. Вале насри шоир таваҷҷӯҳи адибони маъруфу мунаққидони нуқтасанҷро, аз қабили Мирзои Турсунзода, Мирсаиди Миршакар, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалики Баҳорӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ ба худ кашид ва маслиҳат доданд, ки «Баҳром, шеърат хуб аст, аммо насрат хубтар омад, домани ин шуғлро сидқан сахт бигир».

Аз маслиҳати дилсӯзонаю суханони ғамхорона адиб рӯҳ гирифт ва ба насрнависӣ ҷиддӣ машғул шуд.

Сабаби аз назм ба наср рӯ оварданашро ӯ дар пешгуфтори яке аз китобҳояш чунин маънидод карда буд:

«*Чи шуд, ки ман ҳамчун шоир ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаму ба ин тариқа зуд дастгоҳи шеърро бастам ва гӯё аз шоирӣ истеъфо намудам ва рӯи ихлосу иродат ба ҷониби наср овардам? Ин матлабро бисёр китобхонон ва ҳаводорони адабиёт аз ман савол мекунанд, баъзан суханони устод Айниро аз ваҷҳи тангии чорчӯбаи назм ба ман хотирнишон мекунанд. Аз ин хусус хеле андешидаам ва ҳақиқати кори ман ин аст, ки мавзӯъ, матлаб ва мадорики шеър дигар аст ва пояи наср бар мадорики дигаре асос барниҳодааст. Шеър ҳикмат аст, сӯз аст, оҳанг аст, панди рӯзгор аст, хулосаест аз зиндагӣ, вале он ба ҳеҷ ваҷҳ тасвири комил ва возеҳи зиндагӣ нест ва инчунин тасвирро аз шеър чашм доштан натавон. Агар дар замони Рӯдакӣ таълифу қиссаву романҳои воқеӣ расм мебуд, мо имрӯз ҳаёту зиндагӣ, андешаву омоли ниёгонамонро нисбат ба ахбори ҷамъи китобҳои дигар равшантар қиёс мекардем...*»

Адиби маъруф Абдумалик Баҳорӣ дар охирсухани яке аз маҷмӯаҳои аввалини қиссаву ҳикояҳои ӯ навишта буд, ки «*аз ҳама муҳимаш, қаҳрамонони достону ҳикояҳои Баҳроми Фирӯз бофтаи хаёли адиб не, балки одамони зиндаю заминианд. Муаллиф аз масъалаҳои сарпеч ва мушкили ҳаёт ҳаргиз рӯ натофтааст, ӯ хуб медонад, ки сӯҳон кардани тегаҳои сартезӣ ҳаёт дар адабиёт худфиребӣ аст. Зеро инсон хоҳ-нохоҳ, бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад ва он гаҳ нохушии андаке ба сари ҷавони ширинхаёл фоҷиаи азиме хоҳад буд. Бинобар он ҳам, адиб қаҳрамонони худро ҳамеша дар умқи зиндагӣ тасвир мекунад ва бо ҷузъиёти ҳаёт қонеъ намемонад.*

*Баҳром Фирӯз ба ҷодаи адабиёт бо кӯлвори вазнину таассуроти рангин қадам ниҳодааст*».

Мушаххасу саҳеҳии хулосаи адибро эҷоди солҳои минбаъдинаи Баҳром Фирӯз собит сохт. Ӯ хонандаро ба тасвирҳои дилангезу ҷаззоб ва сеҳри суханаш ҳам ба воситаи ҳикояҳояш, ҳам ба туфайли қиссаҳои «Рухсора», «Тарма», «Ситораи думдор», «Ту танҳо не», «Тору пуд», «Агар вай

мард мебуд» ба ишқу муҳаббати софу беолоиш, одаму одамгарӣ, накӯкориву хайрандешӣ даъват менамуд.

Бино ба таъкиди академик Муҳаммадҷон Шакурӣ «*арзишҳои маънавии ҷовид бунёди одамиятро ташкил менамояд. Онҳоро бодиққат омӯхтан, дар рафти дигаргуниҳои пурсуръати замони тӯфонии мо муҳимтарин падидаҳои онҳоро аз даст надода, бо худ эҳтиёткорона ба оянда бурдан ва барои фардои башарият маҳфуз доштан вазифаи бузурги гуманистӣ мебошад. Адабиёт ҳам дар ин роҳ хизмат мекунад. Аҳамияти аксарияти асарҳои Баҳром Фирӯз низ дар ҳамин аст*».

Баҳром Фирӯз бо орзую умедиояндаи неки ҳамдиёрону ҳаммилатонаш эҷод мекард, ба воситаи асарҳояш дар дили онҳо тухми некӣ мепошид, барояшон накӯкорӣ меомӯхт.

Ӯ дар эҷодиёт ба дараҷаи устодӣ расида, дастгиру мададгори ҷавонон буд. Андешаву мулоҳизаҳояшро дар хусуси чӣ будани ҳикояту чӣ тавр навишта шудани он, мафҳуми шеъри нав, дар бораи эҷоди адибони ҷавон бе пардаву ошкоро иброз медошт, ки на ҳамеша ва на ба ҳама писанд меомад, боиси малули хотири бархе мешуд. Ба сараш борони маломат мерехт, вале ӯ фош мегуфту аз гуфтаи худ дилшод буд...

Вақте ки эҷоди ҷавонони соҳибзавқу ҳунармандро мехонд, меболид, бе ҳеҷ дудилагӣ дастгириашон мекард, дигаронро даъват мекард, ки ибрат гиранд: «***Ҳоло аз бепарвоӣ ё бевуқуфии баъзе роҳбарони матбуот тарғиби китоб хеле суст гаштааст. Агар ба китобе тақризе ба нашр расад ҳам, он холисона нест, ҷӯра ва ё аксар ҳамдиёрони адиб китоби ӯро зӯр мезананд то таъриф кунад. Баъд адиби камҳунар бо он ҳама чормагзи пуч доман пур мекунаду худро пайғамбар метарошад.***

***Борҳо хондаем, ки ҳамдиёрон аксаран халтураи ҳеҷу пучи якдигарро ситош мекунанду мардуми камхирад ва соддалавҳро бовар кунондани мешаванд. Аммо ин навъ мунаққидон фақат адиби хушбоварро мефиребанду бас. Бо хеле адибони ҷавон ҳамин ҳолат рух дод. Фарзона аз ин миён истисност. Мусаввадаи китоби ашъори тозаи ӯро барои ба нақша гирифтан дар нашриёт ман хондам.***

***Шоире расидааст, ки бе муболиға бо Симину Фурӯғ паҳлӯ мезанад. Ба қавли шоира бовар накардан натвон***:

*Ватан, рӯзи фирӯзи ту мерасад,*
*Ватанхоҳи дилсӯзи ту мерасад,*
*Ватан, офтоби ту мебишукуфад,*
*Ватан, боз наврӯзи ту мерасад.*

***Ба гумонам, шеъри Фарзонаро аз ҳамдиёронаш касе ситоиш накардааст. Шеъри ӯ ҳамон мушкест, ки худ мебӯяду ба фарёди аттор эҳтиёҷ надорад.***

***Чаро дар ҳунар ва хоксорӣ аз ӯ ибрате намегиред, дӯстони ҷавон***!»

Баҳром Фирӯз аз сӯйи дигар, устодони худро фаромӯш намекард ва ҳамеша дар бораи ҳар кадоме аз онҳо бо самимияту эҳтироми вижа сухан мегуфт, аз некиву сабақашон, ёриву дастгириашон ёдовар мешуд.

Устодони шодравонаш Мирзо Турсунзодаю Мирсаиди Миршакар, Боқӣ Раҳимзодаву Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзиву Фазлиддин Муҳаммадиев, дӯсти соҳибҳунараш Ҷумъа Одинаро дар ҳар давраю маҳфил ба хотир меовард. Дар хусуси адибони забардаст Сотим Улуғзода, Абдумалики Баҳорӣ, мунаққиди нуктасанҷ Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дӯстони ҳамқаламаш бо меҳри беандоза сухан мегуфт.

Ростӣ, ба қадри дигарон расидану некии дигаронро пос доштан ҳам ҳунар аст, ҳунари волову ҳавасангез.

Баҳром Фирӯз бо дили пур аз орзуву умед, бо мақсадҳои аҷибу наҷиб умр ба сар мебурд, вале марги нобаҳангом нагузошт, ки он орзую умед ва мақсадҳояшро амалӣ созад...

Боиси тасаллӣ аст, ки аз шоири ширинхаёлу адиби нуктапардоз ёд монда, шеър монда, ҳикояту қисса монда, андешаву мулоҳиза монда. Барои ҳамдиёрону ҳамзамонон ва оянлагон номи нек монда:

*Хоҳам ба мисли оби дарё бошӣ,*
*Гаҳ гулшану гаҳ бодияпаймо бошӣ,*
*Ҷӯшиву хурӯшиву ситезӣ, аммо,*
*Дар тирамоҳи умр мусафо бошӣ.*

с. 1995

## САЛОМЕЯ

Ман аввалбор ӯро дар анҷуман миёни духтарон дида, ҳеч ба ёд оварда натавонистам, ки дар куҷо вохӯрдаам, вале амин будам, ки ҳамин замон пеш меояду салом мекунад ва филфавр ба хотирам мерасад, ки вай кист ва дар куҷо ин нигоҳаш ба дили ман мӯҳр барин нишастааст. Аммо духтар ба шахси ман сирф бепарво буд. Ман ду-се раҳ аз бараш гузаштаму аз наздик нигаристамаш, нигоҳҳои мо якчанд бор радду бадал гаштанд, аммо ӯ маро намешинохт. Ман зӯр зада, таҳхонаи ноободи ҳофизаамро таҳу рӯ мекардаму ба ёд овардан мехостам, ки ин нигоҳи ошнои чашмони хаёлмасти меширо дар куҷо ва кай дида будам. Дилам дар изтироби шадид метапиду мегуфт, ки вай ошност, аммо чӣ чора кунам, ки на ӯ маро мешинохт ва на ман ӯро ба ёд оварда метавонистам.

Се рӯзи маҷлиси китобдӯстон ба ҳамин минвол гирудори беҳосил гузашт. Ман андӯҳгин аз он будам, ки ҳофизаам билкулл хароб гаштааст ва бояд, ки фурсатро нагузаронида дорую давое кунам. Охир, ин чӣ дард аст, ки як духтари шинос се рӯз боз пеши назарам ҷилвакунон гардаду ман ӯро ба ёд оварда натавониста саргаранг бошам?! Ба деҳа мераваму ҳар саҳар шири навдӯшида мехӯрам ё…

Андӯҳи гарони маро боз боис ин буд, ки аз ҳофизаи худ дар миёни дӯстон ифтихоре доштам. Баъзан ашхоси замоне дар телевизор дидаам, баъди чандин айём дар кӯча дучор ояд, мешинохтам ва ин амалро борҳо дар гувоҳии шарикон собит карда будам.

— Ба ту маслиҳати мо ин аст, ки ба кори ҷустуҷӯйи ҷинояткорон бирав ё ба соҳаи разведка ба кор гузар, зуд муваффақият меёбӣ, – мегуфтанд дӯстонам паси сар хорида ё ангушти тааҷҷуб ба дандон газида.

Ман мамнун аз амали худ механдидаму ҳазломез мегуфтам:

— Магар ба адиб ҳофиза даркор нест? Ман бояд тамоми илмҳоро бидонам, тинати мардумонро шиносам, гуноҳу савоби одамонро ба онон нишон диҳам. Шахсе, ки аз худ бехабар аст, аз кадомин ҷинояткор мемонад?

Дӯстон пешниҳоди худро бо чандин далел тақвият медоданд:

— Дуздон ва ҷинояткорон ҳоло дар урдуи душмани худ – ходимони адлия, ҳатто дар сояи амалдорон паноҳ гирифта, дар ҳимояти онон амал доранд…

* * *

Рӯзи охирин маҷлиси китобдӯстон суратгире вакилонро гурӯҳ-гурӯҳ сурат мегирифт. Чанд тан аз шиносам маро ҳам кашола карданду дар гирди мо гурӯҳи калоне ҳалқа заданд. ҳамон духтари мешчашм далер назди ман омаду бо нигоҳи нарму махмалинаш гӯё ба рӯям ҳавре зада хоҳиш намуд:

— Муаллим, ман дар баратон биистам?

— Кошкӣ… Марҳабо… – андаке пешу қафо ҷунбида, ба вай ҷой додам ва барои давом додани гуфтугӯ савол кардам:

— Чеҳраатон шинос метобад… Шумо аз куҷоед?

— Ман аз Қистакӯз…

— Аз Қистакӯз? – беихтиёр овоз баланд кардам. – Ҳа-а… Саломея!..

Духтари қистакӯзӣ аз вазъи ман ҳайрон буд. Охир, вай на Саломеяро медонисту на саргузашти маро. Ӯ чашмони шаҳлои Саломеяро дошт. Наход, ки хешу ақрабо бошанд? – мегуфтам ба дил…

* * *

Воқеа ба ин тарз рух зада буд:

Ман ҳамон сол ба курси такмили ихтисоси сармуҳаррирони телевизион ба Маскав рафта будам. Баъди ҳаёти ором ва як навъ фориғболонаи Душанбе рӯзҳои аввал Маскав маро андаке саргарангӣ оварда буд. Махсусан, бениҳоят шитобкории ходимони телевизиони марказӣ, ба якдигар беэътиноии атрофиён, маҳорат ва ҳунармандии баланди журналистон, режиссёрон, артистону операторон – ҳама ҳавасангез ва ибратомӯз буданд. Ман беором, аз фурсати танги таҷрибагирӣ ҳаддалимкон босамар истифода мекардам.

Аз пуркорӣ дӯстон ва шиносони москвагиро хабаргирӣ рафта наметавонистам. Бинобар он ҳам, вақте ки як рӯзи исти-

роҳати якшанбе Иброҳимҷон* маро пурсида ба хобгоҳам омад, хеле хиҷил будам.

Иброҳим ҳоло ба таҳқиқи илми рӯзноманигорӣ пардохта буд ва дар аспирантураи дорулфунуни Маскав дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадӣ такопӯ дошт.

Вазъи хобгоҳи мо барои меҳмондорӣ чандон созгор набуд, ки ин ҳолро Иброҳим зуд пай бурду гуфт:

— Ако, як гап гӯям?..

— Чаро фақат якто? Ман тайёрам садҳову ҳазорҳо сухани шуморо шунавам! – гуфтам ба ҳазл.

— Аввал ба яктоаш розӣ шавед: бед, ба хобгоҳи ман биравему як дегча палави тоҷикӣ пазем, дар сари деги зирбак чақчақ кунем.

— Чақчақ ё чақочақ?

— Не-не… мо мардум…

— Ба қавли як шикамбанда, табақро дидаму дилам шайдо шуд-ку! Иброҳимҷон, ин фикри олимона гӯям, кам аст, даҳоёна чи хел ба саратон омад?

— Дегу табақ ҳаст…

Ҳар ду дар шитоб масолеҳи палавро харида, ба сӯи Ленинские Горы раҳ кашидем.

Иброҳимҷон дар ҳамон иморати бузургу бошукӯҳи дорулфунун, дар қисмати хобгоҳи олимони ҷавон ҳуҷраи алоҳидае доштаст.

Дар сари деги зирбаки балақ-балақҷӯшон нишаста, ҳангома кардан хуш фароғате дорад! Ҳар замон порае гӯштро аз дег берун оварда, чошнӣ гирифтанро чӣ расад! Аммо нигаред, ки баъзе рафиқони мо ба ҳамин оши шарикона ҳам назари холис надоранд. Якеро мудом ошу ошпазӣ асабонӣ мекард, савол кардам, гуфт:

— Монед ҳамин одатҳои шаҳриёнро!.. Фақат зирбак, палав…

— Чаро фақат зирбаку палав? Шумо қурутоб кунед, ба он ҳам шукр мегӯем, хурсанд мешавем.

---

* *Доктори илмҳои таърих, Арбоби илму техникаи Тоҷикистон, профессор Иброҳим Усмонов он замон аспиранти факултаи журналистикаи ДДМ ба номи М. В. Ломоносов буд* - шарҳи мураттиб

Ман пай бурдам, ки он бечораро зидди мардуми шаҳр ё мавзеъҳои шимоли республика шӯрондаанд ва ӯ бесабаб ҳар он чӣ ба он мардум алоқаманд бошад, аз он кароҳат мекунад, бесабаб асабӣ мешавад.

— Нонпазию ошпазӣ ҳам далели маданият ва тамаддун аст, ҷӯраҷон, чаро онро фаромӯш кунем?! Моро аз чойхона маҳрум карда дидӣ, чи гуна аз якдигар ҷудо кардаанд! – гуфтам дар охир ба тарзи гилагузорӣ.

... Қисса кӯтоҳ, вақте ки дар табақи калони сафолӣ ба расми тоҷикӣ палавро кашида, он лангари тобонро ба хона даровардем, пай бурдем, ки ҳар ду ҳам аз гӯшти зирбак шикам сер кардему дигар оши бисёр хӯрдан наметавонем.

— Ин қадар ош... Яктогӣ шиками иловагӣ медоштем... Ба қавли бобои раҳматиам, куфрони неъмат мешавад, – гуфтам ман ба нишони надомат сар ҷунбонида.

— Ҳамсояро гӯям? – гуфт Иброҳимҷон, ки зотан дар ҳама мушкил чорагар буд ва пайрави саволаш тавзеҳ дод: – Ҷавонмарди хуб аст, аз Олмони федерол.

— Чи ҳоҷати савол, бигӯед! Аз Олмон неву аз он дунё бошад, барои мо ош хӯрад, бас аст!

Иброҳимҷон аз хона берун рафту баъди лаҳзае ҳамроҳи як тан ҷавонмарди қавиҳайкал, ки сабад барин риши ғулӣ ва малламайгунаш сари синаашро пӯшида буд, ба хона ворид гашт ва моро ба якдигар маъруфӣ намуд.

Нигоҳи орому пуртамкин ва оқилонаи Паул дар дили кас нисбат ба ӯ эътимод пайдо мекард. Вай сухан мегуфт, ош мехӯрд, савол мекард, механдид, вале дар сари ман андешаҳое ҷавлон доштанд, ки аз ифшои он кас хиҷил мемонад. Чи илоҷ, дар он айём ман ҳам монанди дигарон гумон доштам, ки дар Олмони федерол аксаран фашистон ва ниқорталабон маскан гузидаанд ва аҷаб не, падари ҳамин Паул ҳам бегуноҳонро дар конслагерҳо истинтоқ карда бошад. Таассуб он қадар ақли моро тира карда буд, ки ҳеҷ нуқси худро намедидем.

Агарчи дар аввал бештар Паул сухан мегуфту савол мекард, батадриҷ гуфтугӯи мо даргир шуд. Баъд Паул ба табақи палави хушгуворе, ки нимагӣ ҳам хӯрдан натавонистем, нигариста гуфт:

— Ҳамдиёрон ҳастанд, гӯям!

— Бигӯ… Даъват кун! – гуфтем ману Имброҳимҷон баробар.

Баъди берун рафтани Паул ман ба Иброҳимҷон ҳазломез хандида, гуфтам:

— Мо аз немис тарс надорем. Дар водии Вахши мо немису тоҷик ба ҳам печида кор мекунанд, зиндагӣ доранд ва забони якдигарро чунон медонанд…

— Як ҷӯраи ман дар умраш немисӣ нахондааст, дар сафари хориҷа ба ҳайъати вакилони мо тарҷумонӣ карда буд, – гуфт Иброҳимҷон.

Паул ду нафар духтарро пеш андохта аз дар ворид гашт. ҳар ду духтар қадбаланду мавзун буданд. Яке, ки номи худро Анна гуфт, духтари кабудчашми мӯйи зарринаш ба китф афтода, олмониначоди маҳз буд, аммо дигаре – Саломея духтари мешчашми гесувонаш дорчинранг, аз назари аввал маро дар шубҳа афканд. Ман аввалбор ба чашми ӯ нигариста, дар мардумаки чашмони вай тобиши ошноеро пай бурдам ва ба худ тахмин гирифтам, ки дар рагҳои ин духтар хуни шарқиён ҷорист. Чун ӯ худро аз Австрия гуфт, ба гумони худ далел гирифтам, ки дар он кишвар аз мардуми Шарқи ҳамсоя кам нестанд. Ақли ман чунин хулоса мегирифт, аммо дилам гувоҳӣ медод, ки ӯ ба ман наздик аст, қаробате дорад.

Духтарон ба хӯрдани палави тоҷикӣ ва ошомидани шарбатҳои Тоҷикистон саросемагӣ зоҳир накарданд; сараввал ба таҳқиқ пурсиданд, ки номи таом чист, чи гуна ва аз чи хел маҳсулот онро мепазанд ва ғайра ваҳоказо. Дар ҷавоби ин гуна кунҷковии онон мо бо навбат аз аҷоиботи диёри азизи худ ҳикоят мекардем. Саломея хомӯш буд. Фақат як бор аз хусуси хонадомодӣ ҳикояти Иброҳимҷонро ба шеваи худ ба ҳамдиёронаш тавзеҳ кард.

Баъди он ки хӯрданӣ хӯрда буд шуд ва ошомиданиро ошомидем, навбати оҳангу тарона фаро расид ва Иброҳмиҷон кассетаи таронаҳои тоҷикиро ба магнитофон гузошт.

Дур аз ёру диёр таронаҳои ватан ба кас дигаргуна таъсир мекунанд: гӯё тарона не, насими кӯҳсору водиҳои Тоҷикистон ба сар мевазиду дилҳоро ба хурӯш меовард. Мо мехостем, ки дӯстони немис низ аз оҳангу таронаҳои мо таъсир бигиранд, назокату нафосат ва изтиробу ҳаяҷони дили тоҷикро эҳсос со-

занд. Аз ин сабаб, мо бо навбат гоҳ байтеро ё нақаротеро аз тарона тарҷума мекардем, гоҳ оҳангеро шарҳу эзоҳ менамудем.

Чун ҳавои рақс омад, Иброҳимҷон ба меҳмонон рақси тоҷикиро намоиш дод. Ман Саломеяро, ки аз ин ҳама тоҷикписандиҳо дар назар нисбат ба ҳамдиёронаш камтар ваҷду шодмонӣ дошт, ба рақс даъват кардам. Вай ба рақси тоҷикӣ даст кушод, ҳатто як раҳ чарх ҳам зад ва сипас аз кори худ шармид ва ба ишорати сар маро даъват кард, ки ба таври маъмулӣ бирақсем. Дареғо, ки ин лаҳза Иброҳимҷон саргарми гуфтугузор буд ва чигуна хиромон, аз рӯи ҳама қоида ба рақси тоҷикӣ, боз ба рақси махсуси занона даст кушодани Саломеяро надида монд. Немисдухтар паридани ҳанги маро пай бурду гуфт, ки дидед, чигуна ман зуд рақс меомӯзам. Ман дар ҷавоб оҳиста хандидам. Чи гӯям, ки баъзан мардон дар ҷое, ки гиристан лозим аст, механданд.

Ман дасти Саломеро гирифта ду-се раҳ чарх гаштам ва дар назди тиреза ба тадриҷ пойкӯбон ба чашму рӯяш аз наздик – аз масофаи ҳамагӣ 15–20 сантиметр ба диққат нигаристам, чунон ки дар чеҳраи вай нишонаи гумшудаеро мекофта бошам.

— Чаро ба рӯи ман ба ин тарз менигаред? – пурсид Саломея бо нимтабассум ба қаъри чашмони ман нигариста.

— Яъне, ба ин тарз? – боз пурсидам, то ки барои ҷавоби саҳеҳ фурсати андешидан пайдо кунам.

Саломея китф боло кашид ва ба рӯи ман чунон нигарист, ки аз ин нигоҳ ба якбора дилам таҳ зад: нигоҳи дилошӯби духтари тоҷик аз даричаи чашмони ӯ ба ман менигарист.

Баъд аз ин бо ӯ сухан мегуфтаму механдидам, нармак-нармак пойкубӣ доштам, вале хаёлам баҳру барро тай мезад: Шайх Саъдӣ едарак нагуфтааст, ки «бани одам аъзон якдигаранд, ки дар офариниш зи як гавҳаранд», дар рагҳои мо хуни чи одамон ҷорист, кӣ медонад?!

Саломея аз вазъи парешони ман пай бурду безобита гашт. Вале ман чӣ гуфта, ӯро саргарм карданамро намедонистам.

Сипас барои машғул доштани ӯ саргузаштеро аз ҳаёти адибони номвар нақл кардам:

— Адиби нуктасанҷи рус Паустовский овардааст, ки дар соли 1922 дар шаҳри Кёлни тарафҳои шумо, дар як ошхонаи хилвати канорӣ се нафар адибони рус – Горкий, Бунин ва Леонид Андреев менишастаанд. Горкий бозие сар мекунад ва ҳар се

адиб бо навбат фақат якдақиқагӣ ба як тан ҷанобе, ки дар гӯшае танҳо нишаста, машғули хӯрокхӯрӣ будаст, менигаранду сипас ба навиштани симои ӯ оғоз мекунанд. ҳар се беҳтар аз якдигар симои он ҷанобро бо сухан ифода мекунанд. Дар охир Горкий аз ҳамнишинонаш мепурсад, ки ин ҷаноб кӣ ва чикора аст. Яке мегӯяд, ки тоҷир аст, дигаре тасдиқ мекунад, ки ин ҷаноб дузду таррорест. Баҳс мекунад. Горкий ҳамнишинонашро ором мекунаду соҳиби ошхонаро даъват менамояд ва аз ӯ мепурсад, ки ин ҷаноб киву чикора аст. Соҳиби ошхона ташвишомез мегӯяд: «Аз барои савоб, оҳистатар… Ин ҷаноб дузди машҳури Аврупо аст, ӯ ҳамеша дар ин ҷо хӯроки пешинро мехӯрад…».

Саломея сари зебояшро ҷунбонда хандае заду сипас бепарво савол кард:

— Яъне?.. Чӣ гуфтан мехоҳед? – Ва ман ба ҷавоби пурсишаш даҳон накушода, пайрави суханаш бигуфт. – Ман медонам, мардуми Шарқ ҳамеша аз дур сухан сар мекунанд ва ҳамеша бо рамзу истиора ва маҷоз…

— Чӣ гуфтанӣ будам? Ба гумонам, матлабам возеҳ барин аст: ман ҳам як қамчин нависандагӣ дорам ва каму беш одамонро мешиносам.

— Хуб, сипас бигӯед, ки ман кистам ва чикораам? Ҷосуси олами капиталистӣ? ҳамин тавр не?

— Не, баракс, шумо одами худӣ барин… Шумо тоҷикед, ҳамин тавр не? – Ман бо тантана инро ба ӯ эълон кардам ва сипас ҷавоби тасдиқи ӯро чашмдор будам.

Саломея дасти хурду латиф ва зебои худро ба сари сина ниҳода ва андаке хамида хеле хандид. Вай зоҳиран ба мазоҳи ман механдид, аммо ҳама вуҷудаш аз он далолат менамуд, ки ӯ дарди худро аз ман пинҳон доштан мехоҳад. Ман нигоҳи ӯро гирифтан мехостам, вале вай баъди ин суханро шуниданаш ба чашми ман наменигарист. Ӯ оқибат эҳсоси худро саранҷом бахшиду ба нишони таассуф сар ҷунбонд ва ба чашми ман нигариста гуфт:

— Дар тарафҳои мо немисҳое ҳастанд, ки аз баъзе тоҷикони шумо сиёҳҷурдатаранд.

— Барои ман ранги пӯст эътибор надорад.

— Сипас, куҷои ман ба тоҷикдухтар монанд аст, ҳайронам? Ман дар Намоишгоҳ тоҷиконро дида будам, занону духтаронатонро низ дидаам, аммо ҳеҷ яке ба ман монандӣ надоштанд.

— Нигоҳи чашмонатон… Сонӣ бӯятон монанд…

Саломея қаҳ-қаҳ зад. Сипас бигуфт:

— Ҳеҷ чизро намефаҳмидаед.

— Агар шумо дурӯғгӯй набошед…

Ин суханро ба гуфтан гуфтам, вале ба рӯи Саломея нигариста, аз гуфта пушаймон будам. Баъзан хислати мардуми хориҷиро намефаҳмед: аз як ҳарфи беҳуда ба ваҷд меоянду барои як пула гапу кор меранҷанд. Духтар бо чашмони ашколуд ба рӯйи ман озурдахотир, балки аз ин чунин ситами ногаҳон ҳайратзада менигаристу миҷаҳояш пир-пир мепариданд. Вай зуд нигоҳашро поён гирифт, дасти худро аз дасти ман раҳо кард ва дар шитоб ба сӯйи дар рафт.

Баъди рафтани вай ҳама лаҳзае карахт, ба рӯйи ман нигариста эзоҳ талаб доштанл, аммо ман боиси қаҳру итоби Саломеяро равшан идрок накарда, саргаранг будам. Возеҳ намедонистам, ки вай аслан аз «тоҷикдухтар» гуфтани ман ранҷид ва ё аз он, ки ӯро ба дурӯғгӯйӣ муттаҳам кардам. Охир, дар сари шӯхӣ чиҳое, ки намегӯянд…

Баъд Анна ва Паул аз паси Саломея рафтанду хеле вақт бедарак буданд. Табъи мо нохуш буд, ончунон ки ман аз хиҷолат ба рӯйи Иброҳимҷон наменигаристам.

— Ҳазлона дурӯғгӯй гӯям…

— Барои немисҳо ин дашноми қабеҳтарин аст. – гуфт Иброҳимҷон, ки нисбат ба ман бештар бо хориҷиён сару кор доштанаш аён буд.

— Гӯё аҳдномаи ҳуҷум накарданро инҳо нашикаста бошанд…

Хайрияти кор, Анна ва Паул Саломеяро пеш андохта аз дар ворид омаданду гӯё дар дилу дидаҳо якбора чароғ фурӯзон гашт.

Дӯстон ману Саломеяро бо тантана оштӣ доданд: мо дасти якдигариро сахт фишурда истодем, Анна ба навбат ба дастҳои мо бо дасташ мезаду ба лаҳни ғалатии худ «афсуни» русӣ мехонд: «Мирись, марись, и больше не дерись[1]…»

---

[1] *Оштӣ шав, оштӣ шав, дигар ҷангӣ нашав…*

Мо боз сари дастархон нишастему мева хӯрдем, шарбат ошомидем, ва лаҳзае гузашту бо якдигар беғубори озурдагӣ сухан мегуфтем ва механдидем.

* * *

Анна ва Паул боз ба рақсу пойкӯбӣ оғоз карданд. Ману Саломея дар назди тиреза берунро нигариста, гуфтугузорамонро идома медодем. Сараввал вай доир ба иқлим ва табиати Тоҷикистон, зиндагӣ ва машғулияти мардумон савол карду ман ҷавоб гуфтам. Пай дурдам, ки вай беш аз ҳама аз колхоз ба дил ҳарос дорад.

Дигар ман бо сад эҳтиёт, ҳар суханамро андешида қалъаи асрори духтарро номаълум ҳамлаҳо меовардам. Баъди он ки аз Тоҷикистону тоҷикон, аз таърихи қадиму ҳаёти имрӯзи он дурру дароз сухан гуфтаму ҳикмату ривоят овардам, ба гумонам, оҳани ӯ нармтар шуд ва ба чашмони ман бо табассуми меҳромез менигарист. Ман фурсатро аз даст надода ду дасти сардакаки Саломеяро ба даст гирифтаму рост ба чашмонаш нигариста, бо як навъ эътимоди кулл ва қатъӣ гуфтам:

— Саломея, ту тоҷикӣ, ҷонам! Хоҳӣ, иқрор кун, нахоҳӣ, не, аммо ман аминам… Бидон, ки бори дигар дар ҳаёт гумон аст, ки ба ҳамчу мане вохӯрӣ… яъне, ба тоҷике, ки дар симои ту ҳамнаҷоди худро бишиносад… Наход ки ту аз аслу насаб, аз тӯбу тахмаи худ хиҷил бошӣ? А? Магар нангат меояд?..

Чашмони духтар пуроб шуданду сипас вай дар миёни ашк зӯран табассум кард ва хомӯш дасти маро гирифту оҳиста ба рақс даромад. Ман ҳам хомӯш ба вай мувофиқат кардам. Саломея барои пинҳон доштани қатраҳои ашки ба рухсораш шорида, танашро ба тани ман ҷафстар карда ва рӯяшро дар синаи ман панаҳ менамуд. Мо якчанд дақиқа хомӯш, ягон-ягон пой ҷунбонида, зарбаҳои дили якдигариро гӯё гӯш медодем. Сипас духтар асари ашкро аз чашму рӯяш номаълум пок карду оҳи пурдарде кашид ва оҳиста ба чашми ман чашм дӯхту пурсид:

— Дар вилояти Ленинободи шумо Қистакӯз ном деҳае ҳаст?

— Бале. Ман дар он деҳкада будам ва на як бору ду бор. ҳоло онро деҳа гуфтан наметавон, ба шаҳрак монанд аст, заводи консерви мева дорад.

— Падари ман аз ҳамон ҷост. Ӯ маро Саломат ном дода буд, – ин калимаи тоҷикиро духтар бо як навъ ҳаяҷону изтироб ва лаҳни ширини шеваи тоҷикони шимоли республика гуфт.

— Ному фамилияашон чӣ?.. Хешовандонашон медонанд?..

— Дигар савол накунед, чизе намегӯям! – Духтар сухани маро қатъан буриду сипас ба меҳрубонӣ ба лабам ангушт зад ва гуфт: – Падарам соли шасту ҳаштум аз дунё даргузашт. Вай ба ҳалқу ватанаш ҳеҷ кори хиёнатомезе накардаст. Аммо васият кард, ки дар хориҷа монданашро зинҳор фош накунем ва хешовандонашро ташвиш надиҳем… Ғолибан, вай баъди ҷанг дар асирӣ будагонро мусаллаҳ истиқбол карда, ба Сибир фиристонидани Сталинро шунида будаст…

— Э-э, он замонҳо гузашта рафтанд.. Ман хешовандонатонро хабар мекунам, фардо хонахез расида меоянд!.. – Шодмонии маро ҳадду канор набуд.

Саломея андӯҳгин ба рӯи ман нигариста, ба аломати инкор сар ҷунбонд; дар лабонаш як навъ табассуми ғалатӣ медавид. Маро чунин намуд, ки вай ба ҳоли ман дилаш месӯзад ва ба содалавҳию хушбовариам раҳмаш меояд. Ман, баръакс, аз хавфу ҳароси беасоси вай малул будам.

июли с. 1987

## ХОНАВОДА ВА ҶОМЕА

Қиссаи тозаи Кароматулло Мирзоев «Дар орзуи падар»-ро мутолиа мекардаму воқеоти айёми на чандон дур оромишам намедоданд. Аз фоҷиаи рӯзгор ҳикоят кардан манъ буд ва агар шаммае ба тасвир ояд ҳам, боист, ки оқибат «бо ғамхории коммунистон роҳи бахту наҷотро ёбанд». Аслан, ним асри тамом, инсони воқеӣ аз назари таҳлилу тасвири адибон дур афтода, ҷои онро «бунёдкориҳо», заводу мошин, тағйироти ҳаёти деҳа барин мавзӯъҳои пуч ва сохтаю бофта гирифт.

Ин вазъият фақат хоси адабиёти тоҷик не, аз адабиёти рус то осори камшумортарин миллатҳои собиқ СССР-ро ба ҳамин навъ «пайроҳаи ғор» афканда буданд. Ба ҳукуматдорони болшевик фақат адабиёти идонаи дурӯғиншукӯҳ лозим буд.

Қиссаи «Дар орзуи падар» ҳаёту зиндагӣ ва афкору омоли одамони деҳа ва маркази ноҳияро тасвир кунад ҳам, дар меҳвари он ҳаёти шахсии инсон қарор гирифтааст.

Рӯзноманигори ҷавону соҳибҳунар Нозимӣ ба мактаби деҳа меояду ба Мушарраф ном духтараке ошиқ мешавад. ҳарчанд падари духтар ба ин заношӯӣ чандон розӣ набуд, онҳо ҳамхона мешаванд. Мушарраф дар маркази ноҳия зиндагӣ оғоз мекунаду ба мактаб ба кор медарояд, ду фарзанд меёбад. Нозимӣ тадриҷан ба бодахурӣ хӯ мегирад. Дар ин боб ҳамкоронаш низ ба ӯ мусоидат мекунанд. Аммо сабаби асосии моҷарои зану шавҳар бодахурӣ не, балки Шаҳноз ном ҷавонзан – ҳамкори Мушарраф аст. Сараввал Мушарраф аз ӯ бесабаб рашк мекунаду шавҳари худро меозорад ва оқибат моҷаро ва дилмонии зану шавҳари як замоне ба таври ҳавасангез меҳрубон ба ҷое мерасад, ки Нозимӣ аз ӯ ҷудо мешаваду ба Шаҳноз хонадор мегардад. Мушарраф ба кӯдаконаш ба деҳа – ба хонаи падар бозмеояд. Падар ба ӯ шавҳари дигар меёбад. Нозимии майхора, ки аз кору вазифа ба тавассути моҷарои талоқаш ба зан маъзул гашта буд, ҳар замон ширакайф барои дидани фарзандонаш ба деҳа меояду боре ӯро ба лойу гил ғелонда мекӯбанд ва писараш Меҳрубон ҳамроҳи ӯ аз деҳа меравад.

Бешак, ҳар як китобхони пурмутолиа хоҳад гуфт, ки сюжети қисса нав нест. Аммо адиб бо назари махсуси худ ба воқеаи борҳо қиссашуда рӯҳи тоза бахшидааст. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки навию кӯҳнагӣ ба сюжет ё мавзӯъ вобаста набуда

ба тозагии назари адиб марбут будааст. Назари тоза ва бетақлид ба ҳар навъ мавзӯъ ва воқеа рӯҳи дигар мебахшад.

Ман дар ин як мақолаи хурд симову сирати иштирокчиёни ин қиссаро таҳлил намекунам, аммо ин қадар мегӯем, ки адиб зиндагии мардумеро, ки аз ҳаёти онон навиштааст, хубу возеҳ медонад. Мушарраф тимсоли ҳамон духтарони деҳа аст, ки зуд дил ба истиқболи хушбахтиҳои бекарона ва ҳаёти дар китобҳо ба тасвир омада мекушоянд. Ӯ зиракӣ ва амиқназарии бонувони соҳибмаърифатро надорад, аммо чунон ки мегӯянд, ба кӯрпаи худ нигариста по дароз мекунад, барои бахти худ талош надорад. Агар адиб онро зиёда пухтатадбиру оқибатандеш ва хиридманд тасвир мекард, ин навъ симо дар назарҳо сохтаву бофта ҷилва менамуд ва нуқсони адиб ба шумор мерафт… Мушарраф дар синфи даҳуми мактаби деҳа таҳсили илм ва акнун 17 сол дошт. Зебову хушгил буд. Дар ин синн кадомин духтар фирефтаи ҳавасҳои ғайриодӣ ва муҳаббати романтикӣ намегардад?

Қаҳрамони дигари қиссаи «Дар орзуи падар» рӯзноманигори ҷавон Нозимӣ аст. Аз мутолиаи қисса хонандаи борикбин равшан идрок мекунад, ки Нозимиро барои баъзе аз хислатҳои дилписандаш адиб дӯстдор аст, аз ваҷҳи баъзе аз атвори номақбулаш хуш надорад, вале аз ҳақиқати зиндагӣ рӯ натофта, ӯро холисона ба ҷараёни мантиқии атвораш вогузоштааст. Қисмати соҳибқалами ҳунарвар ва ҳақиқатхоҳе, ки аз дурӯғу дағо, беҳунариву риёкориҳои атрофиёнаш ба ранҷ аст, аз кӯрдилиҳо ва мунофиқавзоъии ҳамкоронаш азиятҳо мекашад, оқибат чигуна саранҷом хоҳад гирифт, мо – ҳама медонем. Нозимӣ ҷавонест, ки дар талоши рӯзгорон роҳи ноҳамвор ва пурпечутобро муддати мадид тоқат намеоварад. Бинобар он ҳам, ӯ ба кӯйи майхорагӣ меафтад. Ва аз ин гирдоби фано ба иродаи худ берун омадани вай сахт мушкил аст. Нозимӣ барин одамон одатан дар зиндагӣ пиёлаи шаробро чун лангари ягонаи наҷоти худ сахт мегиранд.

Дао ҷомиаи тоталитарии мо, ки ҳаққу ҳуқуқи инсонҳо ҳар лаҳза ба бешафқатии мудҳише поймол мегашт ва манҳустарин қонунҳои нонавишта ошкоро амал мекарданду пояҳои истибдоди бюрократиро сахту шадид ҳифз менамуданд, чи қадар мардони соҳибдил ва соҳибҳунар дар гирдоби дарёи шароб ҳалоки худро дарёфтанд, мо – ҳама гувоҳем. Воҷиб аст, ки ин

тоифаро аз майзадагони коҳилу беҳунар ва авбошу разил тамиз намоему ҳамаро ба як газ андоза нагирем.

Дар ҳама олам мардуми соҳибтамиз дахолат ба рӯзгори шахсии инсонро аломати ҷоҳилият меҳисобанд. Фақат ба ҳаёти президент барин ашхоси интихобӣ аз ин ҷиҳат ҳам менигаранду бас. Ва фақат мардуми мамлакати мо аз ин қоидаи азалии башар истисно буд ва ҳар як инсонро барои шикояти занаш ё маъшуқааш низ гунаҳгор мекарданд, барои талоқи зан ҷазо медоданд. Нозимиро низ ба ҷурми талоқи занаш аз кор маъдул сохтанд.

Вақте ки тамоми риштаҳои идорасозии ҳукумат дар дасти як гурӯҳи одамони ҳамақидаву ҳаммаслак мутамарказ мегардад, хоҳу нохоҳ тоталитаризми лаҷомгусехта ва беҳаё ҳар як амри худро ба ҳукми қонун медарорад.

Онҳое, ки аз ин захми носури мо ҳоло сухан кардан намехоҳанд, ҳеҷ аҷаб не, ба дигарбора сар бардоштани аждаҳои тоталитарӣ чашм доранд. Ба қавли адиби шаҳири рус Лев Толстой, агар мо аз маризи тоқатгудозу мӯҳлик шифо ёфтем, чаро ҳар лаҳза аз он ёдоварӣ накунем, аз он авлоди фардоро огаҳӣ надиҳем?!

Нозимиро, ки дар айёми ҷавониву дар сари вазифа аҳли деҳа гӯё ба кафи дастони худ мебардоштанд, оқибат шоҳиди бепарвои таҳқир ва зиллату хориҳои ӯ мегарданд. Фақат писараки наврасаш – Меҳрубон ӯро аз лой бардошта ба автобус савор мекунаду ҳамроҳаш меравад, ки ин ҳол ҳам хеле рамзомез аст.

Ин лаҳза ва умуман чунон фарҷоми нохуш хонандаро ба андешаҳои амиқ ва гуногун мебарад. Хонанда хоҳу нохоҳ давоми рӯзгори падару писарро пеши назар овардан мехоҳад, ба фардои ин ду фарди бебарор лаҳзае назар афканданӣ хоҳад гашт.

Ман инро барори нависанда мешуморам.

Умуман, маро чунин дар назар меояд, ки дар қиссаи нави Кароматулло Мирзоев «Дар орзуи падар» чунин симоҳои хотирнишин бисёранд. Ва аз ин ҷиҳат ин асари адиб дар эҷодиёти ӯ мақоми шоистае дорад.

Баъзе аз хонандагон баъди мутолиаи ин навиштаҳо балки ба ман эрод бигиранд, ки наход дар қиссаи фавқузикр ҳеҷ як нуқсоне надида бошам. Бешак, ҳеҷ як асар бенуқсон нест ва ин

қисса ҳам ҳусну кубҳи худро дорад. Аммо ман дар ибтидои ин мақола арз кардам, ки вазифае ҳоло назди худ гузоштаам, хеле хоксорона аст, таҳқиқу таҳлили пурраи асар нест. Ман барои хонандагони азиз баъзе аз нуқтаҳои диққатрабои ин қиссаро гӯшзад кардаму бас.

Аз ҷиҳати дигар, дар чунин як мавриди дилангез, ки ин қисса барои гирифтани ҷоизаи давлатӣ пешбарӣ гаштааст, кадом инсони ҳақир аст, ки ба айбу нуқси он назар кунад?! Оре, ман имрӯз фақат ҳусну назокати ин қиссаро менигараму бас.

Зиёда аз он, ман аз мутолиаи ин қисса дарёфтам, ки ҳар як шахси нависанда лоҷарам ба мо дари ҷаҳони маънавию рӯҳонии худ, сифатҳои инсонии худ – адабу хирад, тамкин ё сабукмағзию такаббур ва худписандиашро ва ё худ муҳаббату дилсӯзиашро ба инсон алоқадри ҳол мекушояд. Қиссаи Кароматулло Мирзоевро кас мутолиа менамояду некбинӣ, ғамгусорӣ, ба дарди дигарон ҳамдардии самимии ӯро эҳсос мекунад, ки ин аз сифатҳои хеле муҳимми шахси адиб мебошад.

Бешак, баъзе аз мунаққидон ба ин қисса эрод хоҳанд гирифт, ки масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, ки даврони зиндагӣ ва фаъолияти Нозимию Мушаррафро ба ларза афкандааст, гӯё ба рӯзгори онон ҳеҷ таъсире накарда ва ба гӯшҳояшон садоҳои он надаромада бошад ва ғайра ва ҳоказо. Чӣ гӯям, ки ҳар як асари бадеъро инсон бо чашми худ мебинаду бо эҳсосоту афкори ақоиди худ мешиносад. Ман дар сари ин ақоидам, ки дар ҳар як қиссаву роман тасвири иҷтимоиёти рӯзгорро ҷустан, бо масъалаҳои сиёсии давр ҳамовозӣ кофтан ҳатман зарурат надоштагист. Аз ин хусус, замоне дар сӯҳбат бо мунаққид Лев Аннинский адиби рус Юрий Трифонов гуфта буд: «Ман роҷеъ ба марги инсон менависам («Иваз»), онҳо мегӯянд, ки ман аз майда – чӯйдаҳои рӯзгор менависам; ман дар ҳаққи муҳаббат менависам («Падруди давомнок»), онон боз мегӯянд, ки аз майда – чӯйдаҳои зиндагӣ менависам; ман аз хусуси вайрон шудани хонавода менависам («Натиҷаҳои пешакӣ») – боз ҳамон гапро мешунавам; доир ба талоши инсон бо андӯҳи марговар менависам («ҳаёти дигар»), боз мегӯянд, ки аз майда – чӯйдаҳои зиндагӣ...»

Дар ин гуфтаҳои адиби рус ман меъёри қолибзадаи танқиди адабиро, ки ба адабиёти бисёр миллатҳо сироят карду солҳои тӯлонӣ ба ҳукми расм гашт, хеле равшан эҳсос мекунам. Магар

дар адабиёти тоҷик меъёри баҳодиҳӣ маҳз чунин набуд ва чунин нест?!

Масъалаҳои муҳимтарини рӯзгор ҳам ногузир даргузаранд, аммо пас аз ҳазор сол ҳам инсонҳоро қисмати инсон ба шавқ меоварад, на камбудиву комёбиҳои колхозу совхоз ё заводу фабрик. Бешак, ман ба ин суханон моҳияти ин мавзӯъҳоро, тасвиру таҳлили онро дар адабиёт ҳаргиз инкор намекунам, фақат гуфтан мехоҳам: асарҳое, ки аз ҳаёти шахсии инсон ҳикоят мекунанд, ба мо на камтар аз қиссаву романҳо аз ҳаёти бинокорону пахтакорон ва ё масъалаҳои таърихию иҷтимоӣ заруранд.

**Аз ин ҷиҳат қиссаи Кароматулло Мирзоев «Дар орзуи падар» чун як қиссаи самимӣ аз ҳаёти шахсии инсонҳои шоистаи тақдир аст ва агар шарафёб гардад, эътибори ҷоизаи ба номи устод Рӯдакиро хоҳад афзуд. Ман ин нуктаро маҳз аз он сабаб қайд мекунам, ки дар тӯли якчанд соли охир, махсусан, баъд аз сари устод Турсунзода эътибори мукофоти комсомолро бениҳоят паст карданд. Азбаски ба сабаби ёру ошноӣ ва маҳалгароиҳо ин ҷоизаро як зумра адибони камҳунар мушарраф гаштанд, айёми охир баъзе аз адибони ҳунарвари мо аз гирифтани он нангашон омад ва ошкоро аз он даст кашиданд. Мабодо, ки рӯзе расаду адиби ҳунарваре аз қабули ҷоизаи Рӯдакӣ ҳам нангаш ояду сар бипечад.**

Бинобар он ҳам, ба ин ҷоизаи мӯътабари адабиётамон боист, ки асарҳои шоистатаринро пешбарӣ кунем.

6.02.92.

## БАҲРОМ ФИРӮЗ:
## *ЗИНДАГИИ АДИБ ҲАМВОРУ ОСОН НЕСТ*

— ***Соли 1993 ба итмом расид ва он дар хотира нақшҳои гуногун гузашт. Дар хотири Шумо ин сол чӣ нақше дорад?***

— Воқеаи аз ҳама хотирнишини соли рафтаи 1993, ба фикрам, дар Тоҷикистони мо ба охир расидани ҷанги бародаркушӣ буд. Ин воқеа шоистаи хеле таҳсин аст, лекин ба гумонам расман ин ҷанг барҳам хӯрда бошад ҳам, дар тӯли як сол зиндагии мардуми мо беҳтар нашуд. Дар кӯчаҳо ҳанӯз ҳам ғоратгарӣ, дуздӣ авҷ мегирад. Ин чизҳо маро хеле маъюс мекунад. Умедворам, ки дар соли 1994 ба мардуми мо осоиштагӣ насиб мегардад. Дар ҳаёти шахсии ман соли 1993 соли бисёр сахту сангин буд. Вақте ки Душанбе ноором шуд, мо адибон қариб, ки кор карда наметавонистем. Ман аз рафиқи ҳамқаламамон Кӯҳзод пурсидам, ки Шумо оё ягон чиз мехонед ё менависед. Вай гуфт, ки дар тӯли як сол қариб саҳифае хонда наметавонам, ҳар чӣ мехонам, гашта боз мехонам, ба майнаам намедарояд. Ва айнан ҳамин ҳол дар сари ҳар кадоми мо, дар ҳаёти ҳар кадоми мо буд. Беҳуда нагуфтаанд: “Вақте ки тиру туфанг садо медиҳад, илҳом хомӯш мешавад”. Вақте мамлакат, халқ ноором аст, адиб на саҳифае хонда метавонад, на саҳифае навишта метавонад. Бинобар он ман дар ин сол ба корҳои дигар машғул будам. Тирамоҳи соли гузашта ба Хуҷанд рафтам ва аҳли адаби Хуҷанд хоҳиш карданд, ки маҷаллае таъсис кунем ва сардабирии онро ба зимма гирам ва тамоми соли рафта тақрибан ба нашри ҳамин маҷала машғул будам. Маҷалла “Сайҳун” ном дорад. Маҷаллаи адабӣ ва оммавӣ аст. Дар атрофи маҷалла аҳли адаби Хуҷанд, вилояти Ленинободро ғун кардем, ба навиштани асарҳо сар кардем ва ду шумораи он аз нашр баромад. Дар рӯзҳои аввали соли нав шумораи сеюм ҳам ба дасти хонандагон мерасад ва хурсандии ман ҳамин аст, ки як соли умрам, зоеъ нашуд, барои хонандагон, барои адабиёт як хизмате кардем.

— ***Мехостем донем, модоме дар шароити кунунӣ вазъи чопи китобу маҷалла хеле душвор шудааст, ба Шумо кӣ кӯмак расонд ҳамин хел як маҷаллаи адабиро чоп кунед?***

— Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ташаббуси шӯъбаи ленинободии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Чанд нафар нависандаҳо Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ҳилолиён Аскар, Аъзам Сидқӣ, Атохон Сайфуллоев, Фарзона ва дигарон ҷамъ омада, қарор додем дар вилояте, ки он қариб миллион аҳолӣ дорад, маҷаллаи адабӣ таъсис кунем ва ҷавононро дар гирди ин маҷалла ҷамъ созем, муҳити адабие созгор ташкил кунем. Ба ғайр аз ин дар нашри маҷалла ба мо бисёр корхонаҳо, колхозу совхозҳо, ҳукумати шаҳру вилояти Ленинобод дасти мадад дароз карданд. Бе ёрии онҳо, албатта, ҳаргиз ин маҷалларо ба нашр расондан номумкин буд. Дар оянда ҳам мо бисёр умедворем аз ҳукумати шаҳру вилояти Ленинобод, ки ин ташаббусро дастгирӣ мекунад.

***— Оё мумкин аст, ки хонандаҳо аз дигар шаҳру вилоятҳо ба ин маҷалла обуна шаванд ва онро дастрас кунанд?***

— Идораи "Союзпечать" барои фурӯш ва паҳн кардани маҷаллаи мо пули хеле калон талаб кард ва мо ин қадар пул надоштем. Бинобар он ба хонандагону толибони вилояти Ленинобод мо худамон мерасонем, ба воситаи почта, лекин ба маҳалҳои дигар алҳол "Союзпечать" обуна қабул намекунад. Агар гузорашон ба шаҳри Хуҷанд афтаду дар идора обуна шаванд, мо ба воситаи почта мефиристонем. Шумораҳои онро оварда дар дӯконҳои рӯзномафурӯшии пойтахт паҳн мекунем.

***— Акнун мехостам, ки дар бораи эҷодиётатон сӯҳбат кунем. Эҷодиёти Шумо нисбат ба дигар нависандагони имрӯзаи тоҷик серхонанда аст. Хонандагон асарҳои Шуморо ҷустуҷӯ мекунанд, ҳамин ки аз чоп баромад, онро зуд харида мегиранд. Сабаб чӣ бошад, ки китобҳои Шумо дар магазинҳо дер намепоянд?***

— Ман барои ин аз хонандагон миннатдорам. Бисёриҳо шикоят мекунанд, ки хонандагони мо китоби нағзу бадро тафовут намекунанд. Гӯё барои ҳамин китобҳо дар магазинҳо хоб аст. Ман ба ин фикр розӣ намешавам. Хонанда ҳамеша китоби даркориашро дар рафҳои магазин намемонад. Масалан, гирем, ҷилди якуми Девони Ҷалолиддини Румӣ дирӯзакак ба нашр расида буд. ҳоло дар ягон деҳаи дурдаст ҳам дарёфт карда намешавад. Ман ҳам аз хонандагон бисёр миннатдорем, ки китобҳои ман дар рафҳои магазинҳо намондааст ва ҳатто худам баъзан ба суроғ аз гӯшаҳои дурдаст ё гӯшаҳои масалан, Ӯзбекистон китобҳои тоҷикиамро дастрас мекунам.

— ***Ҳангоме, ки солҳои 70 - ум дар мактаби миёна мехондам, дар матбуот шеърҳои Шумо чоп мешуд ва баъдтар то ин вақт ҳикояву қиссаҳоятон чоп мешавад. Ба қавли устод Айнӣ чорчӯбаи назм бароятон тангӣ кард?***

— Ин гап бисёр расмӣ шудааст, лекин аслан ҳамааш як адабиёт аст. Шеър ҳам, ҳикояву достон ҳам, мақола ҳам. Бинед Пушкинро баъди 30-солагӣ ба навиштани наср шурӯъ карда буд. Михаил Лермонтови ҷавон, ки 27-сола вафот кард, романи “Қаҳрамони даврони мо”-ро навишта буд. Мавзӯи шеър дигар аст, мавзӯи наср дигар аст. Шеър – эҳсос аст, шеър – панд, ҳикмат аст. Аммо наср зиндагист, ба зиндагӣ наздиктар аст. Агар хоҳед, ки симои одамони даврони моро тасвир кунеду ба авлодони оянда расонед, бояд ки наср нависед. Масалан, ҳазор сол пеш дар замони Сомониён насри реалистии имрӯза агар менавиштанд, мо имрӯз ҳаёту зиндагии тоҷикони асри Х-ро равшан тасаввур карда метавонистем аз рӯйи онҳо. Тасвири зиндагӣ дар наср комилтар аст, бинобар ин ман хостам, ки ҳаёту зиндагии давронамонро амиқтар тасвир кунам. Нуқсонҳои зиндагиамонро, мардумамонро бештар исбот кунам, фаҳмонам. Барои ҳамин наср барои ман зaруртар барин намуд. Имрӯз ҳам баъзан шеърҳо менависам ва чунон ки гуфтед, ман аз шеър сар кардагӣ будам. Шеърам каму беш муваффақият ҳам дошт. Аммо, вақте ки ҳикояи нахустинамро чоп кардам, муаллимон Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар бо як овоз гуфтанд, ки Баҳром шеърат хуб аст, аммо насрат ҷиддитар омад, домани насрро бисёр сахт гир. Фазлиддин Муҳаммадиев ҳам, он вақт ман дар идораи “Садои Шарқ” кор мекардам, ҳамроҳи Саттор Турсун менишастем, як рӯз бо шитоб даромада, маро табрик карда гуфтанд, ки акнун аз байни шоирон мо як нафарро кашида, ба наср гирифтем. Шумо аз ҳамин рӯз эътиборан носир ҳастед. Баъди дуову фотиҳаи ҳамин азизон ман комилан худро ба наср бахшидам.

— ***Як қиссае доред бо номи “Рухсора”, ба фикрам аввалин асари насрии шумост ва имрӯз ҳам маҳбубияте дорад дар назди хонандагон, хусусан донишҷӯён. ҳамин тавр не?***

— Ман дар тӯли бештар аз 20-соле, ки ба наср машғулам, қариб 7-8 достону китобу ҳикояҳо навиштам, медонед инро, аммо ҳамин чизро ҳис кардам, ҳар воқеае, ҳар сюжете агар андаке ба саргузашти ман монанд бошад ё аз саргузашти худам

бошад, дар он қалами ман бисёр озодтар аст. Яъне сухани навиштаи ман гиротар аст, самимитар мебарояд. Бисёр сюжетҳои тайёр дорам, ба дӯстон пешниҳод мекунам, ки нависед, чунки ман чунин воқеаро аз сар нагузаронидаам. Ва ҳар воқеае, ки саргузашти худам бошад ё асосаш аз саргузашти худам бошад, дидам, ки дар он муваффақият меёбам. Қиссаи "Рухсора" ҳам муҳаббати ҷавонии ман буд. Инро бисёр ҳамсолони ман медонанд ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ба ҷавонон писанд омад ва имрӯз ҳам ба шавқ мутолиа мекунанд.

— ***Ҳикояҳои зиёде эҷод кардаед, ба ман ҳамчун хонанда ҳикояи "Пеш аз шаби арӯсӣ" ҳанӯз дар ёд аст. ҳам сюжет, ҳам забону тавсири бадеӣ ҷолиб аст. Рости гап, ба чанд нафар ҳам тавсия додам, ки ин ҳикояро хонанд. Дар ҳикоя яке аз қаҳрамонҳои асосӣ адиб аст. Ман чунин гумон бурдам, ки саргузашти худи Шумо бояд бошад. Оё ҳамин тавр аст?***

— Бале, китоби "Пеш аз шаби арӯсӣ", ки соли 1989 нашриёти "Адиб" интишор сохт, 50 ҳикояамро дар бар мегирад. Ва дар тасаввур меорам, ки ҳар як ҳикоя як вақти зиндагии ман аст. Зиндагии адиб зиндагии ҳамвор, зиндагии осон нест. Агар он китобро хонанда хонад, мефаҳмад. Дар он ҷо хонанда ҳам гиря мекунад, ҳам хушнуд мешаваду механдад. Бисёри он ҳикояҳо, гуфтан мумкин тамоми он ҳикояҳо, аз саргузашти худам аст. Бигирем, ҳикояи "Соломея". Боре мо дар бинои Университети давлатии Маскав бо рафиқҳои олмонӣ нишастему дар симои яке он духтарон ҳамдиёри худамонро шинохтам. Падараш аз Тоҷикистон будааст, саргузашти худи мо ҳаст, шоҳидон ҳастанд. Ё худ ҳикояи "Ғӯрамарг" саргузашти фарзанди ҷавонмаргам аст. ҳамон эҳсосот, ҳамон дарду аламеро ки аз вафоти вай мекашидам, ҳамонро як шабе бо фарёд хеста навиштам.

— ***Ё ки як ҳикояи дигаратон ҳаст, муаллим, дар бораи солҳои 30-юм чӣ тавр китобҳои моро месӯзонданд…***

— Вақте ман ба деҳоти Самарқанд, ба зодгоҳи азизам рафтам, ҳамин вақеаро шоҳид будам, рафиқам ҳам. Китобҳоро аз девори масҷиду аз ғорҳо ёфтем.

— ***Боз ба ёдам мерасад, дар байни ҳикояҳоятон як ҳикояе ҳаст, ки дар бораи як духтар нақл мекунад. Он духтар ба муҳаббати ҷавонон бовар мекунад, ба инаш бовар мекунад, ба дигараш…***

— Шумо ҳикояи “Товуси маст”-ро дар назар доред. Товус дар ҳақиқат як духтари ҳамсояи мо буд. Бисёр духтари нозанин ва бисёр мехостам, ки ӯ хушбахт бошад, аммо ҳусни зиёда ҳам боиси бадбахтии духтар мешудааст. Айнан ман ҳаёти ӯро тасвир кардаам дар ҳикоя. То ки барои дигар духтарон ибрат шавад. Ман боварӣ дорам, ки ҳар як падаре, ки духтар дорад, ба духтараш ин ҳикояро хон мегӯяд, зеро ки вай сабақ бояд бошад барои ҳар як духтар, саргузашти қаҳрамони ҳикояи “Товуси маст”. Агар ба ҳикояи “Пеш аз шаби арӯсӣ” диққат карда бошад, ин ҳикоя ҳам бо як нафас навишта шудааст…

— ***Ва бо як нафас хонда мешавад.***

— Бояд ки ҳамин тавр шавад. Духтари айёми маро тасвир кардаам, лекин аз будаш болотар тасвир кардаам ин ҷо. Чунин духтари донишманд шояд, ки дар байни духтарони мо камтар ба назар хурад. Қаҳрамони ман аслан дар зиндагӣ Бунафша ном дошт, албатта он чуноне, ки вай он ҷо тасвир шудааст, чунин донишманд набуд, лекин ман хостам, ки духтарони мо ҳамин хел бояд бошанд. Ба ҳамин чашм ба муҳаббат назар кунанд. Адиб мехоҳад каҳрамони асараш дар радифи одамони одӣ набошад, зеро дилчасп намебарояд. Вай бояд як сару гардан аз зиндагӣ баландтар бошад. Қаҳрамонони Ҷек Лондонро бинед, чунон қаҳрамонеанд, ки иродаи онҳо аз одамони одӣ як сару гардан баландтар аст. Вай касро ба зиндагӣ илҳо мекунад. Ба фикрам дӯстдории ин духтар ҳам ба дӯстдорӣ, ба муҳаббат илҳо мекунад, зеро ки аз муҳаббати одӣ як сару гардан баландтар ҷилва мекунад. Муваффақияти асар дар ҳамин будагист.

— ***Қиссае доред бо номи “Ту танҳо не” ва маҳалли тасвири ин вақеа ба ман маълум аст, яъне ки ман ошно ҳастам ба он ҷойҳое, ки Шумо тасвир кардед: водии Вахё. Шумо магар дар он ҷо будед?***

— Бале. Ман геолог нестам, аммо як нафар аз дӯстони ман сардори идораи геологҳо, маъданковон буд. ҳар замон ба ман мегуфт, ки Шумо дар бораи чӯпону деҳқону пахтакор менависед, аммо дар бораи геологҳои мо то ҳанӯз ягон китобе нест. Ман ба ӯ доим ваъда мекардам, ки менависам ва барои навиштан як соли дароз тайёрӣ дидам, илми геологияро омӯхтам. Баъди як сол ман ба диёри Шумо рафтам. Ба он ҷо ҳамчун нависанда не, ҳамчун коргар рафтам, то ки нашиносанд. Агар мешинохтанд, ман ҳеҷ маълумоте гирифта наметавони-

стам. Ва ҳамчун геологҳо дар баландии севуним-чор ҳазор метр кор кардам. Дар ҳамон ҷойҳое, ки тасвираш кардам, будам, аммо афсӯс, ки он замон вақте буд, Хрушев камакак озодиро дода буд. ҳамон озодӣ барҳам хӯрдагӣ буд ва ҳеҷ як фикри озодро дар матбуот роҳ намедоданд. Маҷбуран кӯҳистони ободро тарк карда мардум ҳама ба водӣ кӯчидаанд. Кӯҳистоне, ки як замон обод буд, бекас, тамоман хароба шудааст. Ман ҳамин фоҷеаро нишон додан мехостам, аммо ба ман ин чизро имкон надоданд дар ҳамон замон. Бинобар ин мехоҳам, ки дубора ягон рӯз ба сари ин қисса баргардам ва онро аз дигар нависам. ҳарчанд ки ин қисса ба тоҷикӣ чоп шуд, ба забони русӣ дар Маскав тарҷума шуду чоп шуд. ҳатто аз Озарбойҷон як рафиқи озарбойҷонӣ, ки вай геолог ва нависанда будааст, бисёр тақризи аҷоиб фиристод ба идораи "Адабиёт ва санъат" ва онро чоп кардабуданд дар ин рӯзнома. Вай ҳатто гуфтагӣ буд, дар Озарбойҷони мо, ки ватани геология ҳаст, ин қадар конҳо дорем, ҳанӯз аз рӯзгори геологҳо чунин қиссае ба вуҷуд наомадааст. Аммо ман бори дигар мегӯям, қиссаро аз сари нав навиштан мехоҳам, зеро бисёр дардҳое, ки дар дилам буд, онҳоро ҳамон замон ошкоро гуфта натавонистам ва гуфтаги дардҳоямро ҳам намонданд, бурианд. ҳатто дар нашри Маскав баъзе чизҳо ҳаст, аммо сензураи мо ин чизҳоро нагузаронда буд.

— ***Ва ҳоло ба эҷоди ин чиз машғул ҳастед?***

— Не, ҳоло ба даст нагирифтаам. ҳоло дар сари романе кор карда истодаам. ҳамин ки ин романро анҷом додам, як фурсате пайдо мекунаму ба сари "Ту танҳо не" аз сари нав менишинам.

— ***Муаллим, дар эҷодиёти Шумо боз як чиз ба назар намоён ҳаст. Ин мақолаҳои публисистиатон мебошад ва давои дарди ҷомеа дар онҳо нишон дода шудааст, вале намедонам барои табобат онро ба назар мегиранд ё ки не?***

— Албатта, дар ҷомиаи муттамаддин, дар ҷомиае, ки аз кӯдакӣ он то президенти он китоб мехонад, бояд ки матбуот тарзи давлатдориро идора кунад. Дар Америка ва дигар давлатҳо мабуот идора мекунад. Матбуот нозир аст. Аммо афсӯс, ки дар мо, чи хурду чи бузург камтар китоб мехонад. Ба садои адибон, журналистон камтар гӯш мекунанд. Ман пеш аз ҳамин тӯфонҳо, пеш аз ҳамин хунрезиҳо дар рӯзномаҳо хеле мақолаҳо чоп карда, мардумро, намояндаҳои фирқаҳоро ҳатто аз ҳамин бадбахтиҳо огоҳ кардам. Агар хонандаҳо он

мақолаҳоро, ки дар китоби нави ман “Саҳнаи гардон” гирд омадааст, хонанд, равшан мебинанд. Аммо фарёде буд, ки шамол ҳар тараф мебурд, вале ба гӯши касе намерасид. Ва ҳатто ман дар мактуби худ, дар номаи кушодаи худ ба Президент Раҳмон Набиев (рӯҳаш шод бо) дар ҳафт қисм пешниҳод кардам ақидаҳои худро ва дар ҳамон ҷо гуфта будам, ки ҷумҳуриятҳои ҳамсояи мо- ҳама барои баровардани пулҳои худ омодагӣ мегиранд, мо бе парво гаштаем. Фардо агар онҳо пулҳои худро иваз кунанд, тамоми селоби пули бекора ба мамлакати мо мерезад. Барои ин бояд ки Шумо як чорае биандешед аз ҳозир. Гиред китобро, хонед, ҳамин чизро гуфта будам, аммо афсӯс, ки ҳеҷ кас гӯш накард ва ҳамин воқеа рӯй дод. Ё худ барои пешгирии хунрезиҳо, барои ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳар чизе, ки гуфтем, гуфтам-ку фарёде буд дар шамол.

***— Имсол як китоби нави Шумо аз чоп баромад ва ин китоб аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он бештар мақолаҳои публисистии Шумо, мусоҳибаҳоятон бо журналистон ва назаратон ба эҷодиёти адибон чоп шудааст. Ин мувофиқи хоҳиши хонандагон буд ё ки нашриёт фармон дод ва ё худатон чунин хостед?***

— Ман мақолаву очерк ва публисистикаи худро дер боз ба нашр ҳозир мекардам, зеро дар он мақолаҳо ҳис мекардам, ки ба хонандагон як ғизои маънавии зарурие ҳаст. Масалан, ҳикоя чист ва чӣ тавр онро менависанд. Ин матни фишурдаи сӯҳбате буд дар курс-конференсияҳо бо адибони ҷавон. Масалан, ҳикоя меоранд ба назди ман, воқеаро аз ҳикоя фарқ намекунанд. Ягон воқеаро шуниданду менависанд ва мегӯянд, ки ҳикоя аст. Дар бораи ручка ман ба Шумо воқеаро гуфта медиҳам, ё дар бораи айнак ё ва ё кулоҳ. Лекин ин чиз ҳикоя нест, воқеа аст. Ин чизро ҳар як адиб бадоҳатан гуфта метавонад. ҳикоя чизи дигар аст. Характер дошта бошад. ҳикоя бояд ки ду дастаке бошад, ё нафрат пайдо кунед бо ҳамон чиз ё муҳаббат. Бисёр адибони ҷавон ҳамин чизро намедонанд. Ман дар ҳамин мақолаи «Ҳикоя чист ва чӣ тавр онро менависанд?» ана ҳамон алифбои ҳикоянависиро ба онҳо баён кардаам. Ё худ тақризи ман ба луғати русӣ-тоҷикӣ, ки дар он камбудиҳои хеле зиёд роҳ ёфтаанд. Барои он ки ҳар як хонандаро огоҳ кунем, ки танҳо ба ин луғат такя кардан лозим нест, ба луғатҳои дигар ҳам муроҷиат кунед.

Боз дар он ҷо бисёр мавзӯъҳое, ки аз доираи ҳикояву қисса берун аст, яъне ба коргоҳи адиб мебарад. Ба сирри нависандагӣ,

ба сирри эҷодкорӣ ошно мекунад хонандаро. Дар ин китоб боз мақолаҳои публисистии ман доир ба сиёсат, иҷтимоиёти ҷумҳуриятамон ҷамъ оварда шудааст, ки хондани онҳо имрӯз ҳам аз фоида холӣ нест ва фардо ҳам барои мо даркорӣ барин менамояд.

— ***Як чизи дигарро мехостам пурсам. Тарзи эҷоди Шумо чӣ хел аст, пайваста кор мекунед ё соатҳои махсуси эҷодӣ доред?***

— Агар адиб, нависанда пайваста кор накунад, мегӯянд, ки аз бод мебарояд. Агар ман як моҳ ба даст қалам нагираму нанависам, моҳи дигар дар рӯйи мизи нависандагӣ нишастани ман бисёр душвор мешавад. Соатҳо менишинам, менависам, даронда мепартоям, яъне ҳис мекунам, ки ман аз бод баромадаам. Бинобар ин нависанда ҳаддалимкон кӯшиш кунад, ки пайваста ҳар рӯз як-ду саҳифа нависад. Ман ҳам ҳаракат мекунам, ҳар шабонарӯз, ҳеҷ набошад, ягон соат бо кори нависонавис машғул бошам. ҳеҷ набошад, рӯзномаи мунтазам дорам, ман рӯзномаи худро менависам ва ҳамаи он воқеоте, ки дар тӯли як шабонарӯз шоҳид будам, онро баён мекунам. Ё бо кӣ вохӯрдам, бо кӣ гуфтугузор доштам. Ин чизҳоро ҳатто сабт мекунам, агар чизе навиштанӣ набошам ва асосан рӯзҳои истироҳатиамро барои навиштан харҷ мекунам. Дар тӯли як сол ман асосан ба нашри маҷаллаи “Сайҳун” машғул будам. Қиссаву ҳикоёти адибонро бештар ба хона оварда мехондам, ки барои интихоби як ҳикоя ба “Сайҳун” даҳҳо ҳикояро варақгардон мекардам, то маҷалла барои хонандагон муфид бошад ва завқу салиқаи онҳоро баланд бардорад.

— ***Ҳоло дар сари мизи кориатон қисса, роман ва ё ҳикояе доред, ки онро навакак ба анҷом расонида бошед?***

— Бале. Ман чандин сол боз як романи калонҳаҷмеро менависам ва китоби аввалини онро ба анҷом расонидаам. Ин роман “Ғафлатзадагон” ном дорад. Воқеоти солҳои 30-юм то 60-умро дар бар мегирад. Дар маҷаллаи “Сайҳун” кайҳо ба чоп рафт ва дар соли нав давомаш чоп мешавад.

— ***Муаллими мӯҳтарам, хеле хушҳол шудам аз сӯҳбат бо Шумо, як ҷаҳон ташаккур.***

— Муваффақ бошед.

Сӯҳбаторо ***Ҳокими* Азиз**

*24 декабри с. 1993*





Вохӯрӣ бо адиби маъруф Н. Тихонов



Дар меҳмонии маҳфили «Адибони ҷавон»-и ДМТ. Садри маҳфил профессор В. Асрорӣ.



Ҳангоми сӯҳбат бо академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ва нависанда Абдулҳамиди Самад.



Декабри соли 1988. Дар ҳалқаи адибони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон.



Хуҷанд, с. 1962. Бо дӯстону ҳамдиёрон.

.




Ҳамсари Бахром Фирӯз –Саиднисо
дар мавсими пахтачинӣ.



29 марти соли 1982, ш. Душанбе. Баҳром Фирӯз ҳангоми вохӯрӣ дар факултаи филологияи тоҷики ДМТ.



Соли 1978. Баҳром Фирӯз бо адибон Ҷалол Икромӣ ва Мӯъмин Қаноат дар фароғатгоҳи Писунда.



Соли 1985. ш. Душанбе. Баҳром Фирӯз, Юсуф Акобиров, Ҷонон Бобокалонова ҳангоми вохӯрӣ бо мактаббачагон дар музеи мактаби миёнаи рақами 53



Нависанда Баҳром Фирӯз дар ҳуҷраи кории хеш.



Соли 1988. Баҳром Фирӯз бо ҳамсараш Саиднисо.



Баҳром Фирӯз ҳангоми сӯҳбат бо адабиётшинос Атахон Сайфуллоев ва шоир Мӯъмин Қаноат дар фароғатгоҳи нависандагон дар дараи Варзоб.




Соли 1987, Булғория, шаҳраки Маъдан. Баҳром Фирӯз ҳангоми суханронӣ.



Соли 1986, ш. Конибодом. Ҳамроҳи ҳамкаламону дӯстон.



Соли 1987. Истаравшан. Баҳром Фирӯз дар иҳотаи китобдӯстон.



Соли 1987. Баҳром Фирӯз, шоир Гулназар ва дӯстон дар истироҳатгоҳи Хоҷа Обигарм.



Баҳром Фирӯз бо писараш Искандар.



Соли 1994. Хуҷанд. Баҳром Фирӯз бо драматург Шамсӣ Қиёмов.

## *МУНДАРИҶА*

## Дарёи меҳри устодону ҳамкорон ва шогирдон

**Меҳмон Бахтӣ.** Адиби хушному хушқалам……………………………3
**Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.** Зарраҳои одамият ........................ 5
**Гулназар.** Ҷоизаи асл……………………………………………………...20
**Кароматуллоҳи Мирзо.** Номаҳо, навиштаҳояш монда………………...27
**Абдумалик Баҳорӣ.** Таскини дил…………………………………………38
**Гулчҳера Сулаймонӣ.** Нексиришт………………………………………...42
**Сайидалӣ Маъмур.** Ба сухан зинда шавад……………………………….44
**Мирзонасриддин.** Дарси одаму одамгарӣ………………………………..46
**Додоҷон Раҷабӣ.** Қаламкаши сеҳрнигор………………………………….58
**Латофат.** Сухангустар……………………………………………………….61
**Раҳмат Давлатов.** Дар дилу хотири ман зинда аст……………………..69
**Расул Шарифов.** Орифона мегуфту олимона менавишт………………75
**Мирзо Шукурзода.** Адиби хушном ва хушмазҳар……………………….84
**Сайёди Ғаффор**. Чеҳраи ҳамеша шодоб………………………………….86
**Тӯҳфа Расулӣ.** Ёди нек……………………………………………………..88
**Пайванди Гулмурод.** Паёмгари фардо буду бигзашт…………………..91

## Аз хазинаи адиб

**Баҳром Фирӯз.** Саломея ……………………………………………….....97
**Баҳром Фирӯз.** Хонавода ва ҷомеа ……………………………………...107
**Баҳром Фирӯз.** Зиндагии адиб ҳамвору осон нест……………………112

**Ҳикояту ривояти аксҳо**…………………………………………..120

# ДАРЁИ МЕҲР
**(Маҷмӯаи хотирот)**

Мураттиб ва масъули чоп
***Пайванди Гулмурод***

Ҳуруфчини компутарии
***Мавзунаи Пайванд***

Саҳифабанди компутар
***Фарҳод Раҳимов***

Ба матбаа 20.10.2009 супорида шуд. Ба чопаш 25.10.2009 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 8,25. Адади нашр 200 нусха. Супориши №175.

Нашриёти «Адиб».
734018, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев, 17.